ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

# «ЗАМИНАҲОИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ ВА ИҚТИСОДИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

***Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ***
***(24-25 ноябри соли 2023)***
***ҚИСМИ 2***

# «НАУЧНО -ТЕХНИЧЕСКИЕ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН»

***Материалы международной научно-практической конференции***
***(24-25 ноября 2023 года)***
***ЧАСТЬ 2***

**Душанбе – 2023**

**ҲАЙАТИ ТАДОРУКОТ**

**Амонзода И.Т.** – д.и.т., ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, раиси кумитаи тадорукот;
**Ғафоров А.А**. – д.и.т., и.в.профессор, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот;
**Тошматов М.Н**. – н.и.и., и.в. профессор, муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот;
**Гафоров Ф.М. –** н.и.и., и.в. дотсент, муовини ректор оид ба инноватсия ва технологияҳои таълим;
**Бобоев Х.Б.** – д.и.т., и.в.профессор, муовини ректор оид ба равобити хориҷӣ ва масоили иҷтимоӣ;
**Абдумуминзода С. –** н.и.п., и.в.дотсент, муовини ректор оид ба тарбия;
**Негматова Г.Д.** – н.и.ф.-м., и.в.дотсент, сардори идораи таълимию методӣ;
**Ҳакимов Ғ.Қ.** – н.и.т., дотсент, декани факултети муҳандисӣ–технологӣ;
**Иброгимов Х.И**. – д.и.т., профессор, декани факултети технология ва дизайн;
**Зарифбеков М.Ш.** – н.и.ф.-м., и.в.дотсент, декани факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интелекти сунъӣ;
**Сатторов А.А.** – н.и.и., дотсент, декани факултети иқтисодиёт ва молия;
**Раҳимов М.И.** – н.и.и., и.в.дотсент, декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ;
**Озодбекова Н.Б.** – н.и.ф.-м., и.в.дотсент, декани факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ;
**Насриддинов М.Ш. -** н.и.и., и.в.дотсент, декани факултети таҳсилоти фосилавӣ ва ғоибона;
**Яминзода З.А.** – н.и.т., дотсент, декани факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Белорус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;
**Ҳасанов А.Р.** - н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ - педагогӣ;
**Рабиева Т.М**. – н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи магистратура.

**ОРГКОМИТЕТ**

**Амонзода И.Т.** – д.т.н., ректор Технологического университета Таджикистана, председатель оргкомитета;
**Гафаров А.А.** – д.т.н., и.о.профессора, проректор по науке и внедрению;
**Тошматов М.Н**. – к.э.н., и.о. профессора, проректор по учебной работе и управлению качеством образования;
**Гафаров Ф.М. –** к.э.н, и.о. доцента, проректор по инновации и образовательным технологиям;
**Бобоев Х.Б.** – д.и.н., и.о.профессора, проректор по международным связям и социальным вопросам;
**Абдумуминзода С. –** к.п.н., и.о. доцента, проректор по воспитательной работе;
**Негматова Г.Д**. – к.ф.-м.н., доцент, начальник учебного учебно-методического управления;
**Хакимов Г.К.** – к.т.н., доцент, декан инженерно-технологического факультета;
**Иброгимов Х.И.** – д.т.н., профессор, декан факультета технологии и дизайна;
**Зарифбеков М.Ш. -** к.ф.-м.н., и.о.доцента, декан факультета информационных технологий и искусственного интелекта;
**Сатторов А.А.** – к.э.н., доцент, декан факультета экономики и финансов;
**Рахимов М.И.** – к.э.н., и.о.доцента, декан факультета менеджмента и международного маркетинга;
**Озодбекова Н.Б.** – к.ф.-м.н., и.о.доцента, декан факультета телекоммуникации и профессионального образования;
**Насруддинов М.Ш**. - к.э.н., и.о.доцент, декан факультета дистанционного и заочного образования;
**Яминзода З.А.** – к.т.н., декан совместного факультета Государственного университета Полоцка Республики Белоруссии и Технологического университета Таджикистана;
**Хасанов А.Р.** - к.э.н., доцент, зав. отделом научно-исследовательских работ и подготовки научных и научно – педагогических кадров;
**Рабиева Т.М.** – к.э.н., доцент, начальник отдела магистратуры.

Муҳаррири матни забони русӣ: **Самадова З.С. – н.и.ф., дотсент;**
Муҳаррири матни забони тоҷикӣ: **Бобоева Т.Р. – н.и.ф., дотсент;**
Ороиши компютерӣ ва тарроҳӣ: **Ҳомидова Ф.Х. – мутахассис - таҳлилгари шуъбаи илм.**

***

***Ответственность за содержание и достоверность сведений, предоставляемых для опубликования, несут авторы. Редакция не несёт ответственности за содержание предоставленного материала. Мнение авторов публикаций может не совпадать с точкой зрения редакторов.***

***Масъулияти муҳтаво ва эътимоднокии иттилооте, ки ба нашр пешниҳод шудаанд, ба дӯши муаллифон вогузор карда мешавад. Ҳайати таҳририя ба мазмуни маводи пешниҳодшуда ҷавобгӯ нест. Андешаи муаллифони мақолаҳо метавонанд ба нуқтаи назари ҳайати таҳририя мувофиқ наояд.***

***

***Душанбе, 2023. – 167с.***
© Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2023.

# МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ


| | | |
|---|---|---|
| **БАХШИ 4. АҲАМИЯТИ СОҲИБКОРИИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** | | |
| 1. | **Абдуллоев М. М.** САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ - ТАЛАБОТИ ЗАМОНИ МУОСИР........ | 6 |
| 2. | **Абдурахмонова Б.С.** САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ДАР РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ МАМЛАКАТ........ | 8 |
| 3. | **Азимова М. Т.** УСКОРЕННАЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ КАК ОДИН ИЗ ФАКТОРОВ РАЗВИТИЯ ЗАНЯТОСТИ В СФЕРЕ ПРОМЫШЛЕННОСТИ........ | 12 |
| 4. | **Акилҷонов Ф.Ш.** БАЪЗЕ НАЗАРИЯҲОИ МЕХАНИЗМИ ТАҚСИМОТИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ........ | 14 |
| 5. | **Арбобов С. С.** НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ БИЗНЕС-ИНКУБАТОРҲО ДАР ТАШАККУЛИ ИНФРАСОХТОРИ РУШДИ САНОАТИ ИННОВАТСИОНӢ........ | 18 |
| 6. | ***Ашурова Н.Э.*** ИННОВАЦИОННЫЙ МЕТОД В РАЦИОНАЛИЗАЦИИ ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ – ПУТЬ К УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ........ | 22 |
| 7. | **Бегмуродов С.Ш.** НАҚЛИЁТ ҲАМЧУН СОҲАИ МАХСУСИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОДДӢ........ | 29 |
| 8. | **Гадоев А.Ҷ.** АФЗАЛИЯТИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР СУРЪАТБАХШИИ САНОАТИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАЪМИНИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ........ | 31 |
| 9. | **Гафарова М.Р.** УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ СЕЛЬСКИХ ТЕРРИТОРИЙ ТАДЖИКИСТАНА........ | 38 |
| 10. | **Дарингов К. П.** МЕТОДИКА ПРОГНОЗИРОВАНИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ........ | 42 |
| 11. | **Достиев М. Н., Зоҳодов К. С., Шоҳзода Н.И.,** ИДОРАКУНИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МАРКЕТИНГӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ЭКОЛОГӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАТБИҚКУНАНДАИ ПРИНСИПҲОИ ИҚТИСОДИ “САБЗ”........ | 45 |
| 12. | **Досиев М. Н., Шохзода Н. И.** ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ МЕХАНИЗМ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ РЫНКА ЭКОЛОГИЧЕСКИХ УСЛУГ........ | 49 |
| 13. | **Каримова Г. М.** МАРҲИЛАҲОИ ТАҲАВВУЛОТИ КОНСЕПСИЯҲОИ РУШДИ СТРАТЕГИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ........ | 53 |
| 14. | **Маъмуров А.М.** ВУСЪАТДИҲИИ РУШДИ ШАРИКӢ МИЁНИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ВА АНДОЗСУПОРАНДА........ | 59 |
| 15. | **Насуллоҷонова Ш. А.** МЕХАНИЗМҲОИ МУОСИРИ БАҲОДИҲИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ........ | 63 |
| 16. | **Орифов Р., Орифова Х.** АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ АЛЮМИНИЕВОЙ ОТРАСЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН........ | 66 |

| | | |
|---|---|---|
| 17. | **Рабиева Т.М.** ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОГО ИМПОРТОЗАМЕЩАЮЩЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В УСЛОВИЯХ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН............ | 70 |
| 18. | **Раджабова Ф.Х., Маджидов Ф.А.** ПЕРСПЕКТИВНЫЕ ВАРИАНТЫ ПОВЫШЕНИЯ РОЛИ УСЛУГ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ В НАСЫЩЕНИИ ПОТРЕБИТЕЛЬСКИХ РЫНКОВ ТАДЖИКИСТАНА.................................................. | 77 |
| 19. | **Сабиржанов А.С., Хасанов А.Р.** ЦИФРОВАЯ ЭКОНОМИКА И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ: ОЦЕНКА И ВОЗМОЖНОСТИ В УСЛОВИЯХ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН.................................................................................................... | 80 |
| 20. | **Содиков Р.Х.** МЕТОДЫ КОЛИЧЕСТВЕННОЙ ОЦЕНКИ ХОЗЯЙСТВЕННЫХ РИСКОВ ПРЕДПРИЯТИЙ ХЛОПКООЧИСТИТЕЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ... | 88 |
| 21. | **Султонов А.Н.** ЗАРУРАТИ ОБЪЕКТИВИИ НАВСОЗИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН МУҲИМТАРИН ОМИЛИ РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ................................................ | 94 |
| 22. | **Султонов А.Н.** САРЧАШМАҲОИ МУОСИРИ САРМОЯГУЗОРИҲО БА СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ................................................ | 99 |
| 23. | **Хайруллоев Ф.Н.** НАЗАРИЯҲО ОИД БА ХАВФ, САБАБИ ТАСНИФ ВА ГУРӮҲБАНДИИ ОНҲО..................................................................................... | 102 |
| 24. | **Шарифзода Ш.Р.** РОЛЬ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРЕДПРИЯТИЯ КАК ОБЪЕКТ УПРАВЛЕНИЯ......................................................... | 107 |


**БАХШИ 5. ҶАНБАҲОИ ИЛМӢ-ГУМАНИТАРӢ ВА ИҶТИМОИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


| | | |
|---|---|---|
| 25. | **Арифджанова Н.Р.** НАЦИОНАЛЬНАЯ ИДЕЯ И ГРАЖДАНСКОЕ ОБЩЕСТВО В ТАДЖИКИСТАНЕ В УСЛОВИЯХ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ........... | 117 |
| 26. | **Вахобова А.А, Нурулоева З.К, Джураева С.Н.** РЕЧЕВАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ КАК ОСНОВА РАЗВИТИЯ КОММУНИКАТИВНОЙ КУЛЬТУРЫ БУДУЩЕГО ИНЖЕНЕРА-ПЕДАГОГА.................................................................................... | 121 |
| 27. | **Гулаҳмадов Ш. Н.** НИГОҲЕ БА ОЯНДАИ ТАЪЛИМИ АКАДЕМИКӢ ВА РАВАНДИ ТАҲСИЛ ДАР ҶОМЕАҲОИ МУОСИР.................................................. | 124 |
| 28. | **Заробекова А.А., Таирова Д.Р., Джураева С.Н.** ПРИЕМЫ, СПОСОБЫ И СРЕДСТВА АКТИВИЗАЦИИ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НА УЧЕБНЫХ ЗАНЯТИЯХ......................................................................................... | 131 |
| 29. | **Носиров С. М**. ГАНҶИНАИ ПУРФАЙЗИ ЗАБОНИ МОДАРӢ................................... | 145 |
| 30. | **Таирова Д.Р., Заробекова А.А.** ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТРЕБОВАНИЯ К ФОРМИРОВАНИЮ РЕЧЕВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ПРОЦЕССЕ МЕЖПРЕДМЕТНЫХ СВЯЗЕЙ.................................................................................... | 136 |
| 31. | **Шамсова Б.К.** АЛОҚАМАНДИИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БО ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИН.................................................................................... | 145 |
| 32. | **Шарифзода И.У.** ҶАНБАҲОИ ИЛМӢ-ГУМАНИТАРӢ ВА ИҶТИМОИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН......................... | 147 |

# БАХШИ 4.
# АҲАМИЯТИ СОҲИБКОРИИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# СЕКЦИЯ 4.
# ЗНАЧЕНИЕ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В УСЛОВИЯХ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ - ТАЛАБОТИ ЗАМОНИ МУОСИР

**Абдуллоев Маъруфҷон Муҳамадҷонович**
*муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии ДДҲБСТ, шаҳри Хуҷанд, вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ саноати мамлакатамон ба буҳрони трансформатсионӣ афтод (то соли 1997) ва сипас бо суръати нисбатан баланд аз он берун шудан гирифт. Дар 10 соли аввали истиқлолият (то соли 2000) ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (2,4 маротиба) якбора паст шуд ва баъдан афзоиш намуд. Эҳёи истеҳсолоти саноатӣ пас аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарорсозии сулҳу оромӣ дар кишвар моҳи июни соли 1997 оғоз ёфт. Соли 2010 саноат нисбат ба соли 2000-ум 2,0 баробар, соли 2020 нисбат ба соли 2010-ум 2,7 баробар ва нисбат ба соли 2000-ум 5,4 баробар афзоиш ёфт. Маълум мешавад, ки суръати баландтарини афзоиш дар 10 соли охир ба миён омадааст.

Ин аз бисёр омилҳо вобаста аст, ки яке аз онҳо хеле васеъ шудани фазои саноатии мамлакат мебошад. Имрӯз дар ҷумҳурӣ ноҳияе нест, ки маҳсулоти саноатӣ истеҳсол накунад, дар ҳоле ки соли 1991 дар ноҳияҳои Файзобод, Роғун, Нуробод, Рашт, Тоҷикобод, Сангвор, Лахш, Зафаробод, Кӯҳистони Мастчоҳ, Балҷувон, Қубодиён, Дӯстӣ, Н.Хусрав, Муъминобод, Темурмалик, Ш.Шоҳин ва дар ҳафт ноҳияи ВМКБ саноат ба роҳ монда нашудааст.

Маълум аст, ки то замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон саноат дар ҷумҳурӣ танҳо аз рӯйи нақша, дар асоси манфиатҳои тақсимоти иттифоқии меҳнат дар доираи ягонагии миллӣ ташаккул меёфт, инкишоф меварзид ва дар минтақаҳо ҷойгир карда мешуд. Он соҳаҳое инкишоф ёфтанд, ки самараи бештари иҷтимоию иқтисодӣ ба истифодаи захираҳои табиии маҳаллӣ, обу энергетика, хоҷагии қишлоқ, меҳнат ва ашёи хом, масолеҳ ва захираҳои энергетикии аз хориҷа овардашуда диққати калон дода мешуданд.

Гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ дар истеҳсолоти саноатӣ тағйироти калон ба амал овард, ки нақшаи давлатиро истисно карда, на ҳамаи омилҳо ва шароити ҷойгиркунии саноатро дар тамоми мамлакат ба назар мегирад. Моҳияти асосии ғайримарказии ҷойгиркунии истеҳсолот дар иқтисодиёти бозоргонӣ дар он аст, ки соҳибкори хусусӣ манфиатҳои бартарии корхонаҳои хурду миёнаро, ҳиссаи калони моликияти хусусиро ба воситаи истеҳсолот ва тағйироти муносибатҳои истеҳсолӣ амалӣ менамояд.

Суръати баландтарини афзоиши маҳсулоти саноат дар солҳои 2000-2020 дар вилояти Суғд 1809,6 фоизро ташкил дод. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ низ дар шаҳри Душанбе 1679,0 фоиз ва дар вилояти Хатлон 1024,2 фоиз афзоиш ёфт. Суръати пасти афзоиши маҳсулоти саноат нисбат ба дараҷаи миёнаи ҷумҳуриявӣ дар ВМКБ 535,8 фоиз ва аз ҳама паст дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - ҳамагӣ 87,6 фоизро ташкил дод.

Дар давраи саноатикунонии босуръати мамлакат талаботи ҷамъият ба илм, маориф ва инноватсия, махсусан алоқаи илм бо истеҳсолот рӯз то рӯз меафзояд. Солҳои охир Сарвари давлат ҷиҳати густариши ин раванд як қатор тадбирҳои иловагӣ андешиданд. Масалан, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Академияи илмҳо мақоми миллӣ дода шуд. Шӯрои илм, маориф ва инноватсия дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати илм ва инноватсия таъсис дода шуданд. Инчунин дар яке аз Паёмҳои Президенти кишвар бо мақсади рушди инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ба ҳукумат супориш дода

шуд, ки доир ба таъсиси Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо андешида шаванд. Дар ҷумҳурӣ ҳамчунин Муассисаи давлатии «Бизнес-инкубатори Тоҷикистон» таъсис дода шудааст (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2018 № 624), ки фаъолияти он бо мақсади дастгирии методӣ, иттилоотӣ, машваратӣ ва таълимӣ барои сохибкорон амалӣ карда мешавад.

Аз 25 июни соли 2020 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №390 муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Корхонаи воҳиди давлатии Бонки содиротии саноатии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» табдил дода шуд». 23 октябри соли 2020 КВД «Саноатсодиротбонк» аз БМТ иҷозатнома гирифт, ки ба он ҳуқуқ медиҳад, дар баробари маҳсулоти қарзии мавҷуда ба мизоҷони худ хизматрасонӣ оид ба кушодани суратҳисобҳои амонатӣ, интиқоли пул ва қарздиҳӣ бо асъори хориҷӣ пешниҳод намояд. Яке аз ҳадафҳои асосии бонк дастгирии соҳибкорони ватанӣ мебошад.

Аз 1 январи соли 2022 Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор гирифт. Аз ҷумла, дар он аз 10 ба 7 адад кам кардани навъҳои андоз ва аз 18 то 15 фоиз коҳиш додани меъёри андоз аз арзиши иловашуда пешбинӣ шудааст.

Дар кишвар бо мақсади саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» бомуваффақият амалӣ карда мешавад. Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ то соли 2025, "Барномаи рушди саноати сабук, саноат барои давраи то соли 2022" ва дигар барномаҳои соҳавӣ ҷорӣ шуданд.

Дар «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» вазифаҳои зерини рушди саноат муайян карда шудаанд: такмили заминаи институтсионалии рушди устувор ва босуръати соҳаҳо; баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ; афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ ба маҳсулоти тайёр; оқилона ҷойгир кардан ва аз худ намудани иқтидорҳои истеҳсолии мамлакат; зиёд кардани арзиши иловагии молҳои саноатӣ дар асоси инкишофи кластерҳои саноатӣ.

Вазифаҳои рушди минбаъдаи саноати кишвар дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба порлумони кишвар дар соли 2021 муфассал баррасӣ гардиданд. Дар давоми 5 соли оянда тараққиёти миёнаи солонаи иқтисодиётро дар сатҳи на камтар аз 7 фоиз таъмин намуда, ҳаҷми маҳсулоти умумии дохилиро ба ҳар сари аҳолӣ 2 баробар зиёд кардан лозим аст, ки он ба 11 миллион нафар мерасад. Дар ин давра бояд беш аз 500 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, даромади пулии аҳолӣ 2 баробар афзоиш дода, ҳиссаи қишри миёнаи аҳолӣ ба 45 фоиз расонида шуда, ба ин васила сатҳи камбизоатӣ то 15 фоиз коҳиш дода шавад. Инчунин, зиёда аз 870 корхонаи саноатӣ таъсис дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 миллиард сомонӣ ва содироти он 2 баробар зиёд карда шавад. Зарур аст, ки вазни қиёсии саноат дар махсулоти умумии мамлакат ба 26 фоиз расонда, дар ин ҷараён характери серсоҳаи истеҳсолоти саноат таъмин карда шавад.

Бо дарназардошти аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи кишвар, ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръати кишвар, қарор қабул шуд, ки солҳои 2022-2026 «Солҳои тараққиёти саноат» эълон карда шуд.

Бо татбиқи лоиҳаҳои бузурги сохтмон ва таҷдиди иншооти энергетикӣ мо итминон дорем, ки дар давоми 7 соли оянда иқтидори энергетикии кишварро ба 10 ҳазор мегаватт мерасонем ва яке аз ҳадафҳои стратегии давлатро амалӣ мегардонем, яъне истиқлолияти

комили энергетикӣ. Татбиқи ҳадафи дигари стратегӣ – индустрикунонии босуръати кишвар имкон медиҳад, ки рушди устувори саноат ҳамчун истеҳсолкунандаи арзиши иловашуда таъмин карда, дар натиҷа даҳҳо ҳазор ҷойҳои нави корӣ пайдо шаванд. Дар зарфи 5 соли наздик, яъне дар доираи «Солҳои тараққиёти саноат» имконияти барпо намудани корхонаҳои нав, аз нав барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда, зиёд кардани ҳаҷми истихроҷ ва коркарди маъданҳои фоиданок ба вуҷуд омада, имкон медиҳад ба кор андохтани як қатор корхонаҳои калон оид ба коркарди ниҳоии ашёи хом ва ташкили ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон дар роҳи саноатикунонии мамлакат кадамҳои дилпурона мемонад. Суръати афзоиши солҳои охир ба мо имкон медиҳад, ки ба пешравии сифатӣ дар тараққиёти саноат ва дар баробари ин ба тамоми иқтисодиёт ва некӯаҳволии халқи Тоҷикистон бо камоли некбинӣ назар кунем.

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе – 2016.
3. Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2019.
4. Индустриализация Таджикистана - рискованный шаг или просчитанная стратегия. https://tj.sputniknews.ru > industrializatsia-tajikistana-riskovanniy-shag-ili-proschitannaya-strategiya.
5. Советское наследие индустриализации Таджикистана. https://e-cis.info > news
6. Конференция на тему «Реализация ускоренной индустриализации Республики Таджикистан как четвертой цели национальной стратегии проблемы и пути их решения. https://tut.tj/?p=17257&lan


## САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ДАР РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ МАМЛАКАТ


**Абдурахмонова Барно Саидахматовна**

***муаллими калони кафедраи менеҷменти ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд )***


Оқибатҳои бухрони соли 2020 барои иқтисоди ҷаҳонӣ дар ноустувории иқтисоди кишварҳои ҳам мутараққӣ ва ҳам дар роҳи рушд, мушкилот бо афзоиши тарзи давлатӣ ва касри буҷети давлатӣ, ноустувории асъори захиравии ҷаҳонӣ, якбора паст шудани қобилияти қарздиҳии бонкҳои молиявӣ ифода ёфтааст. Дар ин шароит механизми асосии пурзӯр намудани фаъолияти сармоягузорӣ модернизатсия, навсозии техникӣ ва технологии истеҳсолот ва фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоягузорони хусусии хориҷӣ ва дохилӣ ба маблағгузории иқтисодӣ мебошад.

Ақидаҳои рушди минбаъда - превентивӣ, индустриалӣ ва инноватсионӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030)

нишон дода шудаанд, самтҳои рушди ояндаи кишварро дар шароити таъсири бевоситаи омилҳои дохилию беруна инъикос менамоянд. Тағйирёбии шиддатноки манзараи геополитикӣ ва геоиқтисодии ҷаҳони муосир, ки тайи солҳои охир пастравии иқтисодиёти ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар иқтисодиёти кишварҳои шарикони тиҷоратӣ ба мушоҳида мерасад, гузариши хоҷагидории ҷаҳонӣ ба сохтори нави технологӣ, инчунин боқӣ мондани мушкилот дар давраи тағйирпазирӣ, аз андешидани тадбирҳои муассир барои таъмини амнияти миллии мамлакат дарак медиҳад. Дар ин шароити мураккаб, рушди устувору ба моддиёт асосёфтаи бехатарии кишвар метавонад танҳо неруи инсонӣ ва иқтидори иқтисодӣ бошад.

Мақомоти давлатӣ дар чунин шароит ҳамчун субъекҳои талошкуниҳои рақобатнок барои сармоягузориҳо саъю кӯшиш мекунанд ва ба сармоягузорон "маҳсулоти" худро, ки "фазои сармоягузорӣ" мебошад, пешниҳод мекунанд.

Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ сармоягузории хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ва қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, аз самаранок ва оқилона истифода намудани он рушди минбаъдаи кишвар вобастагии зиёд дорад. Имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ муаммои аввалиндараҷа аз он нуктаи назар арзёбӣ мегардад, ки мо бояд ҳар чи зудтар аз модели истеъмолӣ ба модели сармоягузорӣ қадам ниҳем ва маҳз барои ҳамин, ҷалби сармоягузории хориҷиву ватанӣ барои илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидории кишвар вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити рушди ҳамгироии иқтисодӣ ва рақобати шадид бе маблағгузории иловагӣ таъсиси истеҳсолоти молҳои воридотивазшаванда ва ба содирот нигаронидашуда, афзоиши ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, диверсификатсиякунонии бозори дохилӣ, баланд бардоштани сифати моли истеҳсолоти дохилӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои мубрами хоҷагидорӣ ғайриимкон мебошад ва барои ҳалли масъалаҳои номбаршуда сармоя ва захираҳои калони инвеститсионӣ зарур мебошад. Барои ҳамин дар шароити кунунӣ ташаккулёбии механизми фаъолияти сармоягузории хориҷӣ ба таҳлили илмии соҳаи мазкур ва омӯхтани назарияи сармоягузорӣ, ошкор намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва дарки аҳамияти илмиву таҷрибадории он ниёз дорад.

Бо назардошти ин, ҳукуматислоҳоти институтсионалиро оид ба беҳсозии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ тавассути таҳкимдиҳии заминаи қонунгузорӣ, рушди низоми иҷрои қарордодҳо ва идоракунии корпоративӣ, таъмини ҳуқуқҳои молумулкӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурии зиёдатӣ, аз ҷумла баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ ва коҳишдиҳии хавфҳои сармоягузорӣ, идома медиҳад.

Нақши сармоягузорӣ дар амалишавии самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ дар раванди саноатикунонии кишвар муҳим буда, мутобиқ ба талаботи саноатикунонӣ аз нав таҳия, коркард ва қабули барномаҳои рушди соҳаҳои афзалиятдор, махсусан таҳия ва қабули барнома ва стратегияи босуръати рушди соҳаҳои саноати ватанӣ зарур аст.

Дар шароити муосир соҳибкории истеҳсолӣ яке аз унсурҳои афзалиятноки иқтисоди бозоргонӣ маҳсуб меёбад. Маҳз ҷалби бештари сармоя ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар мамлакат боиси ривоҷу равнақ ёфтани бахши хусусӣ гардида, ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ замима мегузорад. Ҳамин тариқ сармоя дар шароити дигаргуниҳои бозоргонӣ дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ нақши муҳимро мебозад. Бештари мамалакатҳои дунё бо мақсади рушди неруи сармоягузорӣ инчунин ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ медиҳанд.

Ташаккули фазои муосиди сармоягузорӣ доимо дар мадди назари давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта дар натиҷаи амалишавии бомуваффақонаи сиёсати давлатӣ неруи иқтисодии кишвар мунтазам рушд ёфта, ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он равона гардидааст.

Бар замимаи ин якчанд барномаҳои давлатӣ қабул гардиданд, ки тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2022 644,5 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 326,8 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим ва 317,7 млн. доллари ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида мебошанд. Мавриди зикр аст, ки ҷалби сармоягузории мустақим нисбат ба соли 2020 27,7 млн. доллари ИМА коҳиш ёфтааст [2, саҳ.34]. Аз ҳаҷми умумии ҷалби сармояи мустақим ба соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон, 25,4 % - яъне 83 млн.доллари ИМА ба соҳаи саноати коркард ва 51,3%, яъне 167,7 млн. доллари ИМА ба соҳаи саноати истихроҷи маъдан рост меояд. Ҳамин тариқ 76,7% ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва аз ҳаҷми умумии қарзҳои ҷалбгардида 116,9 млн. доллари ИМА ё 36,8% ба соҳаҳои саноат равона гардидааст, ки ин ҷо рушди неруи истеҳсолии мамлакат мушоҳида мегардад. Дар давраи солҳои 2007-2018 ба соҳаҳои иқтисодиёти мамалкат 9 млрд. 258,6 млн.доллари ИМА сармоягузории хориҷӣ ҷалб гардидааст, ки аз он 4 млрд. доллари ИМА-ро сармоягузории мустақим ва 4 млрд. 756,7 млн. доллари ИМА-ро қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида ташкил медиҳанд. Дар ин давра, ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои саноати хӯрока – 0,9 % саноат- 17,5%, саноати истихроҷи маъдан – 24%, саноати сохтмонӣ – 3,7% сармоя ҷалб карда шудааст. Дар соли 2018 ҷалби сармояи хориҷӣ бештар ба ш.Душанбе – 42,1%, вил.Суғд – 39,6% , вил. Хатлон-12,5%, – 0,04% ва НТҶ-5,5% равона гардидааст.

Дар баробари ин дар СМРУТ барои давраи то солҳои 2031 омадааст: “Ҳукумат ислоҳоти институтсионалиро оид ба беҳсозии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ такмилдиҳии рушди низоми қарордодҳо ва идоракунии корпоративӣ, таъмини ҳуқуқҳои молу мулк, бартараф намудани монеъҳои маъмурии зиёдати аз ҷумла баланд бардоштани иқтисодиёти сармоягузорӣ идома медиҳад”.

Сармоягузорӣ яке унсурҳои асосӣ дар рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ буда дар устуворгардонии он нақши калидӣ мебозад. Маҳз ҷалби сармоя тариқи корхонаҳои муштарак амалӣ мегардад. Бояд қайд намуд, ки теъдоди корхонаҳои муштарак, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ фаъолият доранд, сол аз сол зиёд гардида, дар соли 2022 миқдори умумии онҳо ба 373 адад расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 28,7% зиёд мебошад.

Системаи саноатикунонии ҳар як кишвар бояд тартиби мантиқӣ дошта хусусияти захираҳои мавҷударо ба инобат гирад. Афзудани маҳсулоти кишоварзӣ ва ба он мувофиқ кардани системаи фаъоли корхонаҳои саноатӣ баҳри коркарди пурра дар дохили кишвар қадамҳои устувор баҳри тақвият додани саноат аст. Дар ИМА низ саноатикунонии кишвар дар ибтидои асри XX мушоҳида мешавад. Олмон нимаи якуми асри гузашта пас аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба кишвари саноаташ азкормондаву иқтисодиёташ фалаҷ табдил ёфт, вале пас аз солҳои сиюм яку якбора тамоми инфрасохтори иқтисодӣ ба кор даромада, яке аз давлатҳои пурқуввати минтақа ва ҷаҳон ҳисобида шуд. Албатта, ин гуна таҷрибаҳо дар мисоли Ҷопон, Фаронса, Чин, Корея, Туркия, Эрон ва дигарҳо ниҳоят зиёд дида мешаванд, ки пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон бо роҳҳои гуногун рушди саноати худро таъмин карда тавонистанд. Ҳар яке саноатикунонии ба кишвару миллати худ хосро интихоб намуд. Масалан, Ҷопон бо равонакунии маблағҳои асосӣ барои омодакунии мутахассисони зарурӣ, Чин бо ташкили корхонаҳои хурди хусусӣ ва ғайраҳо ба саноатикунонӣ қадам гузоштанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигаргунсозиҳо дар иқтисодиёти миллӣ пайвастани занҷири «**сармоягузорӣ -истеҳсолот**» ба ҳисоб меравад. Вазъияти ҷории татбиқи натиҷаҳои корҳои илмӣ дар истеҳсолот чандон қаноаткунанда нест. Корхонаҳо ба илм ва натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд.

Дар марҳилаи кунунии инкишофи муносибатҳо ва густариши механизми иқтисоди бозорӣ дар мамлакат зарур аст, ки проблемаҳои зикргардида ба зудӣ ҳалли худро ёбанд ва иҷроиши корҳои илмӣ-техникӣ боз афзун гардида, дар истеҳсолот татбиқ гарданд, зеро иқтисодиёт низоми ягонаи комил аст ва инкишофи он бояд ба таври комплексӣ сурат гирад.

Воқеан, дурнамои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ва раванди саноатикунонӣ дар мамлакат бо ташаккули низоми иқтисодии инноватсионӣ алоқаманд аст, ки он дар навбати худ ба густариши фаъолияти инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин дар ин замина таъмин намудани сатҳи некӯаҳволӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона гардидааст.

Имрӯз зарур аст, ки ба инкишофи зерсохтори равандҳои инноватсионӣ, аз ҷумла таъминоти иттилоотии он, низоми экспертиза, низоми молиявӣ-иқтисодӣ, дастгирии истеҳсолӣ-технологӣ, низоми дастгирӣ ва татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот, низоми омодасозӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо диққати ҷиддӣ дода шавад. Агар ин масъалаҳо ҳалли дурусти худро наёбанд, боиси кам гардидани тақозо ба иқтидори илмӣ мегардад. Вазифаҳои асосии фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ дар мамлакат баландбардории самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии молу хизматрасониҳо, диверсификатсия ва такмили сохтори истеҳсолот ва содирот, истифодаи технологияҳои инноватсионии истеҳсолӣ ва ба ин васила таъмини рушди бемайлони саноатикунонӣ мебошад.

Хулоса, вақти он расидааст, ки баҳри ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳамбастагии илму истеҳсолот чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Ҳамин тавр, танҳо пас аз ҳалли ин масъалаҳо имконияти татбиқи дастовардҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот, рушди зерсохтори фаъолияти инноватсионӣ, азнавсозии саноати кишвар ва густариши раванди саноатикунонӣ имконпазир хоҳад шуд.

## АДАБИЁТ


1. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018, таҳти №159)
2. Саноати Тоҷикистон: масъалаҳои модернизатсия // Монография (бо забони русӣ): зери таҳрири академики АИ ҶТ Қаюмов Н.Қ. – Душанбе, 2017.
3. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон // Қисми 2. – Душанбе, 1985. - С. 226 (416)
4. Хоналиев Н. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития.- Монография. –Душанбе: Ирфон, 2007.
5. Басовский, Л.Е. Экономическая оценка инвестиций: учебное пособие / Л. Е. Басовский, Е. Н. Басовская. – Москва: Инфра-М, 2017. – 240 с.
6. Инвестиционный анализ: учебное пособие / [И. С. Межов и др.]. – Москва: КноРус, 2016. – 415 с.
7. Макаркин, Н.П. Эффективность реальных инвестиций: учебное пособие / Н. П. Макаркин. – Москва: Инфра-М, 2017. – 431 с.

# УСКОРЕННАЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ КАК ОДИН ИЗ ФАКТОРОВ РАЗВИТИЯ ЗАНЯТОСТИ В СФЕРЕ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

**Азимова М. Т.– к.э.н., доцент кафедры**
***международной экономики, Технологический университет Таджикистан***

В Республике Таджикистан на данном этапе модернизации экономики промышленность играет ведущую роль в социально-экономическом развитии страны. Так как от масштабов ее развития во многом зависит уровень занятости населения, качество и благосостояние жизни народа.

Промышленность, в особенности химическая, металлургическая, машиностроение и электроэнергетика являются основой развития экономики страны и повышения эффективности общественного воспроизводства. Она является основой инновационного развития. Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, в своем послании к Парламенту 22-декабря 2017 года, отмечал, что дальнейшее развитие Республики Таджикистан предвидится в индустриальной и инновационной форме[1], это означает, что для развития реального сектора экономики, а в особенности для развития промышленности будет уделено особое внимание.

В Республике Таджикистан в течение последних лет реализуется «Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года», главной основой, которой является индустриально-инновационный сценарий развития и создания основ инновационной экономики страны[2]. Обязательная предпосылка развития экономики по инновационному сценарию - это повышение качества трудового потенциала и эффективности его использования. В таких условиях проблемы продуктивной занятости приобретают первоочередное значение, поскольку занятость населения отражает состояние экономики страны в целом и отдельных ее сегментов. Продуктивная занятость предполагает развитие экономического роста, снижение бедности в стране, повышения качества и уровня жизни населения страны путем развития малого и среднего предпринимательства, развитием образовательной сети получения профессиональных навыков, переподготовки и повышения квалификации, диверсификации внешней трудовой миграции[3], развитием трудоемких и наукоемких секторов экономики с использованием инновационных подходов.

Здесь важно добавить, что последние годы в республике идет приоритетное направление развития занятости населения в условиях индустриализации. В республике запущено производство на новых предприятиях. В ОАО «Гулистони Душанбе» налажена деятельность 3-х новых современных технологических линий, на которых шьются мужские и женские куртки, брюки и рубашки с использованием современных технологий всемирно известных компаний. Также производство выпускает школьную, спортивную одежду, постельные принадлежности - всего 250 наименований в год. Также в столице открыли текстильное предприятие ООО «Арвис» и кондитерскую фабрику ООО «Амири».

---

1 Послание Президента Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 22.12.2017г. //Электронный ресурс/ Режим доступа: http://www.president.tj/ru/node/16772
2 Национальная стратегия развития Республики Таджикистан до 2030 года, С.9
3 Национальная стратегия развития Республики Таджикистан до 2030 года, С.13

Необходимо сказать, что это позволит ускорить производство импортозамещающей продукции, развития экономики и социального сектора.

Следовательно, происходящие трансформации в Республике Таджикистан требуют выработки научно-обоснованного подхода, так как индустриализация требует формирования новой промышленности и проведения анализа и оценки реального состояния промышленности и перспективы его развития, а также уровня занятости населения в отраслях промышленности.

Как видно из данных диаграммы1, с 2014 по 2021 гг, численность занятых в промышленной отрасли имеет тенденцию роста, то есть их количество увеличилось на 7212 человек. Тенденция занятости в обрабатывающей промышленности является отрицательной, но горнодобывающая промышленность в республике развивается, и занятость в этом секторе выросла на 21,4%. Это говорит о том, что горнодобывающая промышленность в республике развивается благодаря строительству новых промышленных объектов, которые были сданы в эксплуатацию. Совместные таджикско-американские, таджикско-китайские и таджикско-английские инвестиционные проекты в этой отрасли реализуются и формируют новые рабочие места. В Таджикистане, в особенности добыча золота год за годом увеличивается и об этом свидетельствует уровень добычи золота. Золотодобывающая промышленность Таджикистана в первом полугодии 2022 года увеличила производство золота на 15%[4] .




**Диаграмма1. Численность работников промышленности Республики Таджикистан (тыс. человек)[5]**

Особую актуальность для развития промышленности и для роста занятости населения и создании новых рабочих мест в Республике Таджикистан приобретает строительство Рогунской ГЭС. По данным профильных ведомств энергетического сектора страны, в настоящее время количество рабочих за 6 месяцев 2023 года достигло 14 тыс. человек. Для Республики Таджикистан строительство и ввод Рогунской ГЭС имеет стратегическое

---

[4] Там же

[5] Рынок труда Республики Таджикистан. Душанбе: АСПРТ, -2022.

значение. Дефицит электроэнергии, что наблюдался в республике отрицательно влиял на привлечение инвестиций, на развитие промышленности и, следовательно, на рост занятости населения, на создание новых рабочих мест. Строительство данной ГЭС предполагает развитие экономики, промышленности, роста занятости населения, развитие новых отраслей экономики для независимого Таджикистана, как например, машиностроения, где требуется большой объем электроэнергии.

Таким образом, переход экономики в условиях ускоренной индустриализации предполагает подготовку кадров с инновационными мышлениями. Общеизвестно, что важным компонентом формирования и развития инновационной экономики являются квалифицированные кадры. Для этого в современном Таджикистане необходимо создать эффективную систему подготовки кадров в области инновационной деятельности. Как известно, конкурентоспособность кадров зависит, прежде всего, от получаемого образования, система образования должна готовить кадры с высоким уровнем интеллекта инновационного мышления у выпускников, так как конкурентоспособность экономики, производства во многом определяется от высокой степени его интеллектуализации.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Национальная стратегия развития (НСР) Республики Таджикистан на период до 2015 года. –Душанбе, 2016.

2. Программа среднесрочного развития (ПСР) Республики Таджикистан на 2016-2020 годы. –Душанбе, 2016.

3. Концепция создания и сохранения рабочих мест в Республике Таджикистан на период 2008-2015 годы. – Душанбе, 2008.

4. Государственная Стратегия развития рынка труда Республики Таджикистан до 2020 года –Душанбе, 2010.

5. Таджикистан 2020: актуализация рисков и угроз, сценарии развития. Научно-аналитический доклад / научный редактор Р. Хайрутдинов. Казань: Издательство Казанского университета, 2020. С.14-15.

6. Джурабаев Г., Джабборов Ф.А. Формирование стратегии ускоренной индустриализации в экономике Республики Таджикистан // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. 2019. №2. С. 31.

7. Рынок труда Республики Таджикистан. Душанбе: АСПРТ, -2022.

# БАЪЗЕ НАЗАРИЯҲОИ МЕХАНИЗМИ ТАҚСИМОТИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ

**Акилҷонов Фурқатҷон Шарифович**
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

Боиси қайд аст, ки ҳадди ақали миллии даромади аслӣ дар ҳар як мамлакат вобаста аз имкониятҳои иқтисодии он, ҳаҷми МУД, хусусиятҳои миллӣ метавонад ба таври гуногун муқаррар карда шавад, бинобар ҳамин дар мамлакатҳои нисбатан суст тараққикарда захираҳои маҳдуд барои шаҳрвандони камбизоати худ ҷудо гардида, дар мамлакатҳои

тараққикарда барои нафарони муҳтоҷ воситаҳои зиёдтар ҷудо карда мешаванд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ ҳамчун ваколати давлатӣ мушоҳида карда шуда, дар умум А. Пигу бар зидди дахолати давлат ба механизми бозории танзими даромадҳо баромад карда, танзими давлатии нархҳо ва азнавтақсимкунии даромадҳоро инкор мекунад. Шароити идеалии таъмини мувозинати маҳсулоти софи интиҳоӣ ва фаъолияти механизми бозорӣ ҳамчун асоси афзоиши некуаҳволии аҳолӣ ва баланд намудани адолати тақсимоти даромадҳо, раҳоати бозорӣ баромад мекунад. Ба фикри А. Пигу шароити беҳтарини тақсимот ҳолате мебошад, ки дар он омилҳои истеҳсолот мувофиқи ҳосилнокии интиҳоии софи онҳо пардохт карда мешавад. Дар давраи А. Пигу шароити идеалии тақсимоти даромадҳо вайрон мешуданд, зеро рақобат бо монополия иваз шуда, ба шиддатёбии ғайричандирии ҳаракати омилҳои истеҳсолот ва коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолот оварда расонида буд.

Равияи неоклассикии назарияи иқтисодӣ минбаъд бо консепсияҳои муосири монетаризм ва неолиберализм ифода карда шуданд.

Дар иқтисодиёти муосир аҳамияти калон ба истифодабарии назарияи монетаристии танзими иқтисодиёт зоҳир карда мешавад. Фишанги асосии механизми танзими ҷараёнҳои иқтисодиро монетаристон шумораи пулҳо меҳисобиданд, ки бояд аз тарафи давлат танзим карда шавад. Асосгузори консепсияи монетарӣ М. Фирдман гумон мекунад, ки механизми бозорӣ танзимгари беҳтарини ҷараёнҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, бинобар ҳамин дахолати давлат бояд танҳо бо танзими миқдори пул маҳдуд карда шавад[6]. Танҳо озодии аслии субъектони хоҷагидорӣ ва рақобат тақсимоти боадолатонаи даромадҳоро таъмин менамояд.

Лекин дар баъзе ҳолатҳо монетаристон дахолати давлатро ба иқтисодиёт зарур мешумориданд: “Мавҷудияти бозори озод зарурати ҳукуматро аз байн намебарад, ҳукумат барои муайян намудани “қоидаи бозӣ” ва ҳамчун довар зарур аст, ки риояи қоидаҳои муқарраршударо назорат мекунад. Бозор доираи масъалаҳоро, ки ба воситаи фишангҳои сиёсӣ ҳал намудан лозим аст, маҳдуд менамояд, яъне дахолати мустақими ҳукуматро ба ҳаёти хоҷагидорӣ ба ҳадди ақал оварда мерасонад”[7].

Монетаристон ба пуррагӣ наметавонанд нақши давлатро дар танзимкунии даромадҳо инкор намоянд ва фишанги аз ҳама ҳам содаи танзимро – пулию қарзиро истифода мебаранд. Бонки марказӣ муомилоти пулиро танзим намуда, ба воситаи он ба даромади аҳолӣ таъсир мерасонад. М. Фридман гумон мекунад, ки баландшавии музди меҳнатро ҳамчун омили нархгузоранда бояд қатъ намуд. Ба мавҷудияти номувозинатиҳои муайян дар иқтисодиёт нигоҳ накарда, М. Фридман боварӣ дошт, ки онҳоро дар ҳолати мавҷуд набудани таъсироти беруна ба воситаи механизмҳои бозорӣ ба тартиб овардан мумкин аст.

Мувофиқан, мутобиқи консепсия монетаризм ташаккулёбии даромадҳои аҳолӣ дар асоси механизмҳои бозорӣ амалӣ карда мешавад, ки ба омилҳои истеҳсолот даромадҳои мувофиқро таъмин намуда, танзимкунии онҳо ба воситаи фишангҳои пулию қарзӣ амалӣ карда мешавад. Таъминоти устувории пулҳо нақши калонро дар ҷараёни тараққиёти муътадили иқтисодиёт мебозад. Вайроншавии ин талабот, ба ақидаи М. Фридман, ба

[6] Фридман и Хайек о свободе. /Под ред. А. Бабича. – Мн. Полифакт-референдум, 1990. – С. 42-43.
[7] Фридман и Хайек о свободе. /Под ред. А. Бабича. – Мн. Полифакт-референдум, 1990. – С. 16.

вайроншавии ҳама механизмҳо оварда мерасонад, ки фаъолияти муътадили иқтисодиёти бозориро таъмин менамояд.

Намояндагони неолиберализм тарафдори мавқеи дахолат накардани давлат ба ҳар гуна чараёнҳои иқтисодӣ баромад мекунанд, аз он ҷумла ба ҷараёни тақсимоти даромадҳо. Назари онҳо доир ба масъалаҳои танзими даромадҳои аҳолӣ ба нақши ҳалкунандаи “дасти ноаён” вогузор карда мешавад, ки ҳама даромадҳоро ба таври ҳадди аксар дар асоси қонуниятҳои бозорӣ бе дахолати мақомоти давлатӣ тақсим менамояд.

Таҷрибаи амалигардонии ислоҳоти бозорӣ дар макони пасошӯравӣ нишон дод, ки дар масъалаи танзими даромадҳо механизми бозорӣ на ҳама вақт самаранок мебошад ва ақидаи ислоҳотчиён нисбат ба “оқибатҳои иҷтимоии истифодабарии механизмҳои саховатмандӣ “худтанзимшавии бозор” куллан нодурустии худро исбот намуданд. Қоидаҳо ва механизмҳои иқтисодии дар соҳаи танзими даромадҳо мавҷудбуда на танҳо масъалаи мубориза бо тақсимоти нобаробар ва камбизоатиро ҳал накарда, баръакс ин масъалаҳоро мураккабтар месозанд”[8]. Дар ин ҷо бо муаллиф розӣ шудан мумкин нест, зеро оид ба самаранокии механизми бозорӣ аз рӯйи давраи кӯтоҳи амал намудани онҳо баҳогузорӣ намудан душвор аст. Гап дар сари он, ки ташаккулёбии механизмҳои танзимкунӣ ин ҷараёни дарозмуддати таҳаввулӣ буда, дар шароити густариши муносибатҳои бозорӣ ба пуррагӣ ба миён наомадаанд. Лекин дар ҷараёни инкишофи механизми танзими даромадҳои аҳолӣ норасогиҳои аввалияро паси сар карда, дар асоси мутобиқшавии субъектони хоҷагидорӣ ба шароити нави ба миён меомада афзоиши некуаҳволии аҳолиро таъмин карда метавонад. Ба фикри мо, муаммои нобаробарии тақсимоти даромадҳои аҳолӣ ва камбизоатӣ оқибати буҳрони тарансформатсионӣ ба ҳисоб рафта, бо тарзи номукаммали ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ аз тарафи давлат тавсиф карда мешавад. Бинобар ҳамин танзими даромадҳои аҳолӣ бояд на танҳо ба танзимкунандаҳои бозорӣ, балки дар истифодабарии фишангҳои таъсири давлат ба даромадҳо асос мегирад.

Неолибералон нақши давлатро дар ташаккулёбӣ ва тақсимоти даромадҳои аҳолӣ маҳдуд намуда, ду самти амалигардонии сиёсати даромадҳоро аз ҳам ҷудо мекунанд, ки аз истифодабарии онҳо дар гурӯҳҳои алоҳидаи ҷамъият вобастагӣ доранд. Нисбат ба аксарияи аъзоёни ҷамъият, махсусан шахсиятҳои мустақил, қобили меҳнат дошта, дар ҳолати ногувор қарор надоштагон шароите таъсис дода мешавад, ки ба худи онҳо ба воситаи фаъолияти соҳибкорӣ афзоиш намудани даромадҳоро имконият медиҳад.

Ҳамзамон нисбати одамоне, ки худро бо шароити муътадили зиндагонӣ таъмин карда наметавонанд (беморон, нафақахӯрон, серфарзандон ва ғайраҳо), давлат бояд ҳифзи иҷтимоии онҳоро таъмин намояд. Доир ба ин масъала Ф. Хайек чунин менависад: “Бояд ду намуди ҳифкуниро фарқ намуд: маҳдудшуда, ки барои ҳама дастрас буда, имтиёз набуда, балки талаботи қонунии ҳар як аъзои ҷамъият мебошад; ҳимояи мутлақ, ки дар ҷамъияти озод наметавонад ба ҳама пешкаш карда шавад ва ҳамзамон бояд ба сифати имтиёз баромад кунад”[9].

Ҳамин тавр, мувофиқи назарияи неолиберализм танзими даромадҳои аҳолӣ дар баҳамтаъсиррасонии мехназими “худтанзимшавии бозорӣ” ва тақсимоти боадолатонаи даромадҳои аз рӯйи принсипи “баробарии иҷтимоӣ” асос мегирад. Дастрасии чунин

[8] Роик В. Социальная политика: как модель распределения доходов нужна России? // Российский экономический журнал. 2002. №8. – С. 42.
[9] Хайек Ф.А. Дорога к рабству. – М.: Экономика, 1992 – С. 94.

баҳамтаъсиррасонӣ ба воситаи давлат амалӣ карда мешавад, ки индивидҳоро бо имконияти зиёд намудани даромадҳо таъмин менамояд. Ҳамзамон масъалаи асосии давлат ин таъмини шароит барои таъсис додани муҳити рақобатӣ мебошад. Новобаста ба он ки мувофиқи ин назария давлат ба ҳайати унсурҳои механизми танзимкунии даромадҳои аҳолӣ дохил нашуда, вале ба сифати унсури муҳити беруна баромад мекунад, ки бо он механизм баҳамтаъсиррасонида, фаъолона ба ҳалли муаммоҳои иҷтимоии ҷамъият иштирок мекунад. Яъне давлат ҳамчун қисми таркибии муҳити берунаи танзими даромадҳои аҳолӣ метавонад ба он муфоиқат кунад ва ё мувофиқат накунад. Зиддият байни муҳити беруна ва худи механизмро инкишофи сифатии он таъмин мекунанд, бинобар ҳамин баҳамтаъсиррасонӣ ва ё зиддият байни механизми бозорӣ ва фишангҳои давлатии танзим барои такомулдиҳии мезанизми танзими даромадҳои аҳолӣ зарур мебошанд. Айнан аз ҳамин заминаҳои методологӣ баромада, давлат бояд вазифаи танзимкунии худро дар чорчӯбаи муайян амалӣ гардонад, то ки ягонагии сохтории механизми танзими бозории даромадҳоро вайрон насозад.

Барои кишварҳои рӯбатараққӣ ниҳода ва нисбатан суст тараққикарда, ки бо сатҳи пасти зиндагонии аҳолӣ, фарқгузории калон дар даромадҳо, сатҳи баланди бекорӣ тавсиф карда мешаванд, интихоби чунин консепсияи ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ зарур аст, ки шароитро барои муътадилгардонии вазъият дар ҷамъият таъсис диҳанд. Чунин консепсия назарияи кейнсии танзими иқтисодиёт баромад мекунад.

Дар кори худ "Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул" Ҷ. Кейнс норасогиҳои асосии механизми бозории танзими даромадҳоро дида баромада, нақши давлатро дар бартараф намудани онҳо нишон додааст. Дар ҷараёни тадқиқот Ҷ. Кейнс диққати худро ба сатҳи микроиқтисодӣ нею, балки муносибати макроиқтисодиро истифода бурдааст. Бояд қайд намуд, ки назарияи Ҷ. Кейнс барои мамлакатҳое, ки дар ҳолати буҳронӣ бо нишондодҳои бекорӣ, таваррум, камбизоатӣ ва ғайра қарор доранд, мувофиқ мебошад. Ба фикри ӯ танҳо дахолати фаъоли давлат ба ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ метавонад шуғли ҳадди аксар ва рушди иқтисодиро таъмин намояд. Норасогии асосии иқтисодиёти бозорӣ "қобилият надоштани он барои таъмини шуғли пурра, инчунин тақсимоти тасодуфӣ ва ноадолатонаи боигарӣ ва даромадҳо мебошад"[10].

Дар бисёр мамлакатҳо дастовардҳои назаррас дар масъалаи бартарафсозии тақсимоти нобаробари боигарӣ ва даромадҳо бавоситаи истифодабарии чунин андозҳо дастрасшуда буданд: андоз аз даромад, андози прогрессивии илова барои мерос. Лекин истифодабарии ин фишангҳои танзими даромадҳои аҳолӣ ҳери шубҳа қарор гирифт, зеро гумон карда мешуд, ки афзоиши сармоя аз пасандози шахсони сарватманд аз ҳисоби баризофагии онҳо таъмин карда шуда, markazi азнавтақсимкунии даромадҳо метавонад ба коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолот ва шуғли аҳолӣ оварда расонад. Лекин Кейнс қайд мекард, ки "то дастрас гардидани сатҳи шуғли пурра афзоиши сармоя умуман бо майли истеъмолоти нокифоя ҳавасманд нагардида, баръакс бо боздошта мешавад. Танҳо дар шароити шуғли пурра майли истеъмолоти нокифоя ба афзоиши сармоя мусоидат менамояд. Бо баробари ин, таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар шароитҳои муосир пасандозҳои муассисаҳо ва фонҳо кофӣ мебошад ва чораҳои барои азнавтақсимкунии даромадҳо, ки ба афзоиши майл ба

[10] Кейнс Дж. Общая теория занятости, процента и денег. – М.: ИНФРА-М, 1999. С. 447.

истеъмолот оварда мерасонад барои зиёдшавии сармоя мусоидат намуда метавонанд”[11]. Ҳамин тавр яке аз далелҳои асосии зарурати мавҷудияти нобаробарии калон дар тақсимоти даромадҳо ва боигарӣ аз тарафи Кейнс инкор карда мешавад.

Ба ақидаи Ҷ. Кейнс, намудҳои фаъолият вуҷуд доранд, ки барои иҷрои самараноки онҳо рағбати муайян зарур аст, ки тақсимоти нобаробари даромадҳоро муайян мекунанд: “далелҳои маъмули иҷтимоӣ ва психологии нобаробари даромадҳо ва боигарӣ мавҷуданд, лекин на барои фарқгузории калоне, ки имрӯзҳо ба назар мерасад. Бинобар ҳамин давлати оқилона рафтор мекарда бояд имконияти бозиро бо қоидаҳои муқарраршуда ва маҳдудиятҳо то он даме фароҳам оварад, ки дар он инсони миёнаҳол ва ё қисми зиёди ҷамъият дорои хоҳиши ба даст овардани пулҳоро дошта бошанд”[12].

Ҳамин тавр, алоқамандии талаботи самаранокро бо ҳаҷми истеҳсолот ва сатҳи шуғл мушоҳида намуда, мувофиқи консепсияи Ҷ. Кейнс, чунин алоқамандии мантиқиро пешкаш кардан мумкин аст: даромадҳо аз қисмҳои истеъмолкунанда ва пасандозкунанда иборат мебошанд; бо баробари таъмини сатҳи муайяни некуаҳволӣ бо афзоиши даромад майли истеъмолот паст шуда, қисми зиёди пулҳо пасандоз карда мешаванд, ки ба коҳишёбии маҷмуи талабот оварда мерасонад. Дар навбати худ камшавии маҷмуи талабот ба коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолот, сатҳи шуғл ва даромадҳои аҳолӣ сабаб мегардад. Дар ин ҳолат давлат уҳдадор аст, ки барои бартараф намудани ин норасогиҳо ба маҷмуи талабот ба воситаи афзоиш додани инвеститсияҳо ва ё хароҷоти давлатӣ таъсир расонад.

## АДАБИЁТ

1. Кейнс Дж. Общая теория занятости, процента и денег. – М.: ИНФРА-М, 1999. – С. 447.
2. Роик В. Социальная политика: как модель распределения доходов нужна России? // Российский экономический журнал. 2002. №8. – С. 42.
3. Фридман и Хайек о свободе. /Под ред. А. Бабича. – Мн. Полифакт-референдум, 1990. – С. 16-43.
4. Хайек Ф.А. Дорога к рабству. – М.: Экономика, 1992 – С. 94.

# НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ БИЗНЕС-ИНКУБАТОРҲО ДАР ТАШАККУЛИ ИНФРАСОХТОРИ РУШДИ САНОАТИ ИННОВАТСИОНӢ

**Арбобов Субҳиддин Саидмуҳаммадович**
***Донишгоҳи технологии Тоҷикистон***

Шарти муҳимми рушди инноватсионии иқтисодиёти мамлакат мавҷудияти инфрасохтори инноватсионии самаранок маҳсуб меёбад, ки ба бозори молу хадамот гузаштани натиҷаҳои таткиқоти илмиро таъмин менамояд. Унсури калидии инфрасохтори инноватсионии минтақа ин бизнес-инкубатор ба ҳисоб меравад.

---

[11] Кейнс Дж. Общая теория занятости, процента и денег. – М.: ИНФРА-М, 1999. С. 448.
[12] Кейнс Дж. Общая теория занятости, процента и денег. – М.: ИНФРА-М, 1999. С. 448-449.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ масъалаи назария ва амалияи рушди инноватсионӣ ва инкубатсияи бизнес ба қадри кофӣ баҳсталаб мебошад.

Таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни низоми бизнес-инкубатор дар асарҳои олимони хориҷиву ватанӣ инъикоси худро пайдо намудаанд.

Айни замон дар адабиёт шарҳи зиёди мафҳуми «бизнес-инкубатор» мавҷуд мебошад. Аксар вақт ҳангоми тавсифи бизнес-инкубатор истилоҳ-синонимҳо, ба монанди маркази технологӣ, маркази технология ва ширкатҳои навтаъсис, маркази ифтитоҳи ширкатҳои нав, маркази инноватсия ва ширкатҳои навтаъсис, парки тиҷоратсозӣ ва савдоро истифода мебаранд.

Бизнес-инкубатор – ташкилоте мебошад, ки вазифааш дастгирии корхонаҳои хурд ва соҳибкорони наве ба ҳисоб меравад, ки бинобар сабаби мавҷуд набудани захираҳои молиявӣ, норасоии таҷриба ва ё тахассус имконияти берун аз бизнес-инкубатор амалӣ намудани лоиҳаҳои худро надоранд.

Марк Ризо бизнес-инкубаторро чун «истеҳсолкунандаи дастгирикунандаи бизнес» муайян менамояд. Роза Грималди ва Алессандро Гранди консепсияи «бизнес-инкубатсия»-ро чун «усули самараноки пайваст намудани технологияҳо, сармоя, ноу-хау бо мақсади амалӣ намудани иқтидори соҳибкорӣ, суръат бахшидан ба рушди ширкатҳои нав ва чун натиҷа, баланд намудани суръати истифодаи инноватсияҳо» муайян менамоянд. Тибқи Ассотсиатсияи миллии бизнес-инкубаторҳо (НАБИ) инкубатор ташкилотест, ки «бо ҷараёни расонидани дастгирии корӣ бо роҳи ба соҳибкор пешниҳод намудани як қатор захира ва хадамоти муайян, ки рушди стартапро суръат мебахшад», машғул аст.

Дар умум дар адабиёти илмӣ инкубатор чун ташкилоте муайян карда мешавад, ки барои рушди ибтидоии корхонаҳои хурд бо роҳи пешниҳод намудани хадамоти гуногун, ба монанди: бо шартҳои имтиёзнок бо биноҳои корӣ ва истеҳсолӣ, анборҳо, воситаҳои алоқа ва интернет, техникаи офисӣ, таҷҳизот, омӯзиши ҳайати кормандон, консалтинг ва ғ. таъмин намудани корхонаҳо шароити беҳтаринро фароҳам меорад.

Ба маҷмуи хизматрасониҳо хадамоти котибот, муҳосибӣ, ҳуқуқӣ, омӯзишӣ ва консалтингӣ дохил мешаванд. Дар як қатор ҳолатҳо мутахассисони бизнес-инкубаторҳо метавонанд ба сифати миёнаравони молиявӣ баромад намуда, барои гирифтани захираҳои молиявӣ барои рушд ва баромадан ба бозори минтақавӣ кумак расонанд.

Бо мурури таҳаввулоти бизнес-инкубаторҳо адабиёт доир ба ин мавзуъ низ зина ба зина тағйир ёфт.

Соли 1995 Марк П. Райс китобе навишт, ки дар оянда ба китоби хониши инкубатсияи бизнес табдил ёфт.

Принсипҳое, ки дар китоби ӯ шарҳ дода шудаанд, имрӯз низ рӯзмарра буда, метавонанд дар дилхоҳ барномаи инкубатсияи бизнес истифода шаванд.

Ассотсиатсияи миллии бизнес-инкубаторҳои ИМА расман эътироф намуд, ки инкубаторҳое, ки фаъолияташон тибқи ин принсипҳо ба роҳ монда шудаанд, нишондиҳандаҳои беҳтарини сифатӣ (гардиши ширкатҳои резидент, шумораи ҷойҳои кории таъсисдода, суръати афзоиши ширкатҳо ва ғ.) доранд.

Аз ҷониби аксарияти олимони муосир бизнес-инкубатор чун субъекти хоҷагидори мушаххас (ташкилот) тавсиф намуда мешавад, ки барои дастгирии соҳибкорони навтаъсис ташкил карда шудааст.

Комиссияи Аврупо бизнес-инкубаторро чун макони тамаркузи зичи ширкатҳои навтаъсис ва Ассотсиатсияи миллии бизнес-инкубаторҳои ИМА бошад, чун воситаи рушди

иқтисодӣ маънидод мекунанд, ки барои суръат бахшидан ба амалисозии бобарори ширкатҳои соҳибкорӣ пешбинӣ шудаанд.

Бисёре аз тадқиқотчиён пешниҳод менамоянд, ки танҳо моҳияти корпоративии бизнес–инкубаторҳоро дида бароянд. В.Г. Фганесян чунин қоидаи муаллифиро пешниҳод менамояд: “бизнес–инкубатор – ин ташкилоте мебошад, ки барои рушди аввалаи корхонаҳои хурду миёна шароити хуб муҳайё созад бо роҳи пешниҳод намудани шароити имтиёзнок ва арзон намудани ҳар гуна бизнес–хизматрасонӣ аз ҳисоби истифодаи муштараки онҳо”.

Таҳлилҳо имконият медиҳанд, чунин хулосабарорӣ намоем, ки бизнес–инкубаторҳои анъанавӣ танҳо ҳамчун агенти иқтисодӣ дида мешаванд ва мақсади асосии онҳо ин муҳайё намудани маҷмуи шароит барои “парвариш” намудани ширкатҳои хурд ва дар бисёр мавридҳо алоқа бо минтақае, ки дар он бизнес–инкубатор фаъолият менамояд, нишон дода нашудааст ва ин имконият медиҳад, таъсири дутарафаи мусбатро мушоҳида намуда, ҳамчун бизнес-инкубатор ба иқтисоди минтақа ва минтақа ба самаранокии бизнес-инкубатор вобастагӣ дорад.

Назари қабулшудаи бизнес–инкубаторҳо дар он хусус мебошад, ки онҳо ба хотири “парвариши” ширкатҳои нав бунёд мешаванд. Гарчанде бизнес–инкубаторҳо метавонанд бо муассисони гуногун ва дар принсипҳои ҳархела бунёд гарданд; дар асоси тиҷорат ба мавриде, ки сухан дар бораи стартапҳои инноватсионӣ меравад, чунин тарз бартарӣ дорад: муассиси калидии бизнес–инкубатор донишгоҳ баромад мекунад, бизнес–инкубатор барои кумак намудани ташкили спин–офф ширкатҳо бунёд мегардад, тиҷораткунонии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии кормандони худ, шакли ташкилию ҳуқуқии бизнес–инкубатор ширкони ғайритиҷоратӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, ҳамаи гуфтаҳои дар боло зикршударо умумӣ намуда, ба чунин хулоса омадаем: “Бизнес–инкубатор – ин ташкилотест, ки бо чараёни дастрас намудани захираҳо, хизматрасонии касбӣ барои корхонаҳои навтаъсис бо мақсади дастгирии ташаккул ва самаранокии рушд машғул мебошад”. Ба назари мо, мақсади асосии инкубатор ин бунёди шароит барои рушди босуръати корхонаҳои хурди инноватсионӣ мебошад, ки дар навбати худ ташкил намудан ҷойҳои нави корӣ ва арзишҳои иқтисодиётро таҳким мебахшад, технологияҳои нави тиҷоратиро эҳё мекунад.

Бизнес–инкубаторҳо метавонанд дар ду намуд фаъолият намоянд: ҳамчун ташкилоти мустақил ё ба сифати ядрои (мағзи) технопаркҳо.

<u>Дар навбати аввал</u>, бизнес–инкубаторҳо, ҳамчун қоида, барои дастгирии соҳибкории ғайри технологӣ ва ширкатҳои технологияи муқаррарӣ бунёд мегарданд.

<u>Дар навбати дуюм</u>, инкубаторҳои дохили технопаркҳо ба кори дар соҳаи технологияҳои баланд дастгирии корхонаҳои инноватсионии навтаъсис, соҳибкории инноватсионии хурд ва ба соҳаи илмӣ-техникӣ равона гардидаанд.

Бизнес–инкубаторҳо на танҳо ҷудогона, балки дар назди донишгоҳҳо ва ҳамчунин дар технопаркҳо бунёд мегарданд.

Дар мавриди аввал, бизнес–инкубаторҳо роҳнамоии касбиро ривоҷ медиҳанд ва донишҷӯёнро ба кор таъмин мекунанд, дар баробари ин роҳнамоии дараҷаи таҷрибавии ҷараёни таълимро баланд менамоянд.

Дар мавриди дуюм бошад, ба технопаркҳо иҷозат медиҳнд, ки соҳаи хизматрасониро барои мизоҷони воқеӣ васеъ намоянд ва аз тарафи дигар, ҷалб намудани намудҳои нави бизнес, ки дар оянда мизоҷони ҳамон технопарк мегарданд.

Мувофиқи маълумоти UBI Global - Innovation For Business Incubators, дар соли 2020 дар саросари ҷаҳон тақрибан 1350 бизнес–инкубаторҳои донишгоҳи мавҷудбуда (бе назардошти бизнес-акселераторҳо), ки тақрибан 9% -и шумораи умумии инкубаторҳоро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми зиёди бизнес–инкубаторҳо (52 %) дар минтақаҳои саноатӣ ҷойгиранд.

Дар байни соҳаҳои маъмултарине, ки дар онҳо резидентҳои бизнес–инкубаторҳо рушд менамоянд, технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла (стартапҳои ин соҳа 54% инкубаторҳои тамоми ҷаҳон мавҷуданд), соҳаи хизматрасонӣ (44%), истеҳсолот (40%), биотехнология (33%) мебошанд.

Дар баробари ин камтар аз нисфи бизнес–инкубаторҳо дорои ягон тахассуси соҳавӣ мебошанд ва бо ҳамин тариқ 39% инкубаторҳои омехта тахассуснокиашон дар стартапҳои технологӣ ва танҳо 1% дар стартапҳои соҳаи хизматрасонӣ мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду намуди бизнес-инкубаторҳо амал мекунанд. Онҳо ҳамчун созмонҳои мустақил ё ҳамчун маркази паркҳои технологӣ мавҷуданд. Чун қоида, бизнес–инкубаторҳо, ки ба сифати ташкилотҳои мустақил бунёд мегарданд, барои дастгирии соҳибкории намуди ғайритехнологӣ равона мешаванд. Дар навбати худ, бизнес-инкубаторҳо, ки асоси технопаркҳо мебошанд, ба фаъолият дар самтҳои технологияҳои баланд, дастгирии корхонаҳои хурди навовари инноватсионӣ, рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ дар соҳаи илму техника нигаронида шудаанд.

Фаҳмиши умумӣ оиди фаъолияти безнес-инкубаторҳо дар расми 1 нишон дода шудааст.




**Расми 1. Фаъолияти безнес-инкубаторҳо**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бизнес–инкубаторҳо мақсади асосиро дар ташаккули муҳити мукаммал барои соҳибкорон мебинанд ва ҳамчунин дар кумаки касбӣ расонидан ба нафароне, ки идея (ғояҳо)–и тиҷоратии худро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ доранд, ҳадафи асосӣ арзёбӣ мекунанд, аз ҷумла:

- омӯхта баромадани эҳтиёҷоти таълим ва инкубатсияи бизнес, таҳияи маводи таълимӣ барои гузаронидани тренингҳо барои тренерон ва соҳибкорон доир ба моҳияти соҳибкорӣ;
- дастгирии корхонаҳои майда ва хурд дар таҳияи бизнес-нақшаҳо ва татбиқи барномаи маблағгузории хурд дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- рушди усулҳо ва пайваст намудани КМХ бо ташкилотҳои молиявӣ ва сармоягузорон;
- рушди усулҳои роҳнамоии КМХ;
- муқаррар кардани усули ҳамкорӣ байни фаъолият.

Бизнес-инкубатори Душанбе ва кормандони ба равзанаи ягона таъиншуда муайян кардани монеа дар расмиёти маъмурӣ барои тиҷорат мебошад.

Ғайр аз бизнес–инкубатори классикӣ минтақаи саноатӣ ва содиротии паркҳои илмии техникӣ, маҷмааҳои минтақавӣ-истеҳсолӣ, бизнес-инкубаторҳои виртуалӣ ва шабакаҳои кооперативӣ метавонанд бунёд гарданд.

Ба назари мо, бизнес-инкубаторро ҳамчун "мактаби бизнес"-и ҳақиқӣ донистан мумкин аст - дар муҳити миқёсан хурд барои фаъолияти тиҷоратӣ ҳама чизи лозима муҳайё мегардад: иморат (бино), таҷҳизот, маълумот (ахбор), шароит барои таҳсил, барои қарзгирӣ, консалтинг оид ба масъалаҳои бурдани фаъолияти тиҷоратӣ.

Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии бизнес-инкубатор – ин фароҳам овардани шароити мизоҷони аввали корхонаҳои хурд мегардад, ки дар майдонҳои инкубатор ҷойгиранд. Ҳамин тариқ, мақсади асосии бизнес–инкубатор амалӣ мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Конина Н.Ю., Ноздрева Р.Б., Буренин В.А. и др. Современные проблемы менеджмента, маркетинга и предпринимательства: монография. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2018. - С. 485.
2. Grimaldia, Alessandro Grandia a CIEG, Department of Management, University of Bologna, Via Saragozza 8, 40123 Bologna, Italy: Business incubators and new venture creation
3. International Business Innovation Association: Business incubation FAQs // https://www.inbia. org/resources /business-incubation-faq
4. Оганесян, В. Г. Концепция и процесс развития профильных малых и средних предприятий в бизнес-инкубаторе / В.Г. Оганесян // Вестник Брянского государственного университета. - 2019. - № 3. - С. 169-174.
5. Найденова, Р.И. Бизнес-инкубаторы как эффективный инструмент социально-экономического развития регионов / Р.И. Найденова // Современные наукоемкие технологии. Научный журнал Российской Академии естествознания. - 2017. - № 9. - С. 86-89.
6. Рыбин, М. В. Бизнес-инкубатор - как основной элемент региональной инфраструктуры поддержки малого бизнеса / М.В. Рыбин // Горный информационно-аналитический бюллетень (научно-технический журнал). - 2016. - №2. - С. 107-112.


# ИННОВАЦИОННЫЙ МЕТОД В РАЦИОНАЛИЗАЦИИ ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ – ПУТЬ К УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ

**Ашурова Н.Э.**
***Техногический университет Таджикистан***

Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон в очередном Послании Маджлиси Оли республики «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан» для ускоренной индустриализации страны объявил о четвертой стратегической цели.

Как Глава государства в своем Послании отметил : «Своими стратегическими целями мы наметили обеспечение энергетической независимости и эффективное использование электроэнергии, выход страны из коммуникационного тупика и превращение её в транзитную, обеспечение продовольственной безопасности и доступ населения страны к качественному питанию, расширение продуктивной занятости, и в этом направлении осуществляем переход экономики страны из аграрно-индустриальной модели развития в индустриально – аграрную»[13].

Поэтапно, после обеспечения энергетической независимости и перехода на эффективное использование электроэнергии, вывода республики из коммуникационного тупика и превращения её в транзитную страну, обеспечения продовольственной безопасности и доступа населения к качественному питанию, появилась необходимость в объявлении новой стратегической национальной цели: перевод экономики страны в индустриально–аграрную модель развития. «С учетом важности сферы промышленности в решении социально-экономических вопросов и создании рабочих мест, предлагаю ускоренную индустриализацию страны объявить четвертой национальной целью», - отметил Глава государства.

Данная инициатива Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона свидетельствует о последовательности и практичности решений и деятельности Правительства во всех сферах жизнедеятельности республики.

Эти задачи были выполнены в короткие сроки, когда глобальный финансово-экономический кризис охватывал большинство стран мира. Тем не менее, Правительство страны шаг за шагом принимало практические меры по достижению поставленных национальных целей.

После выполнения поставленных задач в данном направлении, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон отметил о необходимости перехода национальных целей Таджикистана на качественно новый уровень. В результате, в течение второго десятилетия периода независимости было обеспечено устойчивое социально-экономическое развитие страны, и мы завершили много работы для достижения своей высшей цели, повышения уровня и улучшения качества жизни населения.

За последние 20 лет среднегодовое экономическое развитие было обеспечено на уровне 7,5%, валовой внутренний продукт страны с 1,8 миллиарда сомони в 2000 году был доведен до 95 миллиардов сомони в 2021 году, а доход государственного бюджета с 252 миллиона сомони до 28 миллиардов сомони.

То есть валовой внутренний продукт увеличился почти в 53 раза, государственный бюджет в 11 раз, а валовой внутренний продукт на душу населения вырос более чем в 30 раз.

В этот период в стране было создано более 2000 производственных предприятий, а объем производства промышленной продукции по сравнению с первыми годами независимости увеличился почти в 4 раза.

Также для эффективного использования воды и земли, защиты продовольственной безопасности страны впервые в истории независимости нашего государства в сфере сельского хозяйства были проведены коренные реформы, а пользование землей было возложено на ее

---

[13] Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона к Маджлиси Оли «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», 21 декабря 2021 года, город Душанбе.

истинного хозяина – дехканина, что считается одним из важнейших достижений периода независимости.

С целью достижения энергетической независимости и эффективного использования электроэнергии в период независимости были построены и отреставрированы 287 крупных и малых гидроэлектростанций, 1,5 тыс. км высоковольтных линий электропередачи, 50 высоковольтных подстанций, и в целом было обновлено 75 процентов энергетической инфраструктуры страны. За этот период мы создали более 2000 мегаватт дополнительных энергетических мощностей. В результате, в 2011 году в новейшей истории Таджикистана была создана единая энергетическая система, и обеспечена устойчивая деятельность сферы.

За последние 20 лет в страну было привлечено более 150 млрд. сомони зарубежных инвестиций, в том числе 59 млрд. сомони прямых, инвестиций.

Только для развития сферы промышленности в страну было привлечено более 35 млрд. сомони прямых зарубежных инвестиций. В этот период Правительство страны в сферах энергетики, транспорта, сельского хозяйства, образования, здравоохранения, социальной защиты, коммунально-жилищного хозяйства и других реализовало государственные инвестиционные проекты на сумму 91 млрд. сомони. «Нурек», «Сарбанд» и «бахри Точик» энергетическая мощность страны дополнительно увеличится на 4 тыс. мегаватт.

Несмотря на это, также необходимо широкое использование других возобновляемых источников энергии, в том числе солнечной и ветряной, и в этом направлении начато обоснование 3 проектов общей мощностью 260 мегаватт, которые будут реализованы в течение 5 будущих лет.

Также с целью адаптации национальной экономики к глобальному изменению климата, охраны окружающей среды и улучшения экологического состояния страны полностью освободить от налоговых и таможенных выплат импорт электрических транспортных средств, то есть электромобилей, электробусов, троллейбусов и им подобных[14].

Индустриализация - процесс ускоренного социально-экономического перехода от традиционного этапа развития к индустриальному, с преобладанием промышленного производства в экономике. Этот процесс связан с развитием новых технологий, особенно в таких отраслях, как энергетика и металлургия. В ходе индустриализации общество также претерпевает некоторые изменения, меняется его мировосприятие. Позитивное отношение к труду в сочетании со стремлением как можно быстрее использовать новые технологии и научные открытия также дают вклад в ускоренный рост производства и доходов населения. В результате образуется все более широкий, в конечном счете, мировой рынок продукции и услуг всех видов, что в свою очередь стимулирует инвестиции и дальнейший экономический рост[15].

Следовательно, индустриализация – это важный драйвер в экономическом развитии страны, которая поддерживается исследованием, инновациями и технологическим прогрессом.

---

[14] Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона к Маджлиси Оли «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», 21 декабря 2021 года, город Душанбе.

[15] https://ru.wikipedia.org/ Индустриализация

Современный мир невозможно представить без инноваций, которые уже созданы и стали популярными, и без инноваций, способствующих дальнейшему развитию. Инновация - главная движущая сила в экономическом и социальном развитии.

Понятие «инновации» используется практически повсеместно, является предметом разговоров как на бытовом, так и на профессиональном уровне, в том числе, на уровне глав государств, международных организаций, так и в управлении и рационализации водно-энергетических ресурсов.

Инновационная революция прочно вошла в нашу повседневную жизнь – в то, как мы взаимодействуем друг с другом и как управляем.

Инновационная революция также оказывает серьезное влияние на водно-энергетический сектор. Даёт возможность использовать новые технологии для улучшения использования и перейти к подходу «единой водно- энергетической системы». Позволяет делать больше с меньшими затратами и, прежде всего, устраняет связь между экономическим ростом и потреблением данных ресурсов, создает новые возможности и борется со старой практикой и традицией. То есть приспособляется к новым условиям для эффективности, результативности, стабильности, безопасности, рационализации и комфортности.

Центральная Азия – динамично развивающийся регион, модернизирует водно-энергетический сектор при помощи инновационной экономики– как современный этап и инновационный процесс в устойчивые развития регионов. То есть переход традиционной экономики в новую стабильную систему - как показатель современной активности, продвижение и парадокс, управление знаниями, интеллектуальный капитал, эффективность и рационализация, т.е переход к инновационной экономики - это актуальность не несущей ущерб развитию экономике страны, только развитие, стабильность и улучшение.

Центральная Азия – динамично развивающийся регион с разнообразной географией, устойчивым экономическим ростом и новыми возможностями развития, важным фактором, от которого зависит рост экономики, благосостояние, стабильность и благополучие населения, является рациональное управление его энергетическими и водными ресурсами. Несмотря на растущую глобализацию региона решения в области развития по-прежнему определяются национальными задачами, такими как продовольственная безопасность и надежность энергоснабжения путём инновационных методов[16].

В условиях глобального изменения климата главная задача рационализации водно-энергетических ресурсов является водно- энергосбережение, энергетическая безопасность и экология окружающий среды.

Изменение климата оказывает серьезное негативное влияние на экономическое развитие страны и благосостояние народа.

Центральная Азия – один из наиболее уязвимых перед изменением климата регионов зоны Европы и Центральной Азии. В докладе Всемирного банка «Адаптация к изменению климата в Центральной Азии» (2009 г.) отмечается, что средние температуры в регионе уже повысились на 0,5°С; к 2030-2050 годам прогнозируется увеличение температуры на 1,6-2,6°С. Кумулятивные последствия изменения климата и практически полное истощение ресурсов Аральского моря усугубляют проблему дефицита воды. Повышение температур ведет к более раннему таянию снегов, в результате чего пиковый расход воды в реках приходится на

---

[16] https://thedocs.worldbank.org/

весенний период, а в сезон ирригации сокращается почти на 25%. Пока объемы стока увеличиваются за счет быстрого таяния ледников. Однако, согласно прогнозам, после достижения Центрально-Азиатским регионом пиковых показателей расхода воды примерно к 2050 году ситуация изменится, и объем стока резко сократится[17].

Следовательно, необходимость адаптации к новым климатическим условиям, приводит к принятию экологически безопасного поведения и продвижению стратегий в водном и энергетическом секторе.

Последнее десятилетия рационализация водно-энергетических ресурсов и их безопасность стало актуальным направлением в управлении водно-энергетической системе, как внедрение новейших безопасных и эффективных технологий, несоблюдение санитарных норм.

Рационализация водно-энергетических ресурсов — как инновационный метод в использовании водно- энергетических ресурсов, является одним из главных стратегий в стране. В нём предусматриваются инновационные комплексные мероприятия по экономии воды и энергии, воспроизводству сточных и дренажных вод, широкому использованию оборотных и комбинированных систем водоснабжения в целях ресурсосбережения, охраны природы и повышения экономической эффективности водохозяйственных систем.

Инновационные достижения в области водного и энергетического сектора откроют новые возможности для мониторинга и управления водно – энергетическими ресурсами режиме реального времени. В этом контексте инновационные методы как технология интеллектуального управления водными и энергетическими ресурсами предоставляет данные и инструменты, помогающие пользователям более эффективно управлять водно-энергетическими.

Данные, собранные с помощью интеллектуальных устройств водоснабжения и энергоснабжения, интегрируются с системами управления зданиями, чтобы показать, сколько воды и энергии используется жильцами, а также определить области потребления для более эффективного использования данных ресурсов.

Благодаря такому подходу интеллектуальные здания представляют собой инновационное решение, повышающее устойчивость города и способствующее преодолению экологических проблем, связанных с увеличением численности населения и изменением климата.

Одной из основных проблем является экономия ресурсов и восстановление. Вода является важнейшей потребностью всех живых существ, и проблемы ее нехватки требуют перехода к инновационному и устойчивому управлению, начиная с масштаба здания. Таким образом, цель данной рукописи - предоставить исследователям, потребителям и заинтересованным сторонам обновленный и ценный обзор относительно внедрения интеллектуальных и устойчивых технологий для управления водно- энергетическими ресурсами.

Один из важных приоритетов нашего государства - водно-энергетическая безопасность. Водно- энергетическая безопасность любого государства может быть обеспечена при наличии новых энергетических технологий, законодательства по стимулированию их использования,

[17]https://thedocs.worldbank.org/

привлекательной инвестиционной и налоговой политики для развития новых отраслей промышленности и производства новых материалов.

Водно-энергетический потенциал как важнейший источник является основным направлением в водно-энергетической безопасности. Энергетическая безопасность–это задача государства, связанная с гарантированным обеспечением нации всеми необходимыми энергетическими ресурсами[18]…Следует отметить, что данная задача также приводит к ускоренной индустриализации страны.

Водно–энергетическая безопасность, создание стойкой инфраструктуры, рационализация и управление водно–энергетических ресурсов путём инновационных методов – это и есть ускоренная индустриализация страны, которые приводят такие результаты:

- надежное энергоснабжение и сокращение дефицита электроэнергии в зимнее время;
- повышение доходов за счет экспорта энергии и торговли;
- повышение производительности сельского хозяйства через обеспечение надежного доступа к водным ресурсам;
- повышение качества воды и сокращение деградации земель;
- совершенствование процессов адаптации к изменению климата и переменчивости водных/гидрологических факторов;
- развитие рентабельной инфраструктуры;
- расширение возможностей для международных и частных инвестиций в водные и энергетические ресурсы.

Таджикистан, обладая огромными, уникальными запасами гидроэнергоресурсоми, приводят к одним из приоритетных направлений устойчивого развития национальной экономики, а рационализация данных ресурсов - к ускоренной индустриализации.

В современных условиях рационализация водно-энергетических ресурсов становится одним из важнейших факторов рентабельности и конкурентоспособности во всех отраслях экономики.

На сегодня и в будущем водно- энергетические ресурсы являются одним из ярких представителей природного капитала и относится к числу важных как экономических, социальным и экологических факторов развития страны, то есть в современной жизни наличие водно- энергетических ресурсов и их качественное состояние - это большая значимость в устойчивом развитии государства.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», *21 декабря 2021 года, город Душанбе.*
2. https://ru.wikipedia.org/ Индустриализация
3. https://thedocs.worldbank.org/
4. Монография «Региональные аспекты обеспечения водно-энергетической безопасности. (на материалах стран Центральной Азии)», Исайнов Х.Р., Кимсанов У.О.-2020г.


[18] Монография «Региональные аспекты обеспечения водно-энергетической безопасности. (на материалах стран Центральной Азии)», Исайнов Х.Р., Кимсанов У.О.-2020г.

# НАҚЛИЁТ ҲАМЧУН СОҲАИ МАХСУСИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОДДӢ

**Бегмуродов С.Ш.**
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

Дар замони муосир вазифаи муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо таъмини рушди иқтисодӣ ҳамчун асоси баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мебошад. Яке аз омилҳои асосии рушд фаъолияти пурсамари инфрасохтори истеҳсолӣ мебошад, ки маҷмуи соҳаҳои ба ҳам алоқаманд буда, барои фароҳам овардан ва таъмини шароит барои фаъолияти истеҳсолот ва таъмини сифати зиндагии аҳолӣ пешбинӣ шудаанд.

Унсури муҳими инфрасохтори истеҳсолӣ комплекси нақлиётӣ мебошад. Комплекси нақлиётӣ қисми низоми минтақавӣ буда, ба кори бомуваффақияти иқтисодиёти минтақа таъсири калон мерасонад, корхонаҳои истеҳсолиро ба комплекси ягонаи минтақавӣ муттаҳид менамояд. Фаъолияти устувор гарави фазои ягонаи иқтисодӣ, ҳаракати озоди молу хизматрасонӣ, беҳтар шудани шароит ва сатҳи зиндагии мардум чи дар сатҳи кишвар ва чи дар минтақаи алоҳида мебошад.

Дар айни замон дар муайян кардани мазмуни мафҳуми «комплекси нақлиётӣ» таҷрибаи муайяни истилоҳӣ ҷамъ карда шудааст. Он аксар вақт бо мафҳумҳои «соҳаи нақлиёт», «низоми ягонаи нақлиётӣ», «инфрасохтори нақлиётӣ» истифода мешавад. Тафовутҳо бо равишҳои гуногуни методологӣ шарҳ дода мешаванд, дар ҳоле ки дар асоси маҷмуи равишҳо мазмуни мафҳумро баррасӣ кардан бамаврид аст.

Ҳангоми баррасии мафҳум танҳо бо муносибати соҳавӣ ва байнисоҳавӣ ба мазмуни мафҳуми комплекси нақлиётӣ маҳдуд шудан мумкин нест, бе назардошти он, ки нақлиёт қисми инфрасохтори истеҳсолию иҷтимоии мамлакат мебошад. Комплекси нақлиётӣ ҷузъи ҷудонашавандаи инфрасохтори истеҳсолӣ буда, тақсимоти фазоии меҳнат, муттасилии равандҳои такрористеҳсолӣ ва дар натиҷа имкони ба даст овардани самара дар асоси ҳамкории комплексии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти минтақаро таъмин мекунад [4].

Фаъолияти комплекси нақлиётӣ дар минтақаи алоҳида алоқаи зичи байни нақлиёт ва дигар унсурҳои иқтисодиёти минтақаро ба миён меорад. Дар баробари ин, низоми иқтисодии минтақа маҷмуи соҳаҳои саноат дар минтақа мебошад ва сатҳи рушди ҳар як соҳаи алоҳида ба фаъолияти тамоми минтақа таъсир мерасонад. Рушди ҳамоҳангшудаи зернизомҳои алоҳида ба комплекси нақлиётӣ таъсири назаррас мерасонад, зеро он ҳамчун пайванди пайвасткунанда дар робита бо субъектҳои хоҷагидорӣ амал карда, ба иқтисодиёти минтақа дар маҷмуъ таъсир мерасонад. Дар асоси ин дараҷаи баланди тараққиёти комплекси нақлиётӣ имкониятҳои нави пешрафти иқтисодиёти минтақаро пешакӣ муайян мекунад.

Бояд қайд кард, ки комплекси нақлиётии минтақавии ҳудуди муайян дорои низоми мушаххаси муносибатҳое мебошад, ки ба сохтори он таъсир мерасонад. Ҳар як комплекс вобаста ба як қатор омилҳо: сарватҳои табиӣ ва ҷойгиршавии онҳо, хусусиятҳои ҷойгиршавии географии минтақа, хусусиятҳои ҷойгиркунии истеҳсолот хусусиятҳои хоси худро дорад.

Нақлиёт ҷузъи муҳими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аҳамияти онро нақши он дар тақсимоти минтақавии меҳнати ҷамъиятӣ муайян мекунад: махсусгардонии ноҳияҳо ва рушди ҳаматарафаи онҳо бе низоми нақлиётӣ имконнопазир аст. Омили нақлиёт ба ҷойгиршавии истеҳсолот таъсир мерасонад. Дар ҳолати ба ҳисоб нагирифтани он ба тақсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда муваффақ шудан мумкин нест.

Нақлиёт ба тамаркузи истеҳсолот таъсир мерасонад. Дар вақти тамаркузи истеҳсолот андозаи муносиби корхонаро муайян кардан муҳим аст, чунки дараҷаи сарфи меҳнат ва арзиши аслии маҳсулот ба ҳамин вобаста аст. Афзоиши иқтидори корхона ҳамчун қоида боиси пастравии он мегардад. Дар вақти муқаррар намудани сарҳади тамаркузи мақсадноки истеҳсолот хароҷоти умумии истеҳсол ва кашондани маҳсулот муайян карда мешавад, яъне онҳо ғайр аз масъалаҳои техникӣ, технологӣ ва молиявӣ, ҷойгиршавии мушаххаси корхона ва хароҷоти нақлиётро ба ҳисоб мегиранд, ки ба арзиши аслии маҳсулот дохил карда мешаванд.

Дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ тамаркузи истеҳсолот ба дараҷаи сифатан нав баромад - дар як минтақа маҷмуи корхонаҳои саноатӣ бо истеҳсолоти умумии ёрирасон, иншоотҳои муҳандисӣ ва иртибот, объектҳои иҷтимой-маишӣ ва маданӣ - маҷмуи минтақавӣ-истеҳсолӣ барпо карда мешаванд. (ММИ) [1]. Таъсири нақлиёт ба тамаркузи истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ калон аст. Барои тамаркузи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ истифодаи маҷмуи нақлиёти роҳи оҳан ва автомобил, ки таъминоти моддию техникӣ ва ба истгоҳҳои роҳи оҳан фиристодани маҳсулоти хоҷагии қишлоқро таъмин мекунад, аҳамияти калон дорад.

Дар вақти муайян кардани сарҳади муносиби махсусгардонии истеҳсолот ба назар гирифтани ҷузъи ҷамъшавандаҳои нақлиётӣ ҳатмист. То он даме, ки сарфа аз кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ дар корхонаи махсусгардонидашуда аз хароҷоти иловагии нақлиётӣ оид ба кашондани маҳсулоти ин корхона зиёд набошад, махсусгардонӣ самарабахш дониста мешавад.

Ҳангоми муқаррар намудани сарҳади кооператсияи (ҳамкории) истеҳсолии ба мақсад мувофиқ хароҷоти нақлиётӣ низ бояд ба назар гирифта шавад. Кооператсия ҳамчун махсусгардонӣ ва тамаркузӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқ аст, ки агар сарфа аз кам кардани хароҷоти истеҳсолии корхонаҳои кооперативӣ аз хароҷоти иловагии нақлиёт, ки дар натиҷаи зиёд кардани масофаи кашондани маҳсулоти ин корхонаҳо ба амал омадааст, зиёд бошад.

Дар вақти ҷойгиркунии истеҳсолот эҳтиёҷоти боркашонӣ, ҳаҷми ашёи хом ва маҳсулоти тайёр, барои кашондан қулай будан, мавҷуд будани роҳҳои нақлиётӣ, қобилияти боркашонӣ ва ғайра низ бояд ба назар гирифта шаванд. Вобаста ба таъсири ин ҷузъҳо вариантҳои ҷойгиркунии корхонаҳо баррасӣ карда мешаванд. Такмилдиҳии (ратсионализатсия) боркашонӣ ба самараи истеҳсолот чи дар корхонаҳои алоҳида, чи минтақаҳо ва чи дар тамоми мамлакат таъсир мерасонад.

Хусусияти нақлиёт ҳамчун соҳаи иқтисодиёт дар он аст, ки худи вай маҳсулот истеҳсол намекунад, балки танҳо дар истеҳсоли он иштирок мекунад (бинобар ин маҳсулоти нақлиётӣ ҷамъ намешаванд, барои ба вуҷуд омаданашон вақт надоранд, ҳатто агар ин маҳсулот ба вуҷуд оварда шавад ҳам, онҳо дар як лаҳза истеъмол карда мешаванд. Охир, «маҳсули» нақлиёт кашонидан аст... Одамон ва бор ҳамроҳи воситаи муайяни нақлиёт ва ҳаракати он кашонида мешаванд, ҳаракати он раванди истеҳсолиест, ки вай ба вуҷуд меоварад. ...[3]), ки таъмини ашёи хом, масолеҳ, таҷҳизот барои истеҳсол ва ба истеъмолкунанда расонидани маҳсулоти тайёрро таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, хароҷоти нақлиётии ба вуҷуд омада ба арзиши аслии маҳсулот дохил карда мешавад. Ҳаминро ҳам қайд кардан лозим аст, ки ба ҳисоб гирифтан ва кам кардани хароҷоти нақлиётӣ шарти ҳатмии оқилона ҷойгир кардани қувваҳои истеҳсолкунанда мебошад.

Таъсири ҷузъи ҷамъшавандаи нақлиётӣ бо таносуби массаи ашёи хом ва сӯзишворӣ, аз як тараф ва массаи маҳсулоти тайёр, аз ҷониби дигар, инчунин масофаи интиқоли онҳо муайян карда мешавад. Таносуби ин ҷузъҳо дар соҳаҳои мухталиф якхела нест ва бо мурури замон метавонад тағйир ёбад. Бинобар ин, барои ба ҳисоб гирифтани таъсири хароҷоти нақлиётӣ ба

ҷойгиркунии корхонаҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ муносибати тафриқа кардашуда зарур аст.

Корхонаҳои саноати истихроҷ - маъдан, нафт, ангишт асосан дар наздикии конҳои ашёи хом ҷойгир карда мешаванд. Бо назардошти ҷузъи ҷамъшавандаи нақлиётӣ, пайдарҳамии оқилонаи ба истифода додани конҳо муайян карда, ҳаҷми муносиби истеҳсолот муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми ҷойгир кардани корхонаҳои соҳаи коркард таъсири ҷузъи ҷамъшавандаи нақлиётиро ба назар гирифтан душвортар аст. Чун қоида, се вариант баррасӣ мешавад: массаи ашёи хом ва сӯзишворӣ аз массаи маҳсулоти тайёр зиёд аст; массаи маҳсулоти тайёр аз массаи ашёи хом ва сузишворӣ зиёд аст; массаи ашёи хом ва сузишворӣ ба массаи маҳсулоти тайёр баробар аст.

Бо назардошти якхела кашонданбоб будани ашёи хом ва сузишворӣ, интихоби ашёи хом ё манбаи сузишворӣ ба сифати ҷойгиршавии корхона бо бартарии массаи ин ё он таркиби истеҳсолот муайян карда мешавад. Масалан, дар истеҳсоли қанд сарфи ашёи хом аз сарфи сӯзишворӣ 5-6 баробар зиёд бошад, дар истеҳсоли семент ин таносуб боз ҳам зиёдтар аст. Корхонаҳои ин гуна соҳаҳо асосан дар назди манбаи ашёи хом ҷойгир карда мешаванд. Корхонаҳои саноати алюминий, мис, никел ва дигар соҳаҳои энергияталаб, ки сарфи сӯзишворӣ назар ба сарфи ашёи хом чандин баробар зиёд аст, чун қоида дар назди манбаи энергетикӣ ҷойгир карда мешаванд. Вақте ки массаи маҳсулоти тайёр аз массаи ашёи хом ва сӯзишворӣ зиёд мешавад, ҷойгир кардани чунин корхонахо дар минтақаҳое, ки маҳсулот истифода бурда мешавад, ба мақсад мувофиқ аст.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ нақши нақлиёт хеле меафзояд. Аз як тараф, самаранокии корхона ба омили нақлиётӣ вобаста аст, ки дар шароити бозор бевосита дар коршоямии он ифода мегардад, аз тарафи дигар, худи бозор мубодилаи молу хизматҳоро дар назар дорад, ки бидуни нақлиёт ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, нақлиёт ҷузъи муҳимтарини инфрасохтор мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Аксененко Б.Н. «Транспорт объединяет в единый комплекс все отрасли экономики», // «Автомобильный транспорт», №1, 2000.

2. Будрин, А.Г., Будрина, Е.В., Григорян, М.Г. и др. Экономика автомобильного транспорта [Текст]: учеб. пособие для студ. вузов / под. ред. Г. А. Кононовой.-М.: Изд-кий центр «Академия», 2005. - 320 с.

3. Видяпин В.И., Степанова М.В. «Территориальная организация и размещение отраслей транспорта»/ «Экономическая география России», 2006.

4. Эйхлер, Л. В. Планирование конечных результатов хозяйственной деятельности грузовых автотранспортных предприятий [Электронный ресурс]: монография / Л. В. Эйхлер, А. Е. Черникова. - Омск: СибАДИ, 2015. -191с.

5. Экономика и управление на грузовом автомобильном транспорте [Текст]: учеб. пособие для студентов. высш. учеб. заведений / А. Д. Хмельницкий. - М.: Издательский центр «Академия», 2006. - 258 с.

# АФЗАЛИЯТИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР СУРЪАТБАХШИИ САНОАТИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАЪМИНИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ

**Гадоев Амиршо Ҷурахонович**
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

Дар шароити иқтисоди бозорӣ рушд ва такмили фаъолияти инноватсионии мамлакатро бидуни ташаккул ё худ густариш додани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакатҳо суръат бахшида, боиси фаъол гардонидани иштироки онҳо дар фаъолияти иқтисодии берунӣ, ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ ва минтақашавӣ мегарданд.

Тибқи назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ (ШМА, Британияи Кабир, Ҷопон, Хитой, мамлакатҳои нави саноатӣ ва дигар кишварҳои минтақаи Аврупою Осиё) маълум гардидааст, ки дар низоми иқтисоди бозорӣ давлат танҳо ва танҳо бо роҳи ҳавасмандгардонии субъектони иқтисодӣ метавонад таваҷҷуҳӣ соҳибкорон ва сармоягузорони дохилию хориҷиро барои тақвияти ҳамкориҳо дар самту соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ баҳри амалӣ гардонидани ҳадафҳои стратегӣ ба худ ҷалб намояд. Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ - омили боэътимод ва самарабахши рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии кишварҳои алоҳида ба шумор меравад.

Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ таъкид намудааст, “...Минтақаҳои озоди иқтисодӣ воситаи муҳимми ҷалби инвеститсияҳо ба ҳудудҳои алоҳидаи кишвар ва рушди иқтисодии онҳо мебошад”[19].

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ифодакунандаи инкишофи робитаҳои тиҷоратию молиявӣ, истеҳсолию технологии давлатҳо буда, ба макони густариши муносибатҳои бозорӣ, рушди сохибкорӣ, такмили технологияҳои истеҳсолӣ ва санъати идоракунӣ мубаддал гаштаанд. Ин гуна сохторҳои ҷаҳонӣ махсусан дар охирҳои асри XX ба омили назарраси рушди иқтисодӣ, бахусус рушди тиҷорати байналмилалӣ табдил гашта, нишондиҳандаҳои бемисли пешравиро соҳиб шуданд. Аз рӯйи баъзе маълумоти коршиносон дар аввали асри нав сеяки хаҷми гардиши молҳо дар ҷаҳон тавассути минтақаҳои озоди иқтисодӣ сурат мегирад.

Бори аввал таърифи расмии мушаххаси минтақаи озоди иқтисодӣ дар конвенсияи Киото аз 18-уми майи соли 1973 дода шудааст. Дар вай омадааст, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ - ин қисми қаламрави (қитъаи)-и як давлатест, ки дар он молҳои воридкардашуда одатан ҳамчун молҳои берун аз қаламрави гумрукӣ ва нисбати ҳуқуқи воридот ва андозҳои мувофиқ ҳисобида мешаванд ва аз тафтиши муқаррарии назорати гумрукӣ озод мебошанд[20]. Аз ин таъриф бармеояд, ки озодии қисми ҷудошудаи фазои давлат на мутлақ, балки нисбӣ аст. Ин қаламрав фақат ба он маъно озод мебошад, ки молҳои ба он воридшуда аз боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ба воридот ва дигар намудҳои назорати воридотӣ озод карда мешаванд, ки

[19] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 21.12.2021с. http://www.president.tj/node/27417

[20] Баронов В.И., Костюнина Г.М. - Свободные экономические и офшорные зоны. Учебное пособие. Издательство: Магистр, 2018. - С.34-35.

мувофиқи санадҳои қонуни гумрукии ин мамлакат нисбати молҳои воридшаванда ба дигар қисми қаламрави ин мамлакат истифода мешаванд.

Зери мафҳуми минтақаи озоди иқтисодӣ мо ҳудуди махсуси аз ҷониби давлат ҷудонамудаеро меномем, ки дорои имтиёзҳои андозӣ, боҷӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ буда, баҳри ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ пешбинӣ шудааст.

Дар қонунгузории мамлакати мо оид ба минтақаи озоди иқтисодӣ оварда шудааст. "...Минтақаи озоди иқтисодӣ – ин қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраркардашуда, ки дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст"[21].

Таҳавуллоти фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба мамлакатҳои Ғарб рост меояд. Масалан нахуст шуда ИМА ва Британияи Кабир фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро дар худ ба роҳ мондаанд. Ҳадафи таъсиси минтақаи озоди иқтисодӣ дар кишварҳои ҷаҳон гуногун буда, аз вазифаҳо ва муаммоҳои хукми бартаридоштаи ҳар як давлат бармеояд. Агар дар ИМА тибқи қонуни соли 1934 минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба хотири мусоидаткунӣ барои рушди савдои хориҷӣ бо роҳи озод намудани молҳои хориҷӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ мавриди воридшавии онҳо ба Иёлоти Муттаҳидаи Америко таъсис дода шуда бошанд, дар Британияи Кабир бошад ин гуна минтақаҳо ноҳияҳоеро фаро гирифта буданд, ки аз ҷиҳати тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ, асосан рушди истеҳсолот қафо монда буданд[22].

Бинобар ин, мақсадҳои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз сатҳи инкишофи иҷтимоӣ - иқтисодии давлати ташкилкунанда, нақшаҳои стратегии онҳо ва ғайра вобастагӣ доранд. Барои ҳамин сабабҳо ва мақсадҳои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳар як ҳолатҳои дақиқ аз ҳамдигар фарқ карда мешаванд. Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба барномаи рушди инноватсионии Тоҷикистон ва нақша-чорабиниҳои ислоҳоти иқтисодии даврони баъди соҳибистиқлолии мамлакат, яъне гузариш аз низоми иқтисоди нақшавӣ ба иқтисодиёти бозоргонӣ ворид карда шудааст, чунки иқтисоди муосирро бе чунин минтақаҳо тасаввур кардан душвор аст.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон бо мақсади таъмини шароити мусоид барои суръатбахшии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои мақсадҳои таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор, рушди бемайлони иқтисодиёт дар асоси технологияи инноватсионӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, муттаҳидсозӣ ва истифодаи маҷмуии сармояи давлатӣ, тиҷоратӣ ва хориҷӣ, санҷиши усулҳои нави хоҷагидорӣ, ки ба омезиши шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд, дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани ихтироот ва коркарди илмию техникии ватаниву хориҷӣ бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар дигар ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ: густариши истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо, афзун намудани содироти маҳсулот ва ҳалли дигар вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ такшкил шудаанд.

Ба фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ хусусиятҳои гуногун хос аст. Дар онҳо на танҳо тиҷорат рушд менамояд, балки истеҳсоли мол бо васеъсозии доимии истеҳсоли номгӯйи

---

[21] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» аз 17-уми майи соли 2004, Боби 1, моддаи 1 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004., №5, моддаи 335 ). Ва бо тағйироту иловаҳо аз 25 марти соли 2011, №700 қабул гардидааст.

[22] Абдураҳмонов Ҳакимзода, Қаюмҷон Раҷабов. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии самти иқтисодӣ. -Душанбе: Ирфон, 2010. - С.156.

маҳсулот ва соҳаҳои гуногун рушд менамоянд. Шароити иқтисодӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ вазни хоси истеҳсоли маҳсулоти илмталабро афзун менамояд. Ҷойҳои нави корӣ низ таъсис дода мешаванд, ки боиси босубот рушд намудани вазъи иҷтимоии мамлакат хоҳанд гардид.

Тоҷикистон дили Осиёи Марказӣ ҳисоб меёбад. Бахшҳои Шоҳроҳи Бузурги Абрешим аз ин сарзамин убур мекунад. Тоҷикистон кишвари агросаноатӣ буда, дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ, саноатӣ ва конҳои калони маъданҳои фоиданок мебошад. Наздикии бозорҳои бузурги истеъмолӣ дар Русия, Қазоқистон, Чин, Афғонистон ва Покистон ин бахши иқтисодро хеле ҷолиб месозад. Дар кишвар 5 минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият доранд:

1. Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд”.
2. Минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”.
3. Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим”.
4. Минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ”.
5. Минтақаи озоди иқтисодии “Кулоб”.

Арзиши иҷораи қитъаи замин мутобиқи низомнома солона 1 доллар барои 1 метри мураббаъро ташкил мекунад. “Минтақаҳои озоди иқтисодӣ - имконҳоеанд, ки дар он ҷо тиҷорати муваффақро бунёд карда метавонем. Онҳо на танҳо сармоягузоронро ҷалб мекунанд, балки барои онҳо имкониятҳои навро фароҳам меоранд”.

Дар айни замон тибқи иттилои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳафт моҳи соли 2022 танҳо дар қаламрави ду минтақаи озоди иқтисодӣ: “Суғд” ва “Данғара” аз 60 корхонаи бақайдгирифташуда 24-тои он ба истеҳсолот машғул шуда, дар ин давра ба маблағи 208 млн. сомонӣ маҳсулот тавлид намудаанд.

Бар асоси омори расмӣ, тайи моҳҳои январ-июли соли 2022, аз 5 минтақаи озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон, танҳо дар 2 ададӣ он истеҳсолот ҷой доштааст. Дар минтақаи озоди иқтисодии “Данғар” 11 субъект ба қайд гирифта шуда, ба маблағи 34,4 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст. Минтақаи аз ҳама фаъоли иқтисодӣ “Суғд” боқӣ мемонад, ки 30 субъект дар он ба қайд гирифта шудааст. Аз ин феълан танҳо 13 адад фаъолият доранд. Корхонаҳои мазкур дар шимоли ҷумҳурӣ тайи 7 моҳи аввали соли 2022 ба маблағи беш аз 208,6 млн сомонӣ маҳсулот тавлид кардаанд, ки баландтарин нишондод миёни минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ мебошад.

Инфрасохтори вилояти Хатлон як шабакаи рушдёфтаи роҳҳои автомобилгард, оҳан ва ҳавоӣ мебошад. Соҳаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ, кимиё, электроэнергетика ва саноати коркарди оҳан хуб инкишоф ёфтаанд. Дарёҳои асосии ин вилоят Панч, Вахш ва якчанд обанборҳо захираҳои бепоёни захираҳои гидроэнергетикӣ доранд. Шароити иқлими минтақа, ки нури офтоб, об ва водиҳои ҳосилхези фаровон доранд, ба хоҷагидорон, соҳибкорон ва сармоягузорон имкон медиҳанд, ки дар як сол то 3 маротиба сабзавот ва мева парвариш кунанд. Имрӯзҳо дар вилояти Хатлон се минтақаи озоди иқтисодӣ – “Данғара”, “Панҷ” ва “Кӯлоб” фаоълият мекунанд.

Минтақаи озоди иқтисодии Данғара яке аз дуюмин минтақаҳои пешрафтаи иқтисодии ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, масоҳати он 521,03 гектарро ташкил медиҳад. Корхонаиояндадори дар қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ бунёдшаванда дар бахши истихроҷи нафт аз ҷониби ширкати Чин бунёд гардидааст. Иқтидори лоиҳавии корхона дар як сол 1,2 миллион тонна ашёи хоми нафтро имконияти коркард намудан дорад.




**Диаграммаи 1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаи озоди иқтисодии Данғара (7 моҳи соли 2022, ҳазор сомонӣ)[23]**

Сохтмони корхонаи коркарди нафт дар МОИ «Данғара» бо иқтидори солонаи 1,2 млн. тонна нафт соли 2014 шуруъ шуда буд. Корхонаро ширкати муштараки ТК-oil-и Тоҷикистону Чин бунёд кард, ки аз ҷониби ширкатҳои чинии Dong Ying heli Investment and Development ва «Ҳасан ва Ко»-и Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Ҳиссаи Чин дар лоиҳа 90 фоиз ва Тоҷикистон 10 фоизро ташкил медиҳад[24]. Субъекти дигари минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» корхонаи истеҳсоли конструксияҳои оҳанӣ бо иқтидори коркарди солона то як миллион тонна оҳан мебошад. Ҳамчунин корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи пластикӣ ва қубурҳои пластикӣ, заводи коркард ва бастабандии меваҳои хушк ва ғайраҳо бунёд гардаанд (ниг. ба диаграммаи 2).

Тавре ки аз маълумоти омории диаграммаи мазкур бармеояд, дар нуҳ моҳи соли 2020 аз ҷониби субъектони минтақаи озоди иқтисодии "Данғара" ба маблағи 21,6 млн. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ тавлид гардидааст. Дар ин давра 9 субъекти он аз ҷумла, ҶДММ "Тайпласт-1" ба маблағи 6,8 млн. сомонӣ, ҶСП "Ауфен" 11,4 млн. сомонӣ, ҶСП "Детйен Бетон" 1,3 млн. сомонӣ, ҶДММ "Ғаюр саноат" 1,1 млн. сомонӣ, ширкати "Сохтмон" 194,9 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Оро" 36 ҳазор сомонӣ, ҶММ "Тоҷи Осиё" 145 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Грин Голд" 516 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ "Миср 2001" 121,7 ҳазор сомонӣ маҳсулот тавлид намудаанд.

*Ҳудуди минтақаи озоди иқтисодии Панҷ* 401,6 гектарро ташкил дода, як қисми он бо 186 гектар ба бахши тиҷорат, воридот, содирот, молия ва инноватсия ва қисми дуюм бо 215,6 гектар ба бахши саноат тааллуқ дорад. Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» дорои захираҳои бузурги ашёи хом ба мисли қуми квартсӣ ва пахтаи хом, инчунин маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки метавонанд аз чор ноҳияҳои дар масофаи 50 км дар атрофи минтақаи озоди иқтисодӣ ҷойгирбуда таъмин карда шаванд. Дар ин минтақа инфрасохтори хуб бо назорати гумрукӣ ташкил карда шудааст ва бо об ва қувваи барқ таъмин мебошад. Дар айни замон

---

[23] Ҳаҷми тавлидот дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон маълум шуд. https://sputnik.tj/20220831/tavlidot-mintaqaho-ozod-iqtisodi-tojikiston-1051061293.html
[24] Чаро корхонаи бузурги коркарди нафти Данғара фаъолият намекунад? https://www.instagram.com/p/CFTrpY6hM-S/

шартномаҳо бо ширкатҳои Корея оид ба истеҳсоли шеткаи дандон ва бунёди фабрикаи пойафзол баста шудаанд.




**Диаграммаи 2. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаи озоди иқтисодии Данғара (9 моҳи соли 2020, ҳазор сомонӣ)**

*Минтақаи озоди иқтисодии Суғд* соли 2008 таъсис дода шуда, дар қисми саноатии ҷанубу ғарби шаҳри Хуҷанд ҷойгир аст. Масоҳати умумии он 320 гектарро ташкил медиҳад. Субъектҳои дар минтақаи озоди иқтисодии мазкур фаъолияткунанда ба истеҳсоли кабелҳои барқӣ, қубурҳои полимерӣ, профилҳои алюминӣ ва пластикӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва рангҳо, зарфҳои пластикӣ, васлу насби таҷҳизоти истеҳсоли барқ аз неруи офтобӣ ва насосҳои амиқ, инчунин коркарди такрории оҳан машғуланд. Корхонаҳои истеҳсоли лампаҳои каммасраф, мебел ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд. *Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» барои корхонаҳое, ки дар самти содирот кор мекунанд, шароити мусоид пешниҳод мекунад.*

Яке аз субъектони минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" ҶДММ "Арча-мебел" ба шумор меравад, ки дар он зиёда аз 50 нафар қувваи кории маҳаллӣ ба кори доимӣ таъмин гардидаанд. ҶДММ "Арча-мебел" бо сармоягузории муштараки ҶДММ "Фортуна ва компания"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «УчЮлдиз» -и Туркия санаи 28-уми июни соли 2018 дар МОИ «Суғд» бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ҳаҷми умумии сармоягузорӣ барои бунёди ширкат 9 млн. сомониро ташкил додааст, ки сармоягузорони асосии он ҶДММ "Фортуна ва компания"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ширкати «УчЮлдиз» -и Туркия ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд мебошанд.

Субъекти дигари минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" - ҶСП "Ориён пласт метал" ба шумор меравад. Ин ширкат бо сармояи 20 млн. сомонӣ бунёд гардида ба истеҳсоли бозича, дучархаи кӯдакона, техникаи маишӣ аз ҷумла яхдон, мошини ҷомашӯӣ ва ғ. машғул буда дар он 150 нафар қувваи кории маҳаллӣ шуғли доимии худро пайдо намудаанд.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар қисми шарқии Тоҷикистон ҷойгир аст. Ин сарзамин аз манзараҳои беназири диққатҷалбкунанда, сангҳои қиматбаҳо, чашмаҳои оби шифобахш ва канданиҳои фоиданок бой аст.

2) Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан. (asiapacificenergy.org)

3) Заур Мамедьяров - Младший научный сотрудник ИМЭМО РАН, https://webeconomy.ru/index.php?page=cat&cat=mcat&mcat=189&type=news&mm_menu=58&newsid=3957

4) Ярахмедова В.В., Кузьмина Е.В. Развитие предпринимательства в условиях цифровой экономики. Journal of Economy and Business, vol. 12-3 (82), 2021 razvitie-predprinimatelstva-v-usloviyah-tsifrovoy-ekonomiki.pdf

5) Устинова Н.Г. Цифровая экономика и предпринимательство: вопросы взаимодействия // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. – 2019. – №3 (77).

6) Lee J. Comparative analysis of national policies for open data government ecosystem // Journal of the Society of Korea Industrial and Systems Engineering. - 2018. - Vol.41 (1). - P.128-139.

7) (https://www.sostav.ru/publication/kazhdyj-vtoroj-rossiyanin-khochet-chtoby-na-vkhodyashchie-zvonki-otvechal-robot-50865.html).

8) (https://finance.rambler.ru/other/42779323/?utm_content=finance_media&utm_medium=read_more&utm_source=copylink).

# МЕТОДЫ КОЛИЧЕСТВЕННОЙ ОЦЕНКИ ХОЗЯЙСТВЕННЫХ РИСКОВ ПРЕДПРИЯТИЙ ХЛОПКООЧИСТИТЕЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

**Содиков Р.Х.**

***Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан***

Усиление конкуренции, внешние и внутренние риски, повышение многообразия и неоднородности факторов экономической конъюнктуры, воздействующих на промышленные предприятия, а также другие объективные причины актуализировали развитие методологии анализа и оценки рисков на системной основе. Оценка рисков - это этап анализа рисков, который направлен на определение его количественных характеристик: вероятности возникновения определенного события, возможность возникновения ущерба или выгоды.

По мнению Р.М. Качалова, проблема анализа и оценки феномена риска в деятельности производственных предприятий до сих пор остается слабо структурированной и почти не формализованной [2, с.125]. Множество релевантных для производственных предприятий факторов хозяйственного риска можно интерпретировать как некое пространство событий. Релевантные внешние и внутренние факторы хозяйственного риска являются по месту их возникновения в бизнес-процессах внутри и вне экономической среды предприятия.

*Финансовая оценка убытков от действия факторов хозяйственного риска.* Для описания множества факторов хозяйственного риска предприятий хлопкоочистительной промышленности предлагается два способа.

Первый способ, назовем его путь «сверху вниз», использует сложившиеся стандарты управления риском. Для построения пространства событий рассмотрим классификацию факторов рисков по схеме, предложенной в стандартах ФЕРМА [8, с.3]. Преимущество этого способа в том, что будут проанализированы основные блоки факторов хозяйственного риска для предприятия.

Второй способ, назовем его путь «снизу вверх», операция выявления рисков применяется для каждого бизнес-процесса.

С точки зрения организационной структуры любое предприятие состоит из ряда подразделений. Каждое подразделение и его сотрудники принимают участие в тех или иных бизнес-процессах компании. Рассмотрим подробнее эти процессы и связи между ними.

Одни процессы будут идти последовательно, т.е. один за другим, часть процессов будет идти параллельно. Каждому бизнес-процессу или последовательности бизнес-процессов ставятся в соответствие некоторые факторы хозяйственного риска [6, с.95].

Недостаток второго способа заключается в том, что существенные факторы хозяйственного риска, относящиеся к деятельности предприятия в целом и трудно формализуемые в рамках конкретных бизнес-процессов внутри организационной структуры, могут быть упущены. Поэтому наилучшим способом действия представляется комбинация этих способов. После построения графа бизнес-процессов и соответствующих им факторов хозяйственного риска в рамках действующей структуры необходимо проверить, чтобы существенные стратегические или финансовые факторы хозяйственного риска, а также факторы хозяйственного риска, связанные с природными катастрофами или политическими событиями, не были упущены.

Таким образом, предлагаемый метод формализации пространства факторов экономического риска заключается в следующем: наиболее полно выявить и описать множество факторов хозяйственного риска в сфере хозяйственной деятельности промышленного предприятия. На следующем шаге необходимо исследовать природу подмножеств факторов хозяйственного риска на предмет обнаружения связей. Затем присвоить количественные характеристики и оценить интегральный ущерб от воздействия неблагоприятных событий [1, с.145].

Каждому событию, в случае если оно произойдет, сопоставляется число - денежная оценка предполагаемого ущерба.

Рассмотрим некоторые примеры оценки суммы предполагаемого ущерба по месту возникновения факторов хозяйственного риска на предприятиях хлопкоочистительной промышленности.

1. *Ущерб от предоставления товарного кредита или отсрочки платежа.* Специфический риск для производственного предприятия, который возникает из-за особенностей коммерческой политики предприятия, а именно продаж с отсрочкой платежа или предоставления покупателям товарного кредита [10, с.36]. В первом случае потери возникают при серьезном нарушении сроков или у одного крупного покупателя или у многих мелких, и предприятию необходимо привлекать заемные средства для выполнения своих обязательств. Тогда сумма потерь - это стоимость привлечения заемных средств. Во втором случае стоимость потерь - это стоимость неоплаченного товара по товарному кредиту.

2. *Ущерб при потере ликвидности.* Невозможность выполнить свои обязательства в разумные сроки. В практике Республики Таджикистан компании в первую очередь погашают обязательства перед фискальными органами, банками и персоналом. Сумма убытка по этому виду риска складывается из суммы штрафов и пеней, начисленных по просроченным платежам.

3. Расчет убытков при дефиците денежных средств (фактор риска кассового разрыва). Превышение суммы денежных обязательств над суммой поступлений от операционной и инвестиционной деятельности. В случае непланового разрыва сумма убытка определяется суммой процентов по необеспеченному кредиту типа overdraft (самые дорогие заемные ресурсы на рынке, для юридических лиц).

4. *Убытки при изменении процентной ставки.* Для производственной компании это два случая:

а) недостаточность оборотных средств у предприятия и привлечение краткосрочных кредитов на их пополнение. Тогда в случае увеличения процентной ставки стоимость потерь рассчитывается как разница суммы процентов по старому и новому договору (с поправкой на сумму привлеченных средств и срок действия договора);

б) в условиях кредитного договора предусмотрено изменение процентной ставки в течение срока действия договора, если ставка рефинансирования изменится сверх определенного процента [5, с.108].

В условиях нестабильности экономики во многих кредитных договорах с банком такой пункт предусматривается. Сумма потерь в этом случае будет разницей в сумме процентов, начисленных на остаток кредитных средств, находящихся в распоряжении предприятия.

5. *Убытки при применении информационных технологий.* При серьезном сбое информационных систем и потере данных ущерб - это трудозатраты по восстановлению данных.

6. *Ущерб при проведении исследований (R&D).* Разработки не приводят к ожидаемому результату, невозможно масштабировать технологии. В этих случаях затраты на исследования полностью списываются в убытки.

7. *Убытки при изменении курса валют.* Сумма потерь для предприятия в заданный промежуток времени - это разность суммы обязательств перед контрагентами в валюте и суммой наличных денежных средств и обязательств контрагентов перед предприятием в валюте, умноженная на изменение в валютном курсе.

8. *Ущерб при поставке некачественного сырья.* Стоимость ремонта и дополнительной настройки технологического оборудования из-за плохого качества входящего сырья - это прямые убытки компании.

9. *Убытки при необходимости замены и нового набора кадров.* При текучести кадров ущерб будет в дополнительных расходах на обучение персонала и оплате за подбор персонала.

10. *Убытки при совершении сделок слияния-поглощения.* Потеря ключевых сотрудников, использование различных информационных технологий-платформ для учета операций хозяйственной деятельности, адаптации систем учета, расходы на подбор и обучение новых сотрудников.

11. *Ущерб при нарушении прав доступа.* Сумму ущерба от использования информации, которая представляет коммерческий интерес и не была достаточно защищена, рассчитать сложно. Сумма убытков в этой ситуации - это расходы на судебные издержки, трудозатраты на сбор доказательной базы.

12. *Ущерб при ошибках в бухгалтерском учете.* Из неверного расчета налогооблагаемой базы при выявлении этого при налоговой проверке следует доначисление налогов, пеней и штрафов. Неверное или неполное отражение фактов в учете приводит к искажению данных о финансовом состоянии компании и его неверной оценке внешними пользователями.

13. *Ущерб от потери имущества.* Суммой убытков в данной ситуации, независимо от причин потери, будет стоимость утраченного имущества за вычетом его износа или стои мость восстановления имущества для дальнейшей его эксплуатации.

14. *Ущерб при выявлении факторов хозяйственного риска инфраструктуры.* К убыткам относятся расходы, связанные с устранением техногенных катастроф, сбоев на транспорте, возмещением ущерба третьим лицам.

15. *Ущерб от поставщиков. Поставка материалов со скрытыми дефектами может привести к поломке оборудования.* Сумма ущерба в такой ситуации - это стоимость ремонта

оборудования и все операционные расходы, которые предприятие понесет в связи с вынужденными простоями.

Отдельно необходимо отметить, что рассматривается состояние предприятия в некоторый промежуток времени $\Delta T$ без учета выполнения антирисковых мероприятий. На производственном предприятии при расчетах сложно учесть все взаимосвязи, поэтому оценка убытков получится достаточно грубой. В страховой и финансовой сфере ущерб можно определить точно.

При изменении бизнес-процессов в компании и выявлении в связи с этим новых факторов хозяйственного риска, оценка предполагаемого ущерба дает еще одно дополнительное преимущество. Начиная проект или проводя обновление существующих процессов, рассматривается и рассчитывается потенциальная выгода, а потенциальные угрозы в лучшем случае описываются только качественным образом. В то время как количественные оценки могли бы дать информацию о наличии разнообразных факторов хозяйственного риска:

а) «смертельных рисков», которые могут погубить предприятие или причинить ему серьезный ущерб;

б) «асимметричных рисков», когда возможный убыток заметно выше вероятной выгоды;

3) «неконтролируемых рисков» - уязвимости предприятия для сил и событий, которые оно не может контролировать [9, с.160].

Методом экспертного оценивания каждому фактору хозяйственного риска ставится в соответствие значение вероятности возникновения данного факторов хозяйственного риска - высокое, среднее, низкое.

Стандарты ФЕРМА рекомендуют использовать следующую шкалу для оценивания возможности проявления факторов хозяйственного риска:

- высокая вероятность наступления в течение заданного временного интервала - больше 25%;

- средняя - существует вероятность наступления факторов хозяйственного риска один раз в течение заданного интервала - меньше 25 %;

- малая вероятность наступления события - меньше 0,2% [8, с.6].

Таким образом, при анализе рисковости деятельности предприятия сформировано пространство событий, т.е. множество факторов хозяйственного риска, каждый из которых характеризует пара ($Si$, $Pi$),

где: $Si$ - сумма ущерба при наступлении $i$-го ФЭР;

$Pi$ - вероятность наступления $i$-го фактора хозяйственного риска.

Факторы хозяйственного риска в этом пространстве могут быть с высокой вероятностью наступления и незначительным потенциальным, расчетным ущербом и, наоборот, с маленькой вероятностью и критическим уровнем потерь. Также могут оказаться возможными факторами хозяйственного риска, вероятность которых мала, и они повлекут за собой небольшие убытки.

**Взаимозависимость выявленных факторов хозяйственного риска.** Затронем еще один существенный вопрос - о связи между факторами хозяйственного риска. Речь идет о цепочках событий с причинной связью или условной вероятностью: когда при наступлении события с небольшим ущербом вероятность наступления другого, «катастрофического», события (с существенными убытками для предприятия) резко повышается. Примеры таких цепочек могут быть сконструированы или взяты из событий уже встречавшихся в практике работы предприятий.

Проанализируем факторы хозяйственного риска связанных бизнес-процессов на предмет выявления цепочек ситуаций риска.

В цепочке событий вероятность появления первого фактора хозяйственного риска останется прежней, а вот оценка вероятностей проявления последующих факторов хозяйственного риска при условии реализации предыдущего фактора хозяйственного риска меняется на среднюю или высокую. Именно по этому признаку - изменению вероятности событие оказывается звеном в цепочке. Только после такого анализа исключим из множества выявленных факторов хозяйственного риска те, которые характеризуются незначительным потенциальным ущербом и низкой вероятностью наступления. Кроме тех факторов хозяйственного риска, которые были идентифицированы как начальные звенья в цепочке [3, с.52].

Для разработки программы антирисковых мероприятий необходимо учитывать все выявленные объекты: пары (Si, Pi), цепочки связанных событий (Sj, Pj) → (Sk, P'k) → (Sl, P'l), совокупности {(Sm, Pm), …, (Sn, Pn)}, одновременное наступление которых возможно для некоторого момента $T_0$.

Антирисковые мероприятия разрабатываются для уменьшения потерь или для снижения вероятности возникновения факторов хозяйственного риска, для разрыва связей между факторами хозяйственного риска в цепочках связанных событий и минимизации последствий одновременного наступления факторов хозяйственного риска или возможности распределения во времени моментов возникновения факторов хозяйственного риска.

После разработки программы антирисковых мероприятий строится новая модель пространства факторов хозяйственного риска с учетом эффекта от выполнения антирисковых мероприятий. После разработки и принятия программы антирисковых мероприятий определяется объем затрат на ее подготовку и реализацию в заданный период.

*Примеры антирисковых мероприятий.*

1. Страхование относится к мероприятиям, направленным на уменьшение убытка. Заключение договора со страховой компанией не уменьшает вероятность наступления неблагоприятного события, но гарантирует, по крайней мере, частичное возмещение ущерба от его последствий.

2. Организация системы внутреннего аудита направлена на уменьшение вероятности возникновения факторов хозяйственного риска.

3. Инвентаризация материальных ценностей при передаче смены кассиром или кладовщиком удержит работников от совершения умышленных действий по причинению вреда предприятию, т.е. снизит вероятность нанесения персоналом ущерба предприятию.

4. Разграничение прав доступа к базам данных или системам учета не позволит рядовым сотрудникам определить и разгласить ключевые параметры бизнеса, т.е. уменьшается вероятность факторов хозяйственного риска разглашения сотрудниками коммерческой тайны предприятия.

5. Ошибка в заполнении справочника в информационной системе организации, которая не обнаружена и не исправлена вовремя, может привести к отгрузке товара по неверным адресам или к платежам по неверным реквизитам и значительному ущербу для предприятия, т.е. вызвать появление факторов хозяйственного риска ошибки персонала [4, с.215].

Общую величину ущерба по предприятию на момент описания пространства событий R можно выразить формулой:

$$R = \sum_{i=1}^{n} S_i P_i , \qquad (1)$$

Здесь $R$ не учитывает проведение антирисковых мероприятий, поэтому может быть выше суммы всех активов предприятия и не иметь практической пользы для применения при управлении предприятием. Необходимо оценить максимальный убыток при текущей структуре антирисковых мероприятий и заданном уровне затрат на них за период времени $\Delta T$.

Для количественной оценки уровня риска в финансовой сфере применяется метод VaR. Это статистический метод, который позволяет измерить риски на различных рынках и агрегировать различные риски в единую величину, учитывая при этом информацию о параметрах различной природы.

Применим аналог метода исторического моделирования VaR при оценке уровня хозяйственного риска. Предположим, что некоторый бизнес-процесс не менялся достаточно долго и в эти же периоды времени применялись одинаковые антирисковые воздействия. Ожидаемое значение убытка $\xi$ от события, характеризуемого парой ($Si$, $Pi$), определяется по формуле:

$$\xi = \frac{\sum_{i=1}^{n} S_i}{n}, \qquad (2)$$

где: $n$ - количество наблюдений за прошлые периоды. По формуле стандартного отклонения измеряется степень разброса случайной величины относительно ожидаемого значения:

$$\sigma = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{n} (S_i - \xi)^2}{n-1}}. \qquad (3)$$

Такой метод оценки называют методом скользящего среднего. Для простоты расчетов в формуле (3) полагают $\xi = 0$. При отсутствии корреляции между событиями за весь период наблюдений.

$$\mathrm{VaR} = \sigma \qquad (4)$$

По ряду причин возможность применения данного метода существенно ограничена, что в наибольшей степени обусловлено принятием допущения о вероятностном характере возможности наступления неблагоприятного события. И это случайная величина с эмпирической функцией распределения. Для определения возможности экстремальных (маловероятных) событий метод исторического моделирования не подходит, так как для этого нужны большие выборки. Для остальных должна применяться формула (1).

Итак, в настоящее время растет заинтересованность в систематической деятельности по выявлению факторов хозяйственного риска, снижению вероятности наступления неблагоприятных событий и минимизации ущерба в производственной деятельности предприятий хлопкоочистительной промышленности. Однако эти аспекты управления хозяйственным риском остаются без научно обоснованного методического обеспечения.

Для оценки эффективности программы антирисковых мероприятий необходима количественная оценка интегральной рисковости деятельности предприятия. Именно для этого мы и предлагаем адаптировать метод VaR, обычно применяемый для оценки максимального ущерба при выбранном портфеле ценных бумаг на финансовых рынках.

Таким образом, в данной статье мы предложили практический метод формализации пространства факторов хозяйственного риска, основанный на сочетании двух способов описания рисков. С одной стороны, он базируется на классификации, приведенной в стандартах ФЕРМА, с другой - на декомпозиции факторов хозяйственного риска по бизнес-

процессам и характеристик их проявления в производственной деятельности предприятий хлопкоочистительной промышленности.

В каждом факторе хозяйственного риска сопоставлены два параметра оценки количественных характеристик - предполагаемый ущерб и возможность реализации неблагоприятного события. Выделены множества факторов хозяйственного риска с причинно-следственными связями: цепочки и совокупности факторов хозяйственного риска с одновременным возникновением неблагоприятных событий. При разработке программы антирисковых мероприятий предложено не только воздействовать на количественные параметры факторов хозяйственного риска, но и разрабатывать дополнительные мероприятия, направленные на разрыв связанных и взаимозависимых факторов хозяйственного риска, на цепочки событий и их совокупности.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Ермасова Н.Б. Риск-менеджмент организации. - М.: Научная книга. - 2019. - 334 с.

2. Качалов Р.М. Управление экономическим риском: теоретические основы и приложения. СПб.: Нестор-История. - 2012. - 288 с.

3. Клейнер Г.Б. Системная парадигма и теория предприятия // Вопросы экономики. - 2012. №10. - С. 47-59.

4. Коростелкина И.А., Дедкова Е.Г. Управление рисками на промышленных предприятиях // Управление финансовыми рисками. - 2020. №3. - С. 210-224.

5. Пикфорд Дж. Управление рисками. - М.: Вершина. - 2014. - 398 с.

6. Рогов М.А. Риск-менеджмент. - М.: Финансы и статистика. - 2017. - 118 с.

7. Тэпман Л.Н. Риски в экономике. - М.: ЮНИТИ-ДАНА. - 2020. - 412 с.

8. Федерация европейских ассоциаций риск-менеджеров. Стандарты управления рисками. URL: http://www.ferma.eu/risk-management/standards/risk-management-standard

9. Хохлов Н.В. Управление риском. - М.: ЮНИТИ. - 2018. - 452 с.

10. Чернова Г.В. Практика управления рисками на уровне предприятия. - СПб.: Питер. - 2018. - 176 с.

## ЗАРУРАТИ ОБЪЕКТИВИИ НАВСОЗИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН МУҲИМТАРИН ОМИЛИ РУШДИ САНОАТКУНОНИИ БОСУРЪАТ

**Султонов А.Н.**

***Донишгоҳи технологии Тоҷикистон***

Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба давлатҳои алоҳидаи соҳибистиқлол ҷудо шудани ин империяи бузург барои ҳар як далват мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодиро эҷод кард. Ин мушкилот ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаи таҳсилоти олии касбиро низ дар бар гирифта буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як давлати алоҳида дар қатори дигар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ истиқлолияти худро ба даст оварда, мушкилтарин давраҳои навсозиро паси сар намуд, ки яке аз муҳимтаринашон ташкили низоми миллии таҳсилоти олии касбӣ ва давра ба давра гузаронидани ислоҳот дар он мебошад.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ бо чунин принсипҳо, ба монанди баробарии дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ, ҷараёни беист ва давомноки таълимот, рушди дастовардҳои мактабҳои олӣ, ҳамгироии низоми таҳсилоти олӣ дар фазои таҳсилоти олии ҷаҳонӣ ва ғайраҳо асос ёфтааст.

Модернизатсия ё худ навсозии низоми таҳсилотии олии мамлакат яке аз мушкилоти муосири иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон дониста мешавад. Бинобар ин ба пуррагӣ гуфта метавонем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи навсозӣ ва ё ислоҳот дар соҳаи маориф, махсусан таҳсилоти олии касбӣ дар вобастагӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалии таълимӣ идома дорад. Ислоҳот ва навсозии соҳаи таҳсилотии олии касбӣ дар мамлакат аз даврони соҳибистиқлолии давлат сарчашма мегирад.

Нақши асосиро дар низоми таълимоти миллии давлат мактабҳои олӣ мебозанд, зеро ки онҳо ҳамчун омили асосии баландбардорандаи сифати захираҳои инсонӣ, зиёдкунандаи иқтидори инноватсионии ҷомеа ва рушдкунандаи дигар сохторҳои соҳаи маориф баромад менамоянд.

Дар афзун намудани самаранокии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои таъминоти рушди устувор ва динамикии иқтисодиёти давлат ва баланд кардани сифати сармояи инсонӣ, навсозии низоми таҳсилоти олии касбӣ зарур дониста мешавад, зеро дар шароити муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо роҳҳои навтарин гирифтани дониш ва истифодабарии онҳо дар пешрафти ҷомеа талаб карда мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон додааст, ки дар натиҷаи таъминоти нодурусти пешрафти муосири таҳсилоти олии касбӣ ба сустшавии рақобатпазирии давлат дар арсаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, рушди номуносиби иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар давлат, пастшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дигар мушкилотҳо сабаб мешавад.

Дар солҳои охир хубшавии сатҳи қонунгузории мамлакат дар соҳаи маориф ҳамчун компоненти ҳуқуқии институтсионалии навсозии низоми таҳсилоти олии касбӣ дониста мешавад. Сарчашмаи ибтидоии ин ҷараёнро қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” соли 1992 ташкил менамояд, ки дар асоси ин дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мамлакат минбаъд ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, “Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стратегияи миллии рушди маорифи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030” ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки дар шароити муосри базаи ҳуқуқии навсозии низоми таҳсилоти олии касбии мамлакатро ташкил менамоянд.

Қабул ва мавҷудиятти чунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар мамлакат дарёфти роҳҳои навро дар навсозии низоми таҳсилоти мамлакат осон гардонид. Асосан базаи ин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз соли 2000 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудаанд. Яъне бо бартарафкунии оқибатҳои нооромиҳои сиёсӣ, дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ навсозии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат заминагузор аз солҳои 2000 мебошад.

Баҳодиҳии комплексии омилҳои иҷтимоӣ-демографии ҷомеа, ки як ҷузъи асосии рушди иқтисодиёти давлат дониста мешаванд (дар вобастагӣ бо барномаи рушди СММ) бо ёрии намояи (индекси) рушди иқтидори инсонӣ, ки тавсифдиҳандаи се ҷанбаи рушди шахсият:

- сатҳи зиндагӣ;
- давраи миёнаи ҳаёт (средняя продолбжительность жизни);

- сатҳи таҳсилот мебошад, таҳлил карда мешавад[44].

Мувофиқи ақидаи як қатор олимони соҳаи иқтисодиёт дар рушд ва навсозии иқтисодиёти дилхоҳ давлат ислоҳот ва навсозии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ нақши зиёдро бозӣ менамояд, зеро ба ақидаи онҳо ва вобастагиҳо бо барномаҳои рушди ташкилотҳои байналмилалӣ, махсусан СММ афзун кардани иқтидори инсонӣ (сармояи инсонӣ) як қисмати асосии пешравии ислоҳоти иқтисодии давлатҳо мебошад.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми навсозии низоми таҳсилоти миллии олии касбӣ ин дар бозори хизматрасониҳои муассисаҳои олии касбӣ пайдо шудани субъектони гуногуни хизматрасони хориҷӣ ва миллӣ мебошад.

**Ҷадвали 1**

**Муассисаҳои олии касбӣ**

| Номгӯ | Воҳид ченак | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1991-1992 | 2014-2015 | 2015-2016 | 2016-2017 | 2017-2018 | 2018-2019 | 2019-2020 | 2020-2021 |
| Шумораи муассисаҳо | воҳид | 13 | 37 | 38 | 39 | 39 | 39 | 40 | 41 |
| Шумораи донишҷӯён | ҳаз. нафар | 69,3 | 165,3 | 176,5 | 186,9 | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 245,8 |
| Қабули донишҷӯён | ҳаз. нафар | 13,4 | 31,4 | 38,5 | 42,7 | 46,6 | 51,4 | 63,1 | 63,9 |
| Хатми мутахассисон | ҳаз. нафар | 10,0 | 30,2 | 29,5 | 33,2 | 38,5 | 44,6 | 41,5 | 39,9 |

Манбаъ: Маводи маҷмуаи оморӣ, маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. –С.66.

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 2.2.1 чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки бо ба дастовардани соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар субъектони фаъолияткунанда, муасиссаҳои олии касбӣ низ зиёд шудаанд. Агар шумораи муассисаҳои олии касбӣ дар соли таҳсили 1991-1992 13 воҳидро ташкил дода бошанд, пас шумораи онҳо дар соли таҳсили 2020-2021 ба 41 адад расидааст, ки нисбат ба соли таҳсили 1991-1992 3,2 маротиба ё худ 28 адад зиёд шудаанд. Шумораи донишҷӯён бошанд, дар соли таҳсили 2020-2021 ҳамагӣ 245,8 ҳаз. нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли таҳсили 1991-1992 3,5 маротиба ва нисбат ба соли таҳсили 2019-2020 тақрибан 1,1 маротиба зиёд мебошад.




**Расми 2.1. Шумораи донишҷӯён ва муассисаҳои олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[44] Гранильщиков А.С. Источники финансирования высшего образования в России и их оптимизация. –Москва, 2002. -С. 20.

Шумораи қабули муҳассилин ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соли таҳсили 2020-2021, 63,9 ҳаз. нафарро ташкил додаанд, ки нисбат ба соли таҳсили 1991-1992 4,8 маротиба ё худ 50,5 ҳаз. нафар ва нисбат ба соли таҳсили 2019-2020 тақрибан 1,0 маротиба зиёд мебошад. Хатми мутахассисон агар дар соли таҳсили 1991-1992, 10,0 ҳаз. нафарро ташкил дода бошад, пас дар соли таҳсили 2020-2021 ин шумора ба 39,9 ҳаз. нафар расидааст, ки нисбат ба соли таҳсили 1991-1992 тақрибан 4,0 маротиба зиёд мебошад. Аммо дар се соли охир шумораи хатми мутахассисон каме коҳиш ёфтааст, ки сабаби аслии инро мо дар зербоби 2.2 пурра нишон додаем.

**Ҷадвали 2.2**

**Шумораи донишҷӯён аз рӯйи ихтисосҳои соҳавии муассисаҳо (ҳазор нафар)**

| № | Соҳаҳо | Солҳои таҳсил | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014-2015 | 2015-2016 | 2016-2017 | 2017-2018 | 2018-2019 | 2019-2020 | 2020-2021 |
| 1. | Саноат | 18,2 | 24,9 | 25,2 | 26,3 | 29,2 | 27,7 | 33,6 |
| 2. | Кишоварзӣ | 10,2 | 10,6 | 11,1 | 12,6 | 15,5 | 10,0 | 11,3 |
| 3. | Иқтисодиёт | 46,7 | 51,1 | 53,6 | 55,4 | 58,4 | 59,6 | 66,5 |
| 4. | Тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш | 14,1 | 15,9 | 17,1 | 19,0 | 19,2 | 20,9 | 23,8 |
| 5. | Маориф | 68,6 | 67,6 | 72,6 | 74,4 | 78,9 | 102,3 | 100,9 |
| 6. | Фарҳанг ва санъат | 2,9 | 3,3 | 3,8 | 4,0 | 4,4 | 4,7 | 5,2 |
| 7. | Хадамоти амният ва кори ҳарбӣ | - | 3,1 | 3,5 | 3,8 | 4,2 | 4,4 | 4,5 |
| Ҳамагӣ | | 165,3 | 176,5 | 186,9 | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 245,8 |

**Манбаъ: Маводи маҷмуаи оморӣ, маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 78.**

Натиҷаи таҳлилҳо нишон додаанд, ки аз 245,8 ҳазор нафар донишҷӯёни соли таҳсили 2020-2021 33,6 ҳазор нафар (13,7%) дар соҳаи саноат, 11,3 ҳазор нафар (4,6%) дар соҳаи кишоварзӣ, дар соҳаи иқтисодиёт 66,5 ҳазор нафар (27,1%), дар соҳаи тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 23,8 ҳазор нафар (9,7%), дар соҳаи маориф 100,9 ҳазор нафар (41,04%) дар соҳаи фарҳанг ва санъат 5,2 ҳазор нафар (2,1%) ва дар соҳаи хадамоти амният ва кори ҳарбӣ 4,5 ҳазор нафар (2%) таҳсил менамоянд. Ин нишондиҳанда ба монанди дигар нишондиҳандаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар сатҳи рушд қарор дошта бошад ҳам, аммо аз рӯйи меъёри зиёдшавии аҳолӣ гирем, хело кам мебошад.




**Расми 2.2. Шумораи донишҷӯён вобаста ба соҳаҳои таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мувофиқи таҳлилҳои гузаронида ба мо маълум гашт, ки зиёдтар донишҷӯён дар се соҳаи хоҷагии халқ, саноат, иқтисодиёт ва маориф таҳсил менамоянд. Дар ҷойи аввал соҳаи маориф бо касби 41,0% таҳсилгирандагон, дар ҷойи дуюм соҳаи иқтисодиёт бо касби 27,1% таҳсилгирандагон ва дар ҷойи сеюм соҳаи саноат бо касбӣ 13,6% муассилон ҷой дода шудаанд. Ҷадвали 2.4

Талаботи таълимоти "ҷараёни Болонӣ" аз давлат

| № | Талаботи низоми Болонӣ | Татбиқ дар Тоҷикистон |
|---|---|---|
| 1. | Донишҷӯ бояд аз рӯйи нақшаи инфиродиаш таҳсил намояд | Риоя намешавад |
| 2. | Гурӯҳҳои академӣ бо шумораи кам (на зиёда аз 15 нафар) | Риоя намешавад |
| 3. | Мавҷудияти маслиҳатдеҳи академӣ аз шумораи омӯзгорони пуртаҷриба дар ҳар як гурӯҳи академӣ | Қисман |
| 4. | Имконияти интихоби омӯзгор аз шумораи 3-5 нафар омӯзгор | Риоя намешавад |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мутаассифона, аз 4 банди талаботи ҷараёни таълимоти Болонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба як талаботаш қисман риоя карда мешаваду халос. Аз ин лиҳоз мо гуфта метавонем, ки ҷараёни таълимоти Болонӣ дар мамлакат пурра ҷорӣ шуда бошад ҳам, аммо аз рӯйи талаботи он фаъолият бурда намешавад. Яъне низоми таълимоти Болонӣ дар мамлакат мушкилоти зиёдро дар бар гирифтааст, ки наметавонад низоми таҳсилоти олии Тоҷикистон ба талаботи он ҷавобгӯ бошад. Аз рӯйи ақидаи мо, мушкилоти асосие, ки дар ин самт мавҷуданд, инҳо мебошанд:

1. Тайёр набудани донишомӯзон ба низоми кредитӣ аз сатҳи муассисаҳои миёнаи таълимӣ;
2. Набудан ва риоя нашудани барномаи ягона оид ба талаботи низоми Болонӣ дар мамлакат;
3. Надоштани имконият оид ба кам кардани гурӯҳҳои академии донишҷӯён (норасогии синфхона, омӯзгорони сатҳи баланди касбият дошта, асбобҳои аёнӣ, озмоишгоҳҳои тахассусӣ ва ғайра).

Хулоса, дар давраи муосири рушди ҷамъият заруриятҳои гуногуни навсозӣ дар ҳама хизматрасониҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо суръати рушди соҳаи таҳсилоти ҷаҳонӣ пайдо шудааст. Гуфта метавонем, ки асоси навсозии соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дарбаргирандаи унсурҳои зерин мебошад: мубодилаи барномаҳои таълимӣ ва мубодилаи академии донишҷӯён, ҷалибнокии воситаҳои молиявии корфармоён ва шаҳрвандон ҳамчун сарчашмаи асосии сармоягузории муассисаҳои олӣ, истифодаи мақсаднок, самаранок ва асосноки воситаҳои буҷетӣ барои таъмини дастарсии баробари шаротҳои таълимӣ дар муассисаҳои олӣ ба ҳамаи шаҳрвандон.

## АДАБИЁТ


1. Андрианов, А. Ю. Инвестиции [Текст]:2-е изд./ А. Ю. Андрианов, П. В. Воробьев, С. В. Валдайцев; под ред. В. В. Ковалева, В. В. Иванова, В. А. Лялина. - М.: Проспект, 2010. - 443 с.
2. Роҳнамои довталаб. Дастури иттилоотию методӣ. - Душанбе, 2020. - С. 228.
3. Маҷмуаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. - С.60-65.
4. Маҷмуаи омории бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. -С.345.
5. www.maorif.tj.

## САРЧАШМАҲОИ МУОСИРИ САРМОЯГУЗОРИҲО БА СОҲАИ ҲИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

**Султонов А.Н.**
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

Дар шароити муосир дар ҳама давлатҳо асоси пешрафт ва рушди иқтисодиёт аз сифати сармояи инсонӣ вобастагӣ дорад. Таҷриба нишон додааст, ки омили муҳимтарини афзун намудани сармояи инсонӣ таҳсилот ба ҳисоб меравад. Таҳсилоти олии касбӣ таъминкунандаи сифати баланди зиндагии одамон ба шумор рафта, ҳамчун муҳаррики пешбарандаи ҷомеаи муосир эътироф гардидааст.

Дар ҷаҳони имрӯза се омилеро исбот намудаанд, ки асоси пешрафти таҳсилоти олии касбии дилхоҳ мамлакат дониста шудаанд:

- афзоиши дастрасии таҳсилоти олии касбӣ дар натиҷаи зиёдшавии талабот;
- пурзӯршавии рақобати байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- ҷаҳонишавии таҳсилот.

Вобаста ба омилҳои зикргардида муҳимтарин масъалае, ки тобоварии муассисаҳои олии касбиро дар рақобати ҷаҳонишавии таҳсилот таъмин менамояд, сарчашмаҳои дастраси маблағгузорӣ дониста мешаванд. Дар таҷрибаи имрӯза се сарчашмаи асосии таъмини маблағгузории соҳаи таҳсилоти олии касбиро зиёд истифода мебаранд:

- ✓ маблағгузории буҷетӣ;
- ✓ маблағгузории сарпарастони таълимгирандагон;
- ✓ фаъолияти тиҷоратии муассисаҳои олии касбӣ.

Аз нимаи дуюми солҳои 80-уми асри гузашта сар карда дар давлатҳои рушдкарда суръати рушди кам кардани ҳиссаи маблағгузориҳои буҷетӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба чашм мерасид. Новобаста ба ин суръати афзоиш имрӯзҳо низ нақши маблағгузориҳои давлатӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ хело баланд дониста мешавад. Масалан, дар давлатҳои Аврупои ҷанубу шарқӣ (Португалия, Испания, Шветсия, Финландия), инчунин дар Олмон имрӯзҳо низ ҳиссаи маблағгузории давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ хело баланд мебошад. Дар ИМА маблағгузории соҳаи таҳсилоти олии касбӣ бо фоиз нисбат ба давлатҳои Аврупо камтар, аммо бо ифодаи пулӣ аз тамоми давлатҳои Аврупо зиёд мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, маблағгузориҳои давлатӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ то 45-48%-ро ташкил менамояд.

**Ҷадвали 1**

**Таносуби маблағгузориҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар баъзе аз давлатҳои ҷаҳони муосир**

| Давлатҳо | Ҳиссаи маблағгузориҳои давлатӣ | Ҳиссаи маблағгузориҳои ғайридавлатӣ |
|---|---|---|
| ИМА | 35-50% | 50-65% |
| Британияи Кабир | 60-80% | 20-40% |
| Шветсия | 70% | 30% |
| Дания | 70% | 30% |
| Олмон | 90% | 10% |
| Италия | 90% | 10% |

Дар давлатҳои пешрафта, аз ҷумла дар ИМА маблағгузориҳои давлатӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ 5-7%-ро ташкил менамояд. Аммо барои дастрасӣ пайдо намудан ба

грантҳои давлатӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ дар қатори муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ рақобат менамоянд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ маблағгузориҳои давлатӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ бо ду тарз асосан ба роҳ монда мешаванд:

- бо роҳи маблағгузориҳои мустақими буҷетӣ;
- аз ҳисоби барномаҳои давлатӣ ва кафолатҳои мақсадноки давлатӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти гуногун дар маблағгузории давлатӣ ва дар маҷмуъ дар бадастории сарчашмаҳои иловагии маблағгузории соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мавҷуд мебошад. Маблағгузориҳои давлатӣ дар шароити имрӯза талаботи муассисаҳои олии касбии мамлакатро қонеъ сохта наметавонад ва тамоми банақшагирии онҳо дар асоси имкониятҳои мавҷудаи буҷетӣ ба роҳ монда мешаванд.

**Ҷадвали 2.**

**Сохтори лоиҳаи маблағгузории буҷети соҳаи таҳсилои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2019**

**(бо ҳисоби ҳазор сомонӣ)**

| Маблағ | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ маблағгузориҳои буҷетӣ соҳаи таҳсилоти олии касбӣ | млн.сомонӣ | 477,1 | 556,2 | 632,7 | 606,1 | 716,5 |

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 2 ҳамагӣ маблағгузориҳои лоиҳаи буҷетӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар соли 2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 716,5 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2018, 1,2 маротиба зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015 бошад, 1,5 маротиба ё 33,4% зиёд мебошад. Яъне дар давоми панҷ соли ҳисоботӣ ҳаҷми маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат 33,4% зиёд гардидааст. Бояд қайд кард, ки дар таркиби ҳама маблағгузориҳои буҷети давлатӣ, ки дар ҷадвали 2 оварда шудаанд, маблағҳои аз ҳисоби шартномаи таҳсилгирандагон бадастоварда низ дохил карда шудаанд.

**Ҷадвали 3.**

**Иҷрои қисми вазифавии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ**

| Соҳа | Воҳиди ченак | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| Ҳамагӣ дар соҳаи маориф | % | 94,7 | 92,7 | 92,1 | 92,7 |
| Аз ҷумла: соҳаи таҳсилоти олии касбӣ | % | 99,0 | 88,5 | 83,1 | 87,0 |

Иҷрои қисмати вазифавии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар соли 2018, 87,0%-ро ташкил додааст. Агар ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017, 3,9% зиёд бошад ҳам, нисбат ба соли 2015, 12% ва нисбат ба соли 1,5% кам мебошад. Новобаста аз камшавии иҷрои буҷети давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ маблағгузориҳо ба ин соҳаи ҳаётан муҳимми иқтисодиёти мамлакат сол то сол зиёд шуда истодааст.

Дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун як қисмати асосии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ ба монанди соҳаи умумии маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ сол то сол зиёд шуда истодааст, аммо ҳиссаи он аз ММД дар як фоизи пасти бетағйир боқӣ мондааст. Масалан, дар соли 2019 ҳисссаи маблағгузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои буҷетӣ агар аз ММД 0,9%-ро ташкил карда бошад, ин нишондиҳанда дар соли

2018 бетағйир мондааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба дигар давлатҳои пешрафта як нишондиҳандаи ночиз дониста мешавад. Зеро дар кишварҳои пешрафта ҳиссаи ин нишондиҳанда дар таркиби ММД хело баланд буда, дар ин замина илмғунҷоиши ММД низ хело калон мебошад. Мушкилоти асосӣ дар ин самт норасогии маблағҳои буҷетӣ дониста мешавад.




**Расми 1. Қисмати иҷрои буҷети давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Асосан қисмати зиёди маблағгузорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат аз ҳисоби шартномаи донишҷӯён ташкил карда мешаванд, ки мувофиқи омори расмӣ ин нишондиҳанда то 60-62% ҳамаи маблағгузориҳои муассисаҳои олии касбиро ташкил менамоянд. Масъалаи фаъолияти тиҷоратии муассисаҳои олии касбӣ, рекламаи мутахассисон, ки дар замони имрӯза яке аз муҳимтарин сарчашмаи ҷалби маблағгузориҳои ғайрибуҷетии муассисаҳои олии касбӣ дониста мешаванд, умуман, ки ташкил карда намешаванд.

Мушкилоти ҳалношуда дар бадастории сарчашмаҳои мувофиқи маблағгузорӣ дар соҳаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногун шуда метавонанд, ки муҳимтаринашон инҳо шуда метавонанд:

- моддаҳои зиёди нолозим дар банақшагирии буҷетӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ;
- маҳдудияти зиёди буҷетӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ;
- истифода ё пурра мавҷуд набудани кафолатҳои мақсадноки давлатӣ;
- набудани низоми муайянӣ фаъолияти тиҷоратӣ дар муассисаҳои олии касбӣ.

Мо барои бартараф намудани мушкилотҳои дар боло номбаршуда пешниҳо менамое, ки корҳои зерин иҷро карда шаванд:

- натиҷагирӣ кардан аз ҳар як моддаи харҷшудаи маблағҳои буҷетӣ дар ин самт;
- ташкили барномаҳои мақсадноки давлатӣ барои ҳар як ихтиосос;
- ташкили низоми муайян ва мувофиқи ташкили фаъолияти тиҷоратии муассисаҳои олии касбӣ.

Хулоса, дар муассисаҳои олии касбии мамлакат сарчашмаи асосии маблағгузорӣ ин шартномаи муассилин ва маблағҳои буҷетӣ дониста мешаванд.

**АДАБИЁТ**

1. Абанкина И. В., Домненко Б. И., Левшина Т.- Л., Осовецкая Н. Я. Перспективы образовательного кредитования в России // Вопросы образования. 2004. № 4. С. 66.
2. Абанкина И., Осовецкая И. Опыт кредитования профессионального образования в России// Прогнозирование. 2006. № 3(4). С. 276
3. Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон, www.nbt.tj
4. Сомонаи расмии ТАҚХ Имонинтернешнл www.imon.tj
5. Сомонаи расмии ҶСК “Бонки Эсхата” www.eskhata.com
6. www. cyberleninka.ru

## НАЗАРИЯҲО ОИД БА ХАВФ, САБАБИ ТАСНИФ ВА ГУРӮҲБАНДИИ ОНҲО

**Хайруллоев Ф.Н.**
*Донишгҳи технологии Тоҷикистон*

Мафҳуми «хавф» ҳамчун ҳамсоли фаъолияти бошууронаи одам таърихи қадима дорад, аммо тадқиқотчиён танҳо дар охири асри XIX ва аввали асри XX ба омӯзиши назария ва амалияи он шуруъ намуданд. Дар бораи пайдоиши мафҳуми «риск» нуқтаю назари гуногуни олимон мавҷуд буда, вале то ҳанӯз маълумоти аниқ оид ба пайдоиш ва истифодаи ин мафҳум вуҷуд надорад.

Асосан оид ба мафҳуми хавф ду мактаби иқтисодӣ: назарияи классикии хавф ва назарияи неоклассикии хавф фикру ақидаҳои худро пешниҳод намудаанд.

Назарияи классикии хавф, ки намояндагони барҷастаи он Ҷон Милл (1806-1873) ва Вилям Сениор (1790-1864) мебошанд, дар омӯзиши фоидаи соҳибкорӣ дар сохти даромади соҳибкорӣ ду ҷузъро ҷудо кардаанд:

а) фоизҳо ҳамчун ҳиссаи сармояи гузошташуда;

б) музди меҳнати соҳибкор ва пардохт барои хавф ҳамчун ҷуброни хавфи эҳтимолии вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ [3].

Намояндагони назарияи классикӣ хавфро ҳамчун интизории математикии зарар муайян намуда, қайд карданд, ки зарар дар ҷараёни қабул ва татбиқи қарори муайян рух дода метавонад.

Назарияи неоклассикии хавф. Солҳои 20-30-уми асри XX иқтисодчиён А.Маршалл, А.Пигу назарияи нави хавфро кор карда баромаданд, ки он назарияи неоклассикии хавф ном дошта, ба назарияи классикии хавф мухолиф буд. Тибқи назарияи неоклассикии хавф, корхонае, ки дар шароити номуайянӣ фаъолият мекунад, бояд ду меъёрро ба инобат гирад:

- ҳаҷми фоидаи пешбинишуда ё интизорӣ;

- ҳаҷми калавиш ё тағйирёбии эҳтимолии фоидаи пешбинишуда ё интизорӣ [3].

Ба андешаи мо, меъёри дуюм хусусияти миқдории хавфро ифода мекунад.

Намояндагони назарияи неоклассикии хавф исбот мекарданд, ки натиҷаи хавф ё зарар ё фоида шуда метавонад.

Назарияи дигар мутафаккирони иқтисодӣ оид ба хавфро мо низ дар мақолаи худ ҷой додаем, хубтар мешавад, ки саравval мо решаи калимаи хавфро, ки аз кадом истилоҳ гирифта шудааст, шарҳ диҳем.

Як қатор тадқиқотчиён бар он ақидаанд, ки мафҳуми «риск» аз калимаҳои юнонии ridsikon, ridsa - шах, харсанг, шух, калимаи испании risco - шухи харсанг, калимаҳои итолявии risiko - хавф, хатар risicare – байни харсангҳо морпеч ҳаракат кардан гирифта шудааст.

А.П. Алгин чунин мешуморад, ки боэътимод муайян кардани пайдоиши калимаи «хавф» имконнопазир аст. Дар луғати тафсирии В.И. Дал [34] пайдоиши арабии калимаи «хавф» -ро қайд мекунад. Баъзе манбаъҳо [14, 105, 143] нишон медиҳанд, ки истилоҳи "хавф" ба калимаҳои юнонии ridsikon, ridsa - қулла, санг, испанӣ (risco - шаффоф) ё итолиёӣ (risiko - хатар, таҳдид; risicare - манёвр) алоқаманд буда, аз ин вожаҳо гирифта шудааст [4].

Роберт Хизрич [134] далел меорад, ки "консепсияи хавфи соҳибкорӣ дар асри 17 таҳия карда шуд, вақте ки соҳибкор ба шахсе муроҷиат кард, ки бо давлат барои иҷрои кор ё таҳвили маҳсулоти худ шартнома бастааст. Азбаски арзиши шартнома пешакӣ гуфтушунид карда мешуд, ҳаҷми фоида ё зиёнро танҳо бахти худи соҳибкорон муайян мекард".

Асосгузори назарияи соҳибкорӣ Ричард Кантиллон дар китоби худ "Таҷриба дар бораи табиати тиҷорат дар маҷмуъ" (1725) соҳибкориро як намуди махсуси фаъолияте донистааст, ки бо унсурҳои хавф алоқаманд аст. Вай қайд кард, ки соҳибкор як субъекти махсусест, ки дорои қобилияти пешгӯйӣ, таваккал кардан ва масъулияти пурра барои қарорҳои қабулшуда мебошад [5].

Адам Смит зарур донист, ки ба фоида чизеро ба монанди мукофоти суғурта ҷуброн кунад, ки шахсе, ки сармояи худро ба ин тиҷорат гузоштааст, бо хавф алоқаманд дониста мешавад [6].

Дар асоси омӯзиши равишҳои гуногун оид ба моҳияти хавф, мо мафҳуми "хавф"-ро чунин таъриф медиҳем: хавф - ин ҳолати номуайянӣ, номувофиқатии натиҷаи воқеӣ аз нақшаи пешбинишуда, эҳтимоли гирифтани ё зарар ё фоида мебошад.

Ба андешаи мо, хавф - ин эҳтимоли дар шароити номуайянӣ ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои ногаҳонӣ дар ҳамаи самтҳои фаъолият буда, тамоил нисбат ба нақшаи пешбинишуда мебошад, ки натиҷааш ё мусбат ё манфӣ мешавад.

Инчунин мо ба он ақидаем, ки мафҳуми хавф ба калимаи итолиявӣ мувофиқат мекунад, зеро дар шароити муосир мо ин мафҳумро дар амалия низ мушоҳида намудаем. Бояд қайд намуд, ки дар мақолаи муаллиф гурӯҳбандии хавфҳо мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Тасниф ва гурӯҳбандии хавфҳо ва муайян намудани сабабҳои пайдоиши онҳо асоси таҳлил, арзёбӣ ва муайян кардани самтҳои коҳиши хавф мебошад. Дар асоси таснифот хавфҳои зиёде вуҷуд доранд, ки онҳоро дар асоси меъёрҳои синфҳои гуногун фарқ мекунанд.

Нишондиҳандаҳои муҳимтарини таснифоти хавфҳо, аз рӯйи мақолаи муаллиф, инҳоянд:

-вақти пайдоиш, омилҳои пайдоиш;

-ҷойгиршавии пайдоиши хавфҳо;

-миқёси пайдоиш;

- табиати бавуҷудоии хавфҳо ва оқибати онҳо;

-андозаи зарари имконпазир ва ғайра.

Дар шароити имрӯза бояд гуфт, ки корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандии хавфҳоро дуруст ба роҳ намемонанд, ин ҳолат боис ба гирифтани зарар ё талаф мегардад.

**Ҷадвали 1.**

**Тасниф ва гурӯҳбандии хавфҳо**

| Шаклҳои таснифот | Гурӯҳбандӣ |
|---|---|
| Аз лаҳзаи пайдоиш | Хавфҳо аз рӯйи бозгашт, ба ҳозир ва ояндадор тақсим карда мешаванд |
| Мақсадҳои пайдоиш | Хавфҳои сиёсӣ ва иқтисод тақсим карда мешаванд |
| Дар ҷойи ҳодиса ҷойгир намудани хавфҳо | Хавфҳо ба берунӣ ва дохилӣ тақсим карда мешаванд |
| Муайянамоии хавфҳо ва хусусияти оқибатҳои онҳо | Хавфҳо ба воқеӣ ва тафсирӣ тақсим карда мешаванд |
| Аз рӯйи хусусияти фаъолият | Хавфҳои дуюмдараҷа: хавфҳои саноатӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ ва суғуртавӣ; инчунин касбӣ, сармоягузорӣ, нақлиёт ва ғайра мешаванд. |
| Намуди хавфнок | Табиӣ ва омехта |
| Дар сатҳи аслӣ | Макро, маконӣ ва микрогресс |
| Дараҷаи эътимодӣ | Хавфҳои ошкоршуда, пешгӯйинашаванда ва пешгӯйишаванда |
| Дар марҳилаҳои пайдоиш | Лоиҳаҳои нақшавӣ ва воқеӣ |
| Дараҷаи эътибор | Онҳо асоснок ва беасос мешаванд |
| Дараҷаи талафоти имконпазир | Боэътимод, мустақим |
| Дар сатҳи миқёсӣ | Глобалӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ |

**Ба таври муфассал таснифоти пешниҳодшудаи хавфҳо чунин баррасӣ карда мешаванд:**

**А.** Бо гузашти вақт хавфҳо ба хавфҳои ҷорӣ ва ояндадор ҷудо карда мешаванд. Таҳлили хавфҳои баргардонидашуда, табиати онҳо ва усулҳои паст кардани имкониятҳо имкон медиҳад, ки хавфҳои ҷорӣ ва ояндаро дақиқтар муайян кунанд.

**Б.** Бо сабабҳои бамиёномада, хавфҳо ба бахшҳои гуногун тақсим мешаванд:

- хавфҳои сиёсӣ - ин хавфҳое мебошанд, ки тағйирёбии муҳити сиёсӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд (пӯшидани сарҳадҳо, баровардани мол, амалиёти ҳарбӣ дар қаламрави кишвар);

- хавфҳои иқтисодӣ (тиҷоратӣ) хавфи ҷиддии иқтисодиёт дар корхонаҳо ва иқтисодиёти кишвар мебошанд. Навъи маъмултарини хавфи иқтисодӣ ин тағйирот дар шароити бозор, пардохтпазирии бесамар (қобилияти саривақт иҷро кардани уҳдадориҳо), тағйирот дар сатҳи идоракунӣ мебошад.

**В.** Дар ҷойи ҳодиса, хавфҳо ба дохили муҳити корхона тақсим карда мешаванд.

Хавфҳои беруна дорои хатарҳое, ки бевосита ба фаъолияти корхона ё иштирокчиёни ширкатҳо алоқамандӣ надоранд, фаҳмидан мумкин аст [5].

Ба сатҳи хавфҳои берунӣ як қатор омилҳои зиёд:

-сиёсӣ;

-иқтисодӣ;

-демографӣ;

-иҷтимоӣ;

ҷуғрофӣ таъсир мерасонад.

Хавфҳои дохилӣ дар бар мегиранд хавфҳоеро, ки аз фаъолияти худи корхона ва саҳомони асосии он вобастагӣ доранд. Сатҳи онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ дар идоракунии ширкат, интихоби стратегияи маркетинги оптималӣ, сиёсат ва тактика, инчунин иқтидори истеҳсолӣ, таҷҳизоти технологӣ, сатҳи ихтисос, сатҳи истеҳсолоти меҳнат, бехавфнамоии раванди истеҳсолот, ки дар корхона вуҷуд дорад, таъсир мерасонад.

**Г**. Бо назардошти хусусиятҳои оқибатҳо хавфҳо ба хавфу шуурнокӣ тақсим карда мешаванд.

Хавфҳои холис (баъзан онҳо низ одӣ ё статистикӣ ном доранд) бо фактҳое, ки онҳо қариб ҳамеша дар фаъолияти соҳибкорӣ зарар мебинанд, фаҳмида мешаванд. Сабабҳои бавуҷудоии ин гуна хавфҳо мешаванд офатҳои табиӣ, ҷангҳо, садама, амали ҷиноӣ, қобилияти корношоямии корхона ва ғайраҳо.

Хавфҳои махсус (баъзан онҳо низ динамикӣ ё тиҷоратӣ номида мешаванд) метавонанд дар дохили худ ду талафот ва фоидаи иловагиро барои соҳибкор дар робита бо натиҷаҳои интизорӣ кашанд [2].

Сабабҳои асосии хавфҳои таснифшуда метавонанд дар вазъияти бозор, тағйироти қурбҳои асъорӣ, тағйирот дар қонунгузории андоз тағйир ёбанд.

**Д.** Гурӯҳбандии хавф  дар муҳити бавуҷудоӣ, ки дар доираи фаъолият, аз гурӯҳи сершумори ҳамаи ҳолатҳо асос ёфтаанд:

- саноатӣ;
- тиҷоратӣ;
-хавфи молиявӣ ва суғуртавӣ мешаванд.

**Дар мутобиқати  соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ одатан хавфҳои бизнесро дар асоси омӯзиши мақолаи мо чунин фарқ мекунем:**

- хавфи истеҳсолӣ ин бо шикасти нақшаи ширкат ва уҳдадориҳои худро оид ба истеҳсоли мол, хизматрасонӣ ва дигар фаъолиятҳои истеҳсолӣ, ки дар натиҷаи ба муҳити беруна номусоид, инчунин истифодаи нокифояи техника ва технологияҳои нав, воситаҳои асосӣ ва ҷорӣ, ашёи хом, вақти кор алоқаманд аст, нишон медиҳад.

-хавфи тиҷоратӣ - таваккалӣ ба миён омада, мувофиқаи фурӯши мол, хизматрасонӣ, истеҳсолот аз ҷониби соҳибкорон ба миён меояд. Сабабҳои бавуҷудоии хавфи тиҷоратӣ инҳо мебошанд: пешниҳод ва фурӯши мол бо  сабаби тағйирот дар шароити бозор ё дигар ҳолатҳо, баланд бардоштани нархи хариди мол, моли гумшуда дар раванди табдили онҳо, афзоиши хароҷот тақсимотӣ ва ғайраҳо.

Хавфи молиявӣ вобаста ба имконияти нокомӣ ҳоло уҳдадориҳои молиявии худи шахсият ё корхона мебошад. Сабабҳои асосии пайдоиши хавфи молиявӣ инҳо мебошанд: беқурбшавӣ сандуқи сармоягузории молиявӣ вобаста ба тағйирот дар қурби асъор, пардохтпазирӣ, қарздорӣ ва гайраҳо [4].

хавфи суғурта – ин хавф тибқи шартҳои чорабинӣ суғурта, ки дар он  суғуртакунанда бояд ҷуброни суғуртавӣ (маблағи суғурта) пардозад.

***Вобаста ба ташкили таснифоти марбут дар фаъолияти истеҳсолӣ, мо метавонем ба таври иловагӣ хавфҳои зеринро муайян намоем:***

- ташкилӣ (бо хатоҳои кормандон, мушкилоти системаи назорати дохилӣ, қоидаҳои сусти корӣ);
- хавфҳои бозор (вобаста ба ноустувории иқтисодии иқтисодёт: тағйирёбии нархи мол, коҳиши талабот, тағйирёбии қурби асъор);

- хавфи қарзӣ (хавфе, ки ҳамоҳангсози уҳдадориҳои худро пурра дар вақташ иҷро намекунад);

- хавфҳои қонунӣ (вобаста ба он, ки қонунгузорӣ ба ҳамаи ҳисобҳо ҷавобгӯ нест ё тағйир дода шудааст ё дар давраи муомилот тағйир ёфтааст, аз сабаби қонунвайронкуниҳо дар байни давлатҳои мухталиф, бо сабаби ҳуҷҷатҳои нодуруст тартиб дода шудааст);

- хавфҳои техникӣ ва истеҳсолӣ (хавфи зарари ба муҳити зист, рух додани садамаҳо, сӯхтор, шикастан, хавфи вайрон кардани объекти хатогӣ дар тарҳрезӣ ва насб).

Нельзя считать достаточно разработанной систему развития семантического уровня языковой способности, в частности, обучение смыслообразованию как начальной ступени порождения речи.

Безусловно, настоящее исследование является одним из первых попыток в разработке основополагающих принципов, методов и форм уточнения комплекса мер по формированию коммуникативной культуры студентов вузов Таджикистана в условиях межнационального общения. Мы не претендуем на исчерпывающее решение всех вопросов, поставленных в работе. Однако, в целом, считаем, что нам удалось выявить самые насущные проблемы и пути решения этой весьма важной задачи.

Таким образом, под речевым развитием следует понимать развитие языковой способности под влиянием деятельности инженера-педагога. Поскольку речевая риторика инженер-педагога в своей структуре имеет фонетический, лексический, грамматический, семантический компоненты, то речевое развитие предполагает последовательные, прогрессирующие количественные и качественные изменения на всех этих уровнях.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Апарина Ю.И. Адаптивная речь учителя. Результаты формирующего эксперимента // Инновации современного образовательного процесса: материалы международной научно-практ. Конф. Барнаул: Изд-во БГПУ, 2006. - С. 74-80 (0,4 пл.)
2. Вахобова А.А. Культура межнационального общения - важнейшая форма общественного развития в многонациональном обществе// Вестник Технологического университета Таджикистана- №1 (3).- Душанбе. 2019. –С 61-64.
3. Ромашина С. Я. Обучение студентов речевому общению при формировании профессиональных умений учителя. Автореф. дис.канд.пед. наук.- М.: МГПИ им. В.И. Ленина, 1979 16 с.
4. Станиславский К.С. Работа актера над собой, собр. соч., т. III, ч.II.


## *НИГОҲЕ БА ОЯНДАИ ТАЪЛИМИ АКАДЕМИКӢ ВА РАВАНДИ ТАҲСИЛ ДАР ҶОМЕАҲОИ МУОСИР*


**Гулаҳмадов Ш. Н.**

*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*



*Раванди омӯзиш ва парвариши мутахассиси ҳирфӣ дар замони муосир аз он шаҳодат медиҳад, ки ояндаҳои наздик диплом ҳамчун инъикоскунандаи маълумоти фарогир ва касбияти мутахассис дар доираи вақт ва фазо аз байн хоҳад рафт ва дигар корфармоён на ба дипломи мутахассиси ҷавон диққат хоҳанд дод ва гирифтани маълумот ҳам дар шакли ягонаи академикӣ маҳдуд нахоҳад гашт.*

*Олими шинохтаи амрикоии японитабор* Митио Каку, ки яке аз олимҳои машҳури соҳаи физика буда, ҳамчун яке аз шахсони ниҳоят донои Ню-Йорк маҳсуб меёбаду ба омӯзиши сӯрохиҳои сиёҳ дар коинот ва васеъшавии босуръати коинот машғул аст, доир ба раванди таҳсил ва аз худ намудани маводи таълимӣ фикру ақидаашро дар рӯзномаи машҳури The New York Times иброз намудааст. Дидгоҳи ин олим доир ба ояндаи раванди таҳсил ҷолиб ва дар оянда татбиқшаванда аст. Митио Каку олими ниҳоят серкор буда ва хонандагони ҷаҳон ӯро бо китобҳои «Муқаддима ба назарияи суперсатр», «Физикаи имконнопазир», «Физикаи оянда» хуб мешиносанд. Ғайр аз ин ӯ силсила барномаҳои телевизиониро дар BBC ва Discover бурдааст. Ӯ дар китоби "Физикаи оянда" менигорад, ки "омӯзиш бар асоси технологияҳои интернетӣ ва абзорҳо ба мисли Google Glass сурат мегирад".[49]

Ӯ раванди тағйирёбии омӯзишро таҳлил карда ба хулосае меояд, ки "донишҷӯёни баъдӣ дар раванди омӯзиш дигар ба ҳафз кардани маълумот, қонуну қоидаҳо такя нахоҳанд кард"[50] раванди инкишофи технологияҳои компютерӣ ва айнакҳои Google Glass, ки дар ояндаи наздик ба линзаҳои ниҳоят хурд табдил меёбанд ва технологияҳои мазкур имконияти ғунҷонидани маълумоти зиёди заруриро хоҳанд дошт, мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт. Дар ҷомеаҳои иттилоотии муосир аллакай айнакҳое, ки чунин вазифаҳоро иҷро менамоянд, вуҷуд доранд.

Ба андешаи Митио Каку, талабагон ва донишҷӯёни баъд аз якчанд сол дар раванди имтиҳонот озодона ҷавобро ба як мижа задан аз сомонаҳои интернетӣ ҷустуҷӯ намуда ва дар як сония онро дарёфт хоҳанд кард.

Аз як тараф майнаи сарро бо донишҳои беманфиат набояд пур намуд, зеро аз таҷрибаи аксарият бармеояд, ки фоизи ками онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза мавриди истифода қарор мегиранд. Аз тарафи дигар захираи озодшудаи равонӣ боиси ташаккули қобилияти фикр кардан, таҳлил кардан, хулоса баровардан ва ниҳоят қабули қарори дуруст равона карда мешавад. Агар ин раванд дар амал ҷорӣ гардад, пас гирифтани имтиҳон ва умуман тадрис дар назди устод зарурат надорад. Татбиқи технологияҳои нав ҳар як фардро то андозаи мухтор намуда, вазифадор менамояд, ки инсон масъулияти бештарро доир ба ҳаёт дошта бошад ва дигар ниёз ба "мақомоти назоратӣ" надорад.

Раванди ҷомеаи муосир нишон медиҳад, ки афрод ба омӯзиши мустақилона рӯ оварда, пеш аз ҳама, пай мебаранд, ки кадом донишҳо бароящон ниҳоят ҳам муҳим буда ва ба онҳо диққати хоса хоҳанд дод. Ба андешаи Митио Каку, "агар машварат лозим шавад, аз "деворҳои ҳушманд (оқил) истифода мебаранд"[51]. Раванди инкишофи технологияҳои информатсионӣ дар ҷомеаҳои иттилоотӣ нишон медиҳад, ки чунин дастгоҳҳо дар асоси технологияҳои зеҳни сунъӣ, дар ҳама ҷо насб хоҳад шуд: дар хонаҳо, идораҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, корхонаҳо ва ғайраҳо. Аллакай баъзе аз ин абзорҳо дар телефонҳои ҳушманд мавриди истифода қарор доранд. Масалан, агар барои шумо ягон маълумот даркор шавад, метавонед аз хизматрасонии овозии Google истифода баред, ё барои сарфа намудани вақт метавонед аз хизматрасонии Google класс васеъ истифода баред. Дар 2 ё 3 соли оянда технологияҳои зеҳни сунъӣ чунон ҳам рушд менамояд, ки чи тавре дар боло қайд намудем, аз деворҳои электронӣ, ки саршор аз маълумоти илмию адабӣ, фарҳангию динӣ буда, барои ҷӯяндагони илм тамоми маводи лозимаро дар шаклҳои интерактивӣ, аудиовизуалию видеоӣ

[49] Митио Каку. Физика будущего / Пер. с англ.: Лисова Наталья. — М.: Альпина нон-фикшн, 2014. — 84 с.
[50] Митио Каку. Физика будущего / Пер. с англ.: Лисова Наталья. — М.: Альпина нон-фикшн, 2014. — 96 с.
[51] Митио Каку. Физика будущего / Пер. с англ.: Лисова Наталья. — М.: Альпина нон-фикшн, 2014. — 104 с.

ба осонӣ пайдо мекунанд. Ба чунин девор наздик шуда гуфтан кофист: Ман мехоҳам бо профессори биология суҳбат кунам. Сипас дар девори интелектуалӣ профессори биология зоҳир шуда ва тамоми маълумоти лозимаро дар ихтиёри ҷӯянда қарор медиҳад.

Чунин система на танҳо дар соҳаи маориф, балки дар дигар соҳаҳо аз қабили тиб, ҳуқуқ, дизайн, психология ва ғайра татбиқ хоҳад шуд. Бозори меҳнат билкул тағйир хоҳад ёфт. Баъзе касбҳо умуман аз байн хоҳанд рафт. Омӯзгор, ки ҳоло яке аз касбҳои маъмул дар ҷаҳони муосир маҳсуб меёбад, дар шакли анъанавӣ боқӣ нахоҳад монд. Лекин баъзе мутахассисони воқеӣ, ки ҷойи онҳоро ягон дастгоҳ нахоҳад гирифт ба мисли ҷарроҳ шояд то 30 ё 50 соли дигар фаъолият намоянд. Дигар мушкилоти одиро ҳар як фарди ҷомеа ба таври виртуалӣ ҳал карда метавонад.

Ҳоло дар аксари донишгоҳҳои ҷаҳон таълими сомонавии онлайнӣ вуҷуд дорад, ин дар асл, як пиндори ниҳоят хуб аст, вале саволеро ба бор меовард, ки толибилмон то кадом андоза тайёранд, то хешро тағйир диҳанду дарвоқеъ мустақилона маълумот гиранд, бахусус, барои толибилмони ҷумҳурии мо, ки аз зинаи макотиби миёна на он қадар ба донишҳои пурра мебароянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки миқдори чунин донишҷӯён дар ҷаҳон на он қадар зиёд аст. Соли 2021 бо тағйир ёфтани қонун дар бораи хизмат аксари донишҷӯёни шуъбаи рӯзона ба таҳсили сомонавӣ-онлайнӣ гузаштанд ва миқдори донишҷӯёни ин самтро дар донишгоҳҳои Тоҷикистон афзун намуд.

Майл надоштани донишҷӯёнро дар тамоми дунё Митио Каку, пеш аз ҳама, дар нав зуҳур кардани ин шакли таълим ва тағйир наёфтани таълимгирандагон, бе мураббӣ ҳоло омӯхтанро пайгирӣ накардаанд ва аз танҳо омӯхтани «ӯву монитори компютер» ҳарос доранд ва шавқу ҳаваси баланди омӯзишро надоранд.

Агар ин омилҳои кам майл доштани донишҷӯёни мамлакатҳои мутараққӣ бошанд, пас дар мамлакатҳои рушдкунанда як зумра омилҳои дигар вуҷуд дорад, ки раванди таълими сомонавӣ-онлайнӣ то дараҷаи лозима рушд накардааст. Ба чунин омилҳо, пеша аз ҳама, мансуб мешаванд.

1. Набудани шароити воқеии техникӣ дар аксари донишгоҳҳиои мамлакатҳо рушдкарда.
2. Набудани нармафзорҳои хоси миллӣ, ки дар он ҳамаи контетҳои таълими фосилавӣ насб шуда бошанд.
3. Ниҳоят ҳам паст будани суръати интернет.
4. Кулли омӯзгорони макотиби олӣ ҳоло дар омодакунии маводи электронӣ аз қабили сабти видеоии лексияҳо, алоқаманд намудани лескияҳо бо ҳошияҳои лозимӣ доир ба фанни таълимӣ таҷриба ва донишҳои зарурии техникиро надоранд.

Вале бояд зикр намуд, ки бо ҳама норасогиҳо шакли нави соҳибмаълумот шудан ниҳоят ҳам бо суръати баланд рушд карда истода ва ин раванди таҳсилот 50 соли оянда пурра дар тамоми олам татбиқ хоҳад шуд.

Донишгоҳ боқӣ хоҳанд монд, лек ин донишгоҳҳо асосан виртуалӣ хоҳанд шуд, ки таҳсилот дар онҳо тариқи низоми абрӣ роҳандозӣ хоҳад шуд. Минбаъд донишҷӯёне, ки дар дарсҳои анъанавӣ ширкат меварзанд, онҳоро ҳатто бетолеъ мегӯянд. Ба гуфтаи Митио Каку «чунин донишҷӯён таълими худро тарҳрезӣ карда натавонистанд”[52].

---

[52] Митио Каку. Физика будущего / Пер. с англ.: Лисова Наталья. — М.: Альпина нон-фикшн, 2014. — 110 с.

Дар ҷомеаҳои иттилоотӣ диплом дигар нақши муҳимро нахоҳад бозид ва он ҳамчун як чизи нодаркор аз байн меравад, зеро омӯзиш дигар бо ҳеҷ марзи замонӣ ва маконӣ маҳдуд нахоҳад шуд. Аллакай дар аксари ширкатҳо, корхонаҳо, бонкҳо ҷойи дипломҳоро сертификатҳо гирифтаанд. Эҳтимолан ҷойи имтиҳонҳои давлатии хатмро супоридани имтиҳон дар марказҳои сертификатдиҳӣ гиранд ва ҳар нафаре, ки дар озмун барои вазифаи ишғолшаванда ариза додаанд, пас аз супурдани имтиҳон ва нишон додани малакаҳо ғолиб гардида ба кор гирифта хоҳад шуд. Ҳоло ширкат дар озмунҳо барои ишғоли вазифаҳо чунин таҷриба дар мамлакатҳои мутараққӣ, ташкилоти байналхалқӣ ва бонкҳо роҳандозӣ шуда истодааст.

Эҳтимол, бо мурури замон сатҳи санҷиши донишҳо аз рӯйи ҷадвали ягонаи холҳо сурат бигирад, шумораи холҳо ба ширкаткунандагон имкон медиҳад, ки мавқеи хостаашонро дар ҷомеа ишғол намоянд.

Бинобар ин, донишгоҳҳо ба таъминкунандагони хизматрасонӣ табдил меёбанд, ки онҳо ин хидматрасониҳоро баҳо намедиҳанд.

Ҳоло дар ИМА, Канада, Ҷопон, Аврупо низоми ҷамъоварии диплом, шаҳодатнома, сертификатҳо хело ҳам маъмул буда, номзад барои дарёфти кор онҳоро ба корфармо пешкаш менамояд.

Низоми ҷамъоварии диплом, шаҳодатнома, сертификатҳо дар оянда яке аз унсурҳои асосии низоми таълим гашта ва технологияҳои иттилоотӣ дастовардҳои инсонро дастрас ва шаффоф мегардонад.

***Раванди муносибати бошуурона доштан ба таҳсилро кулли калонсолон дар оянда пайгирӣ менамояд, вале саволе ба вуҷуд меояд, ки кӯдакони синни мактабӣ ва бахусус синфҳои ибтидоӣ чӣ тавр бидуни назорати доимӣ таҳсил хоҳанд кард?***

Раванди хизматрасониҳои таълим барои бачагони синни мактабӣ фаъолона инкишоф хоҳад ёфт. Дар 10—15 соли наздик имкониятҳои он чи ки ҳоло таълими ғайрирасмӣ номида мешавад, беҳадду канор хоҳад шуд. Аз ҷумла, хидматрасониҳои омӯзиши онлайнӣ васеъ паҳн хоҳад гашт. Ҳоло чунин хизматрасониҳо то андозае роҳандозӣ шуда истодаанд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳоло дарсҳои омӯзиши фанҳои гуногунро ҳар як хонанда ба забонҳои гуногун дар шаклҳои презентатсияҳо, видеодарсҳо, филмҳо ва ҳатто бозиҳои интерактивӣ пайдо карда метавонад. Ин раванд натанҳо дар мамлакатҳои мутараққӣ рушд карда истодааст, балки дар мамлакатҳои рушдкунанда низ ба назар мерасад.

Гузашта аз ин, таълими онлайнӣ маънои онро надорад, ки ҳама дар назди компютер нишаста, ба монитор менигаранд: муҳите, ки одамон дар он зиндагӣ мекунанд ва интерфейсҳое, ки бо онҳо ҳамкорӣ мекунанд, тағйир меёбанд.

“Шаҳрҳои оянда, ки Smart City (шаҳрҳои ҳушманд), ки аксари масъалаҳоро бо василаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳал менамоянд, фаъолона ба муҳити нави таълимӣ таъсири амиқ хоҳанд гузошт”.[53]

Аз ҷумла, бозиҳои калон барои кӯдакони синну соли гуногун сохта мешаванд, ки тамоми ҳодисаву воқеаҳо дар чунин шаҳрҳои воқеии вертуалӣ сурат мегиранд ва ба хонандагон ба таври воқеӣ маълумоти саҳеҳ ва лозима хоҳанд дод, ки ҳатто профессори ҳамин соҳа то ба ин андоза маълумот дода наметавонад. Масалан, имрӯзҳо силсилафилмҳои

[53] Василенко И. А. “Умный город” как социально-политический проект: возможности и риски смарт-технологий в городском ребрендинге // Власть. 2018. № 3. С. 13–8.

тасвирии “Фиксикӣ” барои кӯдакони синни томактабӣ чунон маълумоти зарурие медиҳад, ки омӯзгори ботаҷриба ба мисли қаҳрамонони ин филм фаҳмонда наметавонанд.

Китобҳои дарсӣ бо маводи зеҳни сунъӣ таълиф гардида ва онҳо метавонанд маводи таълимиро аз қабили суратҳо, матнҳо, видеоҳо, супоришҳо, диаграммаҳо вобаста ба синну соли ҳар як донишҷӯ дар бар гирифта ва ниёзҳои онҳоро қонеъ намоянд. Дар ҷомеаҳои муосир чунин пешравиҳо бисёранд ва онҳо тадриҷан дар раванди таҳсилот татбиқ хоҳанд шуд. Ҳоло аз тарафи баъзе омӯзгорон кӯшишҳои таълифи чунин китобҳо ба назар мерасад.

*Ҳоло барои мутахассиси хуб шудан зарур аст, як кулвори донишҳо ва таҷрибаро бояд ҳар як донишҷӯ дошта бошад. Вале барои дар оянда шахси муваффақ шудан чӣ лозим аст?*

Аксари олимон бар он андешаанд, ки “барои ноил шудан ба муваффақияти воқеӣ, донишандӯзи замони муосир пеш аз ҳама бояд он қобилиятҳоеро инкишоф диҳад, ки ҳоло онҳо барои роботҳо дастрас нестанд: эҷодкорӣ, тахайюл, ташаббус, вижагиҳои роҳбариро бояд дошта бошад”[54].

“Иқтисодиёти ҷомеаи имрӯзаи истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон тадриҷан ба низоми иқтисодиёти зеҳнӣ (фикрӣ) ва эҷодӣ рӯй меорад”.

Агар раванди ба даст овардани фоидаи шоу-барномаҳоро таҳлил намоем даромади онҳо аз даромади аксари корхонаҳои саноатӣ зиёдтар буда ва дар як мудати кӯтоҳ продюссерони муваффақу артистҳои машҳур ба мултимиллионерҳо мубаддал мешаванд. Кишварҳое, ки мувозинати байни низоми иқтисоди молӣ ва низоми иқтисодии зеҳни эҷодиро нигоҳ дошта метавонад, ба комёбиҳо ноил хоҳанд шуд. Кишварҳо ва миллатҳое, ки такя танҳо ба хоҷагии қишлоқ доранд, дур нахоҳанд рафт ва онҳо ба камбизоатӣ маҳкум шудаанд.

*Ҳанӯз аз солҳои 90-уми қарни 20 аксари файласуфон ва олимони футуролог бар он андеша буданд, ки дар корхонаҳои пешрафтаи замони муосир роботҳо ҷои одамонро хоҳанд гирифт. Дар воқеъ ин дар назари аввал чунин менамояд. Ҳоло дар Чин, Сингапур ва дигар мамлакатҳои рушдкардаи иттилоотӣ дар бисёре аз меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо кори пешхизматҳоро роботҳо иҷро намуда истодаанд, чунин падидаҳо моро водор месозад, ки биандешем, ки оё одами оянда ҷойи кор меёбад ё на, рӯзгорашро чӣ тавр мегузаронад, тақдириояндаи ӯ чӣ гуна хоҳад буд?*

Ояндаи наздик ихтисосҳои биотехнология, нанотехнология ва зеҳни сунъӣ ихтисосҳои маъруфтарин гардида ва барои нафароне, ки ин риштаҳоро хатм хоҳанд кард, хело ҳам фоидаовар хоҳанд буд. На танҳо низоми маориф, балки низоми кор ҳам тағйир меёбад. Солҳои 80-ум асри 20 андешаи роиҷ буд, ки дигар одамон дар корхонаҳо кор нахоҳанд кард ва инро як бадбахтии низоми сармоядорӣ меҳисобиданд. Зеро сармоядорон барои фоидаи бештар аз роботҳо истифода бурда, коргаронро аз кор ҷавоб медиҳанд ва сафи бекорон дар ҷаҳон меафзояд. Раванди рушди технологияҳои информатсионӣ ва интелектӣ нишон дод, ки бисёр ихтисосҳои нав пайдо мешаванд.

Ҳар як нафар дар ин асри тараққиёти интелекти сунъӣ бояд хело ҳушманд бошад, тавонад ба зудӣ самти фаъолияташро дигар намояд. Мушкилоти кулли мардуми ҷомеаи имрӯза пеш аз ҳама бепарвоист ва аксарият амали хешро ба издиҳом нигоҳ карда роҳандозӣ менамоянд. Агар муваффақ шудан хоҳед, аввалин чизи зарурӣ барои омӯзиш ин наҳаросида

---

[54] Жохов, А. Л. Научное мировоззрение в контексте духовного развития личности (образовательный аспект) / А. Л. Жохов. - М.: ИСОМ, 2004.- 29 с.

масъулияти комилро ба дӯш бояд гирифт ва аз тағйирёбие, ки минбаъд дар ҳаёт рух медиҳад, натарсида, барои пеша кардани роҳу равиши нав омода бояд буд.

Бо назардошти пешрафти рӯзафзуни илму техника дар ҷомеаи муосир раванди дигари ислоҳоти соҳаи илму маорифро аз бар намудани донишҳои муосир, азхудкунии фанҳои дақиқ, вусъат додани раванди ихтироъкориву навоварӣ дар ҷодаи илмҳои дақиқ, азхудкунии технологияи инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани онҳо дар истеҳсолот, пайваста омӯхтани забонҳои хориҷӣ ва рушди тафаккури техникии ҷомеа, бахусус насли ҷавон, омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ, мутобиқ кардани нақшаву барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозори дохиливу ҷаҳонии меҳнат ва гузариш ба меъёрҳои ҷаҳонии таҳсилот, бо усулҳои инноватсионӣ ба роҳ мондани пажӯҳишҳои илмӣ, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои рушди неруи инсонӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ фарогир аст. Раванди рӯ овардан ба омӯзиши илмҳои дақиқ танҳо хоси Тоҷикистон нест, балки тамоми ҷаҳон ба омӯзиши фанҳои дақиқ ва табиятшиносӣ аҳамияти хоса медиҳанд, зеро маҳз ин донишҳо дар оянда ба рушди тафаккури техникӣ ва тавсеаи ҷаҳонбинии илмии ҷомеа такони ҷиддӣ мебахшанд.

Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки сатҳи бекории ҷавонон нисбатан зиёд аст. Тибқи низоми маорифи ҷойдошта дар кулли донишгоҳҳои ҷаҳон мутахассисони ояндаро тайёр менамоянд. Аксаран он чизеро ба онҳо меомӯзем, ки чунин касбҳо вуҷуд надорад, онҳоро ба донишҳое мусаллаҳ месозем, ки бесамарии онҳо кайҳо собит шудаанд. Аз ин рӯ корфармоёни корхонаҳо хатмкунандагоне, ки дониши казоӣ надоранд ва айни замон бетаҷриба мебошанд, ба кор намегиранд.

Вазифаи донишгоҳ ин тайёр намудани мутахассисони оянда аст. Вале имрӯз дар донишгоҳҳо ба донишҷӯён мавод ва маълумоте дода мешавад, ки дар аксар вақт ин донишҳо дар раванди кор умуман мавриди истифода қарор нахоҳанд гирифт. Яке аз омилҳои зиёди бекорӣ дар ҷаҳони муосир маҳз ҳаминро медонанд.

Саволе ба миён меояд, ки оё кордиҳандагон чунин хатмкунандагонеро, ки на дониши дуруст доранду на таҷрибаи кофӣ ба кор қабул мекунанд? Таҳқиқҳо нишон медиҳад, ки дар аксари ширкатҳои машҳури ҷаҳон мутахассисони 50-60-сола кор намуда ва онҳо нисбат ба ҷавонон бартарӣ доранд. Раванди технологии истеҳсолот дар замони муосир тақозо менамояд, ки корманд ҳамеша донишҳои хешро такмил диҳад. Равнди омӯзиш як хусусияти давомнокро касб менамояд.

Аз ҳамин рӯ мутахассисони соҳаи маорифро лозим меояд, ки нақшаҳои таълимии фанҳои дақиқ, табиатшиносиро, ки бевосита бо технологияҳои оянда алоқаманданд, ба куллӣ аз нав дида бароянд.

*Ҳарчанд дар ҷаҳони муосир раванди роботкунонии бахшҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ бо як суръати гӯшношунид идома дорад, вале бояд зикр намуд, ки ҳеҷ як зеҳни сунъии хеле инкишофёфта наметавонад, одамро пурра иваз кунад. Воқеан, инсон назар ба мошинҳо бартариҳои зиёде дорад. Масалан, роботҳо тафаккури хаёлӣ надоранд, онҳо шуур, интуитсия надоранд. Бинобар ин роботҳо наметавонанд кормандони биржаро, ки ба харидуфурӯши саҳмияҳо, коғазҳои қиматнок машғуланд, иваз намоянд. Зеро барои кормандони биржа чизи аслӣ на ақл, балки шуҳуд* (интуитсия) ба шумор меравад.

Раванди рушди технология ҳатто ба соҳаҳои меҳнати ҷисмонӣ таъсир расонида ва онҳо бояд дониш ва малакаи истифодабарии мошинолоти замонавиро дошта бошанд. Масалан, ҳоло дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон меваҳои боғро ба василаи мошинолотҳо меғундоранд. Ё обёрии қатрагиро барои дарахтон, полезиҳо ва сабзавот тариқи автоматӣ ба

роҳ мондаанд, ки аксаран онҳо худкоранд. Агар боғбон, кишоварз технологияҳои муосир ва истифодабарии онҳоро надонад, натиҷаи меҳнати онҳо барабас хоҳад рафт. Ояндаи наздик ихтисосҳое, ки ҳоло зеҳнӣ ҳисобида мешаванд: барномасозӣ, веб-дизайн, 3D-проексия, ҳамчун «коргарон» эътироф хоҳанд шуд.

Новобаста аз он ки одам ба кадом кор машғул бошад, вай бояд ба ҳама чиз муносибати эҷодӣ, тахайюлоти рангин, вобаста ба шароит қобилияти зуд тағйирёбандагӣ ва шуҳуд (интуитсия)-и инкишофёфтаро дошта бошад.

Яке аз саволҳои мубрами рӯз то кадом андоза ба зеҳни инсон раванди рушди технологияҳои муосир таъсир хоҳад расонид аз тиб сар карда то ба кибернетикӣ?

То соли 2050 комилан имконпазир аст, ки олитарин зеҳни ҳушманд сохта шавад, ки он аз зеҳни инсонӣ хеле болотар хоҳад буд. Масалан, тирамоҳи соли 2013 дар Швейтсария лоиҳаи пурҳангомаи омӯзиши мағзи сари инсон Human Brain Project бо маблағи 1$млрд оғоз шуд, ки тамаркуз ба омӯзиши ҳаматарафаи майнаи инсон ва эҷоди модели компютерии онро доранд. Олимони лоиҳаи Human Brain Project харитаи беназири мағзи сари инсон Big Brainро сохтанд, ки дар он сохтори мағзи сар бо дақиқии 50 микрометр таҳлил шудааст.[55] Чунин атласи анатомӣ на танҳо кори невропатологҳо ва нейрохирургҳоро барои табобати бемориҳои вазнин осон мекунад, балки имкон медиҳад донем, ки чӣ гуна майна эҳсосотро кор карда ва маълумотро қабул мекунад. Ин раванди эҷоди зеҳни сунъии олиро ба таври назаррас суръат мебахшад ва инчунин имкон медиҳад, ки равандҳои маърифатии табиӣ бехатар такмил дода шуда ва пойгоҳи дониши инсонӣ ташаккул дода шавад. Сохтани чипҳои мағзи сар, ки ҷараёни муттасили иттилоотро таъмин мекунанд, технологияи оянадаи наздик аст. Ҳоло баъзе аз чунин чипҳо сохта шудаанд, ки онҳо вазифаи баъзе аз нейронҳои мурдаи майнаи сарро иҷро мекунанд. Масалан, муҳаққиқони UC San Francisco даҳ сол боз дар болои чипи мағзи сарашон кор карданд. Аввалин иштирокчии санҷиши чип як марди фалаҷи 30-сола буд, баъд аз гузоштани чип ӯ фикр карда метавонад чанд ҳарфе бизанад. Захираи луғавии ӯ 50 калима буд.[56]

Аз ҷониби милордери машҳур Элон Маск соли 2016 стартапи Neuralink роҳандозӣ гашт. Ҳадафи сохтани чипи Neuralink ин насб кардани микросхемаҳо дар бадани одамони фалаҷ буда, то онҳо тавонанд аз компютер ва телефон истифода баранд. Муҳаққиқон бар он боваранд, ки пас аз насби чипҳои Neuralink одамони фалаҷ метавонанд фикр кунанд, смс паёмҳо бинависанд ва саҳифаҳои интернетро хонанд. Дар аввали соли 2021 ба муҳаққиқони лоиҳаи Маск муяссар шуданд, ки ба майнаи сари маймун чип гузоранд ва пас аз он бо истифода аз ин имплантат ба ӯ шоҳмотбозиро ёд доданд. Баъдтар тавассути чипи гузошташуда маймун бозӣ кардани тенниси виртуалиро ёд гирифт[57].

Ҳамин тариқ, раванди ташаккули такомули дониш дар оянадаи наздик тавассути технологияҳои муосир ба омӯзандагони дониш ва мутахассисони ҳирфавӣ имконият муҳайё месозад, то аз тамоми сарчашмаҳое, ки инсоният дар тӯли таърих офаридаанд, муҳтавои асосиашонро бардошт намоянду вақти хешро барои маълумоти нолозим, ки ҳоло дар аксар донишгоҳи академӣ маҷбуран ба хотираи донишандӯз бор менамоянд, сарфа намуда ва тамоми умр бояд аз омӯзиш фориғ набояд бошад. Яъне, замони ҳамон иборои машҳури

[55] https://www.swissinfo.ch/rus/sci-tech санаи муроҷиат 11.01.23
[56] https://www.vesti.ru/nauka/article/2588516 санаи муроҷиат 11.01.23
[57] https://www.svoboda.org/a/ilon-mask-nachinaet-ispytaniya-na-lyudyah-neyrochipa-neuralink/32601798.html 25.10.23.

тоҷикӣ "аз гавҳора то ба гӯр бояд омӯхт" фаро расидааст. Агар аз омӯхтан шахс бозмонад, ҷой кор, маошро аз даст хоҳад дод.

## АДАБИЁТ


1. Митио Каку. Физика будущего / Пер. с англ.: Лисова Наталья. — М.: Альпина нон-фикшн, 2014. — 84 с.
2. Василенко И. А. "Умный город" как социально-политический проект: возможности и риски смарт-технологий в городском ребрендинге // Власть. 2018. № 3. С. 13–8.
3. Жохов, А. Л. Научное мировоззрение в контексте духовного развития личности (образовательный аспект) / А. Л. Жохов. - М.: ИСОМ, 2004.- 29 с.
4. https://www.swissinfo.ch/rus/sci-tech санаи муроҷиат 11.01.23
5. https://www.vesti.ru/nauka/article/2588516 санаи муроҷиат 11.01.23
6. https://www.svoboda.org/a/ilon-mask-nachinaet-ispytaniya-na-lyudyah-neyrochipa-neuralink/32601798.html 25.10.23.


# ПРИЕМЫ, СПОСОБЫ И СРЕДСТВА АКТИВИЗАЦИИ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НА УЧЕБНЫХ ЗАНЯТИЯХ


**Заробекова А.А., Таирова Д.Р., Джураева С.Н.**

***Технологический университет Таджикистана***


Одним из важнейших средств развития познавательной активности и творчества студентов являются задачи и творческие задания.

В педагогическом процессе задача является одним из средств овладения системой научных знаний, формирования умений решать жизненные, производственные задачи. Решение каждой задачи, в особенности познавательной, требует от обучающихся не только актуализации, систематизации и воспроизведения ранее усвоенных знаний. В этом процессе обучающийся, опираясь на известное ему, ведет дальнейший поиск и усвоение новых знаний, неизвестных ему ранее способов и средств решения задачи. Задача стимулирует мышление студентов, сближает их учебную деятельность с научным поиском, в определенной степени знакомит с этапами, методом средствами научного познания и, безусловно, готовит обучающихся к их будущей практической деятельности.

Хорошо известно, что студент нередко может изложить прочитанный им материал, но бывает не в состоянии применить его в своей деятельности. Для предотвращения подобных ситуаций и организации активной познавательной деятельности весьма полезны различные задачи, процесс решения которых характеризуется высоким мыслительным напряжением, самостоятельным поиском, доказательствами, рассуждениями. Решение задач максимально мобилизует и развивает такие умственные операции, как анализ и синтез, абстрагирование, сравнение, конкретизация, обобщение, обучает студентов правильному, применению этих операций в своей познавательной деятельности. Этот процесс вносит в занятие эмоциональное оживление, повышает интерес к данной дисциплине.

Однако роль и значение задач не следует переоценивать. Решение задач дает положительные результаты только тогда, когда оно применяется в сочетании с другими

способами и средствами и когда преподаватель методически правильна и определит место задачи в учебном процессе.

В обучении задачи могут выполнять различную роль. Они применяются с целью: 1) более доказательного разъяснения на занятиях отдельных теоретических положений; 2) эффективной организации применения знаний на практике и показа практического значения теоретических положений; 3) повторения, воспроизведения и закрепления знаний; 4) контроля и самоконтроля знаний, умений; 5) формирования умений творческого использования знаний в новых условиях; 6) организации целенаправленной подготовки студентов к очередной лекции, семинарским, практическим и другим занятиям.

Задачи могут быть использованы на лекциях, семинарских, практических занятиях, консультациях, во время учебной и производственной практик и т. д.

Очередная лекция начинается с обсуждения первой задачи, в процессе которого студентами выдвигаются разные — верные и ошибочные — мнения. Уловив удобный момент в обсуждении, преподаватель начинает изложение основных положений лекции и в нужное время обращает внимание студентов на содержание второй задачи.

Педагогические задачи обсуждаются с большим интересом, оживленно, споры продолжаются и после лекции. Опыт показывает, что применение задач заметно повышает активность, интерес студентов к лекции и изучаемой дисциплине в целом. Готовых решений задач нет, поэтому студент должен их решить самостоятельно. Для этого он просматривает специальную литературу, обращается к справочникам, словарям, анализирует прошлый опыт (школьные годы) и т. д.

Использование задач позволяет осуществить связь теории с практикой, развивает у студентов умение самостоятельного решения практических вопросов обучения и воспитания.

Таким образом, педагогические задачи способствуют повышению эффективности занятий только при соблюдении определенных требований: во-первых, они должны быть связаны с обсуждаемой на лекции проблемой; во-вторых, задачу следует подбирать с учетом знаний, прежнего жизненного опыта студентов, иначе она не вызовет интереса; в-третьих, на лекции надо применять не более одной или двух задач; в-четвертых, следует использовать разнообразные виды задач - ситуативные, теоретико-методологические и другие [10:81].

На семинарских, практических занятиях возможности решения задач шире. На них сущность отдельных обсуждаемых положений может быть представлена в виде задачи. Целесообразным является включение их в план семинарских занятий, издаваемых в помощь студенту, или дать текст задачи в конце семинарского занятия тем, чтобы к следующему семинару студенты решили их самостоятельно.

При выборе задач для использования на различных занятиях необходимо, прежде всего, определить те аспекты, проблемы изучаемой темы, которые могут и должны быть доведены до обучающихся и усвоены ими в процессе решения познавательных задач. В целях развития познавательной активности студентов приемлема не всякая задача, а только та, которая: во-первых, способствует организации творческой познавательной деятельности студентов, более активному овладению основными, принципиальными проблемами данной науки и её методами, средствами; во-вторых, учитывает педагогические требования к содержанию, структуре учебных занятий и включается в систему средств как органически необходимый элемент занятия.

Следует подчеркнуть, что иногда встречается смешение познавательной задачи с заданием, упражнением.

В чем особенность заданий и какую роль они играют в активизации учебной деятельности студентов? Задание в жизненной практике и педагогике понимается как разновидность учебы, работы, которая возложена (задана) на кого-нибудь ограничена в объеме и сроках выполнения. Так, работники выполняют трудовое (плановое) задание, а учащиеся домашние учебные задания, студенты - задания, связанные с их учебой.

По своему характеру учебные задания бывают различными. Например, прочитать указанные страницы учебника, подготовить к семинару доклад, к следующему занятию решить предложенные задачи. На практических занятиях дается задание - выполнить упражнения и т.д. Задания бывают кратко срочные (выполнить к  следующему занятию) и долгосрочные (написать реферат, доклад или вести наблюдения над изучаемыми явлениями, процессами). Обычно задания дает преподаватель. Содержание, объем, виды заданий определяются дидактическими целями каждого занятия. Например, с целью организации обсуждения познавательных проблем преподаватель дает студентам задание - прочитать к следующей лекции соответствующие параграфы учебника и т. д.

Особенно ценны задания, способствующие развитию познавательной активности, творческих способностей студентов. Например, решение познавательных задач, расстановка экспериментов, подготовка творческих рефератов, докладов, конструирование и др.

Эффективными являются не отдельные, случайные задания, а их система, обеспечивающая постепенное развитие творческой активности каждого студента.

Вопросы педагога являются одним из самых распространенных приёмов активизации познавательной деятельности обучающихся.

Преподаватели широко используют вопросы, направленные на проверку усвоения материала, выяснение запаса знаний студентов. Такие вопросы требуют воспроизведения усвоенного материала и часто применяются на семинарских, лабораторных занятиях, зачетах, экзаменах.

Однако роль вопросов в учебном процессе этим не исчерпывается. Путём задавания вопросов можно организовать активную познавательную деятельность студентов на лекциях, семинарских и других занятиях. При помощи вопросов можно направить познавательную деятельность студентов на определение сходства и различия в процессах, на обобщение и доказательство, выявление причин тех или иных явлений. При их помощи можно организовать усиленную интеллектуальную поисковую деятельность студентов.

Общеизвестно, что вопросы, направленные на актуализацию ранее усвоенных знаний и их воспроизведение лишь частично активизируют мыслительную деятельность обучающихся. Утверждение некоторых дидактов, что вопросы, заданные с целью получения ответов, содержащих известные обучающимся знания, не возбуждают активную мыслительную деятельность студента, требует уточнения. Многие вопросы формул, таблиц, ответ на которые дается почти автоматически, без поисков в памяти нужной информации, активизируют деятельность головного мозга, направляя её на поиск нужного ответа. Бесспорно, что уровень мыслительной активности личности при этом будет не на таком высоком уровне, который достигается при помощи вопросов, содержащих область неизвестного, требующих поиска новых знаний. В основном применяются вопросы, требующие: 1) восстановления ранее усвоенных знаний и их воспроизведения; 2) поиска новых знаний, глубокого анализа фактов, их сравнения, сопоставления.

Для ответа на вопросы первой группы обучающиеся вспоминают те факты, сведения о явлениях, процессах и которые были выдвинуты в процессе учебной, трудовой деятельности.

Подобные вопросы используются на зачетах, экзаменах, т. е. в процессе контроля знаний и организации их применения на практике. Они способствуют систематизации знаний, обеспечивают прочность запоминания.

Вопросы второй группы содержат в себе элементы неизвестного, спорного, неясного. В дидактике их называют проблемными. Они содержат в себе область неизвестного. Для ответа на проблемные вопросы требуются новые знания, поиск которых максимально активизирует мыслительную деятельность студентов. Обычно познавательная проблема формулируется преподавателем в виде проблемного вопроса. Характерными признаками проблемного вопроса являются: а) наличие неизвестного, спорного, неясного, которые создают познавательную трудность; б) опора (связь) этого неизвестного, спорного на ранее усвоенные знания. Решение неизвестного является развитием имеющихся представлений обучающихся об этом явлении, процессе, добавлением в систему знаний новых сведений. Однако нельзя противопоставлять эти группы вопросов. Анализ процесса обучения показывает, что они применяются в сочетании, вступая в тесное взаимодействие, дополняют друг друга. Даже на занятиях с проблемным обучением педагог не обходится без вопросов, требующих воспроизведения ранее усвоенных знаний.

Следует особо отметить, что в целях активизации познавательной деятельности студентов недостаточно применений лишь вопросов первой группы. Необходимо шире практиковать постановку вопросов, требующих от студентов не простого воспроизведения знаний, усвоенных, на занятиях или в процессе самостоятельной работы над литературой, а творческого использования знаний для решения новых познавательных проблем. Целесообразно так сформулировать вопросы, чтобы они направляли умственные способности студентов на анализ, сравнение рассматриваемых фактов, сведений, способствовали развитию логического мышления.

Важно научить студентов правильно формулировать вопросы и уместно их задавать, что является также одним из приемов активизации их познавательной деятельности, развития логического мышления. Подобная работа успешно осуществляется на семинарских, практических занятиях, во время дискуссий, консультаций. К сожалению, до сих пор дидактикой не исследованы основы обучения школьников, студентов самим задавать вопросы, не проведен анализ вопросов, задаваемых ими преподавателям и друг другу, и не изучено влияние формулировки и постановки вопроса в развитии активности студентов [ 4 41].

Как известно, с целью активизации внимания, мыслительной деятельности студентов на занятиях применяются разнообразные способы и приемы. Активная познавательная деятельность должна быть организована с самого начала занятия. Активность студентов на последующих этапах лекции во многом зависит от того, как организована его деятельность в начале занятий, от того, как сумеет преподаватель с первых же слов овладеть их вниманием, увлечь темой. Если, входя в аудиторию, преподаватель «не видит» студентов, не устанавливает с ними контакт, не обратит внимание на то, как они подготовлены к занятию, не назовет тему и план лекции, то такое начало занятия не организует студентов на серьезное отношение к теме и не вызовет интереса у многих студентов; «именно на таких лекциях чаще всего можно наблюдать чтение романов некоторыми студентами, переводы с английского, решение задач, а иногда - полное безделье». Начало любого занятия требует четкой организации, требовательности, глубокого продумывания каждого структурного элемента.

Психологи отмечают, что перестройка внимания студента в системе перерыв (перемена) - лекция сопряжена с включением слушателей в новую психологическую ситуацию.

Опыт показывает, что целесообразно применять энергичную форму начала занятия и весьма важно разнообразить вводную часть различными приёмами. Как известно, начало лекции (и других занятий) может быть организовано по-разному: 1) связь темы данной лекции с содержанием прошлого занятия (преподаватель, напоминая один из основных вопросов прошлой лекции, прокладывает мостик-переход к новой теме); 2) подчеркивание значения темы лекции для будущей деятельности студента, для практики; 3)студенты вводятся в интересный мир поисковых работ преподавателя, где указывается гипотеза, сложность проблемы, какой аспект этой проблемы будет предметом сегодняшнего обсуждения; 4) даётся интересная историческая справка, показывающая предысторию данной темы или справка о лицах, работающих над этой темой; 5) ставится интересный, захватывающий вопрос или задача, решению которой посвящается данная лекция [11:60].

Чтение лекции, рассказ на семинарском занятии целесообразно начинать с привлекательного факта, примера, постановки жизненной задачи, познавательного вопроса. Опыт показал, что постановка вопросов, задач в начале занятия может применяться в разных вариантах, план лекций может быть представлен в виде вопросов, возбуждающих интерес студентов, поставлен проблемный вопрос по основному содержанию темы или названы вопросы, представляющие затруднение для студентов. Подобные вопросы определяются на основе анализа опыта учебной работы студентов прошлых лет. Проблемы, задачи, вопросы в начале лекции могут быть поставлены при помощи видео фрагментов, диафильмов, телевизионной вставки. Например, на экране показывается применение какого-то теоретического положения на практике и ставятся вопросы: «В чем сущность этой теории? Каковы её особенности?» Такое начало также будет способствовать мобилизации внимания студентов.

Таким образом, с учётом особенностей содержания изучаемого материала, особенностей состава слушателей, условий проведения занятий и других факторов, преподаватель может разнообразить начало лекций, активизировать внимание студентов с первых же минут занятия. Следует отметить, что когда преподаватель применяет, например, подробное повторение материала прошлой лекции или сразу же приступает к обсуждению материала чрезмерной сложности, наблюдается спад внимания и активности студентов [12:22]. Поэтому целесообразны лишь те приёмы, которые постепенно мобилизуют внимание слушателей и способствуют дальнейшему развитию и поддержанию активности.

**Список использованной литературы**

1.Асеев А.Д. Возрастная психология. / Учебное пособие. – Иркутск, 1989
2.Аксёнова А.К., Якубовская Э.В. Дидактические игры. – М., 1989
3.Бабанский Ю. К. Интенсификация процесса обучения. М., 1989
4.Виноградова М. Д. Коллективная познавательная деятельность. М., 198740
5.Голуб Б. П. Средства активизации познавательной деятельности учащихся// Педагогика, 1989, № 3.С 23
6.Дайри Н.Г. Обучение в старших классах. Познавательная активность учащихся и эффективность обучения. – М.: Просвещение, 1988, 256с
7. Досов Н.М. Проблемное обучение на практике//Среднее специальное образование, 1990, №9. С.
8. Коробов Е. Т. Воображение в структуре процесса познания//Среднее специальное образование, 1990, № 6 С.41
9.Коменский Я.А. Избранные педагогические сочинения. – М., 1982

10. Крутецкий В.А. Основы педагогической психологии. – М.: Просвещение, 1972
11.Ладыженская Т.А. Методика развития речи на уроках русского языка. – М.: Просвещение, 1980
12.Леонтьев А.Н. Психологические вопросы сознательного учения. – М, 1983

# ГАНҶИНАИ ПУРФАЙЗИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

**Носиров Сабур Музаффарович**
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

Маълум аст, ки лаҳҷаҳо яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои такмили таркиби луғавии забони адабӣ маҳсуб мешаванд ва гирд овардани луғати лаҳҷаҳову мураттаб сохтани силсилаи фарҳангҳои лаҳҷавӣ аз вазифаи муҳимми илми забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки дар илми забоншиносии тоҷик тадвини луғатҳои лаҳҷавӣ таърихи чандон тӯлонӣ надорад. Раванди таҳияву тадвини луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бо ҷилди панҷуми асари тоҷикшиноси маъруф В.С. Расторгуева «Очерки по таджикской диалектологии», ки бо номи «Таджикско-русский диалектный словарь» соли 1963 ба чоп расидааст, оғоз мегардад.

Дар ин раванд то ба имрӯз як қатор луғатҳои лаҳҷавии тоҷикӣ нашр гардиданд, ки луғатҳои «Таджикско-русский диалектный словарь» (Розенфельд А.З. –Л., 1982.–240 с.), «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» (Маҳмудов М., Бердиев Б. –Душанбе, 1989. –278 с.), «Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ (лаҳҷаҳои ҷанубӣ)» (Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ. – Ҷилди 1 (ҳарфҳои А то О). –Душанбе, 1997. –288 с.), «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» (Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. –Душанбе, 2012. – 946 с.) ва «Луғати мухтасари калимаҳои хоси шева» (Ҷӯраев Ғ., Маҳмудов М., Қурбонов С. – Душанбе, 2017. -128 с.) аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Намунаи калимаву ибораҳои лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ғайр аз фарҳангҳои лаҳҷавие, ки дар боло ном бурдем, дар шакли замима дар асарҳои ба таҳқиқи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бахшидаи забоншиносони тоҷику шарқшиносони рус, аз ҷумла дар рисолаҳои “Кулябские говоры таджикского языка” (Неменова Р. Л. –Сталинабад, 1956. –191 с.), “Говоры Каратегина” (Розенфельд А.З. –Сталинабад, 1960. –106 с.), “Шеваҳои тоҷикони райони Бойсун” (Ҳамроқулов Х. –Душанбе, 1961. –274 с.), “Говоры таджиков Матчинского района” (Хромов А.Л. – Душанбе, 1962. –208 с.), “Ванджские говоры таджикского языка” (Розенфельд А.З. Ленинград, 1964. –149 с.), “Говоры таджиков Гиссарского района” (Успенская Л.В. –Душанбе, 1962. –70 с.), “Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Ёвон” (Ҷалолов О.Ҷ. –Душанбе, 1967. –151 с.), “Шеваи ҳардурӣ” (Эшниёзов М. –Душанбе, 1967. – 230 с.), “Шеваҳои тоҷикони атрофи Андиҷон” (Мурватов Ҷ. –Душанбе, 1974. – 186 с.), “Лаҳҷаи тоҷикони райони Китоб” (Маҳмудов М. –Душанбе, 1978. – 278 с.) ва ғайра низ фароҳам оварда шудааст.

Шуъбаи лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон (имрӯза Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон), ки дертар шуъбаи таърихи забони тоҷикӣ ва лаҳҷашиносӣ ном гирифта буд, ҳанӯз солҳои 60-и қарни гузашта тартиб додани луғати ҳамаи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва дар заминаи онҳо мураттаб сохтани луғати ҷомеи лаҳҷаҳои забони тоҷикиро ба нақша гирифта буд. Мутаассифона, шуъбаи мазкур солҳои ахир барҳам дода шуд ва мактаби замоне овозадорӣ лаҳҷашиносии

тоҷик баста шуду шогирдонаш пароканда гардиданд ва мақсади таҳияи луғати ҷомеи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ҷомаи амал напӯшид.

Зимнан мехоҳем ёдовар шавем, ки маводи фаровони луғавие, ки кормандони шуъбаи лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ аз минтақаҳои гуногуни кишвар ва маҳалҳои тоҷикнишини кишварҳои ҳамсоя ҷамъ оварда буданд, имрӯз дар бойгонии муассисаи мазкур нигаҳдорӣ мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар кори таҳияи луғатҳои маҳаллӣ ва луғатҳои ҷомеӣ лаҳҷавӣ, ки солҳои шасти қарни гузашта дар забоншиносии шӯравӣ оғоз гардида буд, баъзе аз кишварҳо ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд. Масалан, забоншиносони рус шуруъ аз соли 1965 то имрӯз луғати гӯйишҳои забони русиро таҳти унвони «Фарҳанги гӯйишҳои халқии рус» дар 52 ҷилд нашр намудаанд ва кори таҳияву нашри ҷилди охирини он ҳоло идома дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 4 октябри соли 2019 дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба масъалаи ҳифзи асолати забони тоҷикӣ, аз ҷумла чунин гуфта буданд: “Дар раванди таҳияи дастурҳои истилоҳсозӣ ба лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ, ки ганҷинаи пурфайзи забони модарӣ ба ҳисоб мераванд, бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Дар таркиби шеваҳои мардуми мо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун мондаанд. Вазифаи аввалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷикӣ ворид намоянд” [9].

Агар луғати ҳамаи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва дар заминаи онҳо луғати ҷомеи лаҳҷаҳои забонамон мураттаб мегардид, он на фақат дар ҳалли бисёр масъалаҳои марбут ба забони адабии имрӯза, балки дар равшанӣ андохтан ба бисёр саҳифаҳои норавшани маданияти маънавии халқамон ба гунаи неку мусоидат мекард ва иҷрои дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат дар масъалаҳои марбут ба рушди забони миллиамон низ саҳлу содатар мегардид.

Дар бораи аҳамияти омӯзиши лаҳҷаҳо ва тадвини фарҳангҳои лаҳҷавӣ андешаронӣ намуда, наметавон аз сухани зерини олим ва нависандаи машҳури Фаронса Шарл Нодйе, ки лаҳҷашиноси маъруфи тоҷик марҳум Ғ. Ҷӯраев дар муқаддимаи асари пурарзишашон “Системаи лексикаи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ” овардаанд, ёд накард: «касе, ки лаҳҷаҳои забони худро наомӯхтааст вай онро ба нимагӣ медонад» [8, 6].

Ҳамин аст, ки маъруфтарин адибони муосири тоҷик бо тавсияҳои устод Садриддин Айнӣ ҳамеша ба забони зиндаи халқ ва эҷодиёти шифоҳии он пайваста рӯй меоварданду, имрӯз ҳам рӯй меоранд. Дар як мусоҳиба аз шоири шаҳири тоҷик устод Лоиқ Шералӣ, ки донандаи бисёр хуби забони модариашон буданд, рӯзноманигор аз шуғлҳои писандидаашон савол мекунад, устод дар посух мегӯянд: “шуғли писандидаам варақ задани луғатҳо, сафҳагардон кардани китобҳои хондаам, инчунин хондану лаззат бурдан аз зарбулмасалу мақолҳо, рубоиву дубайтиҳо ва китобҳои шевашиносӣ аст” [6, 33].

Болотар бо таассуф қайд кардем, ки шуъбаи лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ тартиб додани луғати ҳамаи лаҳҷаҳои забони тоҷикиро ба нақша гирифта буд, вале ин кор ба пуррагӣ ба анҷом расонида нашуд. Яке аз фарҳангҳои лаҳҷавие, ки мақсади таҳияашон ҷомаи амал напӯшид, ин фарҳанги лаҳҷаҳои болооби Зарафшон мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки минтақаи болооби Зарафшон ноҳияҳои Масчоҳи Кӯҳӣ, Айнӣ ва Панҷекатро дар бар мегирад. Дар ин мақола мо мехоҳем дар бораи аҳамияти ҷамъоварӣ ва тадвини фарҳанги лаҳҷавии шеваҳои ноҳияи Айнӣ изҳори назар намоем.

Ноҳияи Айнӣ, ки ҳудуди он дар гузашта аз мулкҳои давлати Суғд будааст ва дар осори хаттии суғдӣ, арабӣ ва форсии асрҳои VIII – XII бо номҳои Парғар, Палғар, Барғар ва дар сарчашмаҳои таърихии асрҳои баъдӣ бо исми Фалғар ёд шудааст, ҳоло дорои 67 деҳа мебошад. Ҳар деҳаи ноҳия шеваи гуфтори худро дорад. Шеваҳои ноҳия дар баробари умумияти зиёд дорои хусусиятҳои хос мебошанд. Сокинони маҳаллӣ хусусиятҳои фарққунандаи шеваи гуфтори мардуми ҳар деҳаро хуб медонанд ва зимни суҳбат, бидуни пурсиш, аз кадом деҳа будани мусоҳиби худро ба хубӣ метавонанд муайян намоянд.

Шеваи гуфтори мардуми деҳоти ноҳия на танҳо бо хусусиятҳои сарфиву наҳвӣ ва овӣ, балки бо хусусиятҳои луғавӣ низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар деҳаи Дардари ноҳия **дабанка** ба маънии тағора (*да калоки бум дабанкайа мунда ҷумшуйӣ кем, ки бехийол дабанка чаппа шуд; оби дарйойа хийоли дабанка кӣ чӣ, ғарқ шӣ?*); **кават** ба маънии занбӯр, занбӯри асал (*беодоби ки, кават да забунат г$^{и}$зид; сурхашу зардашу сийош-а, ҳамеш-а кават эгуйем*); **гудоишдор**//**гудождор** ба маънии сарторик; ҳомила, обистан (*зани гудождор екуна ин кор-а*) ва **отек** ба маънии халилихӯрак, какана (*бачо отек-а а дасташо эгирану отек-отек пару барав а ман музи сурх бийор эгун эпарад барафт*) **ҳалокиштак: ҳалокиштак додан** ғуррондан, ҳаво додан (*дулча-йа ҳалокиштак дод, намедунам гуҷо рафт*) барин калимаҳое истифода мешаванд, ки дар ҳеҷ деҳаи дигари ноҳия ба мушоҳида намерасанд.

Зимнан таъкид менамоем, ки аз вожаҳое, ки дар боло овардем вожаҳои **дабанка** ва **кават** вожаҳои классикӣ мебошанд ва дар фарҳангҳои тафсирӣ мувофиқан дар гунаҳои **табанга**, **табангу**, **табанг** ва **кабт** ба ҳамин маъние, ки дар шеваи гуфтори мардуми деҳаи Дардар истифода мешаванд, шарҳу эзоҳ дода шудаанд.

Аз ҷумла, муаллифи «Луғатномаи Деххудо» бо ишорат ба «Фарҳанги Рашидӣ», «Фарҳанги Онандроҷ», «Фарҳанги Низом», «Анҷуманоро» вожаҳои «табанг», «табанга» ва «табангу»-ро дар баробари маъниҳои дигар ба маънии табақ, табақи паҳн ва бузурги чӯбӣ ва бо ишорат ба «Шарафномаи Мунирӣ» ба маънии тағор (тағора – С.Н.) тафсир намудааст [1, 1595].

Муаллифи ҳамин луғатнома бо ишорат ба «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Онондроҷ» ва сарчашмаҳои дигар вожаи «кабт»-ро занбӯри асал, магаси асал, зубоби асал, наҳл ва мунҷи ангубин шарҳ дода, аз «Калила ва Димна»-и устод Абӯабдуллои Рӯдакӣ ва «Таърихи Бухоро»-и Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар Наршахӣ мисол овардааст:

Ҳамчунон кабте, ки дорад ангубин,
Чун бимонад достони ман бар ин.
Кабти нодон бӯйи нилуфар биёфт,
Хушаш омад, сӯйи нилуфар шитофт.
В-аз бари хушбӯй нилуфар нишаст,
Чун гаҳи рафтан фароз омад, наҷаст.

**Рӯдакӣ**

«Ва боз бифармуданд, то яке ҷуволи бузург аз кабти сурх пур карданд ва Абрӯйро дар он ҷувол карданд, то бимирад.»

**Таърихи Бухоро** [1, 1152].

Як хусусияти хоси луғавии лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ дар он зоҳир мегардад, ки бинобар ягона будани таркиби миллии минтақа ва бо лафзҳои дигар, аз ҷумла туркиву русӣ танҳо берун

аз ҳудуди ноҳия рӯ ба рӯ омадани мардуми он, дар таркиби луғавии шеваҳои ноҳия калимаҳои иқтибосӣ, хусусан иқтибосҳои туркӣ камтар ба мушоҳида мерасанд. Асоси таркиби луғавии шеваҳои ноҳияро калимаҳои аслии тоҷикӣ ташкил медиҳанд.

Аксари иқтибосҳои туркии шеваҳои ноҳия хусусияти умумихалқӣ доранд ва қариб дар ҳамаи лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, хусусан лаҳҷаҳои шимолии он дучор меоянд.

Хусусияти дигари луғавии шеваҳои ноҳияи мавриди назар дар он ифода меёбад, ки дар онҳо **истех** ба маънии рост, рост истода (*ҳамун форми бобогӣ-додогӣ-йа оварда ҳаминҷа истех кардам*); **чахч** ба маънии як навъ иллати гулӯ (*оби хунука мехурӣ чахчот варам мекунад*); **алағда** ба маънии ғазабнок, қаҳролуд, хашмгин; асабонӣ (*хуштуманашуна мегун, ки хуни тағом туй равам, мегуд, ки намедунам, кори худат, бад алаґда мешану дасти холи хеста меран*); **осухта** ба маънии ҳезуми нимсӯхта (*осухтаҳойи таги дега берун каш, таги дег насузад; осухтеш ҳезуми нимсухта-дийа*); **калахч** ба маънии хушкии рӯйи ҷароҳат; чирки шахшуда (*яреш калахч бастас акун нағз мешад; калахчойи дасташ-а дида дилам беҳузур кард, абқот-а хурда натунистам*); **йористан//йоридан** ба маънии ҷуръат доштан, ёрои иҷрои амалеро доштан (*намейористам гум, ки ман тоҷик; да пеши додом намейорид гап занад*); **қайус** (шакли вайроншудаи кийус) ба маънии каҷ, норост, хамида (*чашми шуйи очем камтар қайус*) барин воҳидҳои луғавии эрониасле ба мушоҳида мерасанд, ки аз забони адабии давраи классикӣ ба мерос мондаанд.

Зикри ин матлаб ҳам муҳим аст, ки аксари калимаҳои «классикӣ»-и таркиби луғавии лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, ки ҳанӯз дар асри XI таълиф гардидааст, тафсир ёфтаанд.

Ба таъкиди забоншинос В.А. Капранов аксари воҳидҳои луғавие, ки дар «Луғати фурс» тафсир гардидаанд дар ҳамон давра хислати лаҳҷавӣ дошта, хоси лаҳҷаҳои Хуросону Мовароуннаҳри шарқӣ ва барои форсизабонони Озарбойҷон ва Эрони Ғарбӣ номафҳум будаанд, бинобар ин Асадии Тӯсӣ онҳоро дар луғати худ тафсир додааст, то ба ҳар форсигӯ фаҳмо бошанд [2, 149].

Ҳамин аст, ки дар миёни калимаҳои «классикӣ»-и эрониасли таркиби луғавии лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ унсурҳое ба мушоҳида мерасанд, ки алорағми забони форсиву лаҳҷаҳои он бо баъзе лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, забони дариву лаҳҷаҳои он ва забони адабиёти давраи классикӣ умумияти истеъмолӣ доранд. Калимаҳои **ҳанг** ба маънии «қувва, зӯр, тавон», **туридан** ба маънии «тарсидан, тарсида гурехтан, рамидан» (лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ) ва **осуғда** (забони дарӣ ва лаҳҷаҳои он) аз ҳамин қабил калимаҳо мебошанд.

Дар баробари вожаҳои эрониасле, ки намунаашонро дар боло овардем, дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ як миқдор вожаҳои арабиасосе низ ба мушоҳида мерасанд, ки аслан хоси забони адабии давраи классикӣ мебошанд ва чунин ба назар мерасад, ки дар марҳилаҳои нисбатан наздиктари таърихи инкишофи забонамон ба лаҳҷаҳо гузаштаанд. Вожаҳои **такаллум** ба маънии сухан, гап, сухан гуфтан, гап задан (*додом ҳамиқа ҷанг мекардан такаллум намекардем*; *бетакаллум шиштан-шиштану хестан рафтан*); **муқаддирот** < **муқаддарот** ба маънии сарнавишт, тақдир (*да муқаддиротат чи ки бошад ҳавайа мебини*); **сулукат** ба маънии тарз, тавр, тариқ (*Низумбойа шишташ сулукати шишти додош*); **мағлуба** шӯру ғавғо, доду фарёд, мағал (*беруна бин мағлуби чийас*); **тақаййуд** ба маънии ҳаракат, саъйу кӯшиш, ҷидду ҷаҳд (*тақаййуди дарстайоркунеш нағз*); ҳаммол ба маънии хизматгор (*ман ту-ба ҳаммолам-чи?*); **чуҳ** < **ҷӯъ** ба маънии беморие, ки гирифтори он ҳамеша эҳсоси гуруснагӣ мекунад (*ғура-йа бисйор нахур, ки ҷуҳ мешӣ*) аз ҷумлаи ҳамин гуна вожаҳо мебошанд.

Бояд гуфт, ки ин гурӯҳи калимаҳо аз муносибат ва таъсири мутақобилаи лаҳҷаҳои мазкуру забони адабиёти давраи классикӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд ва ҷамъовариву ба риштаи таҳқиқ кашидани онҳо ба ҳалли паҳлуҳои гуногуни масъалаи муносибати луғавии забони адабиву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мусоидат хоҳад намуд.

Ҳамин нуктаро низ зикр бояд кард, ки дар забони мардуми ноҳия баъзе калимаҳои русие низ вомехуранд, ки лаҳҷаҳои ноҳияро аз лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ комилан фарқ мекунонанд. Мисоли равшани ин калимаҳо воҳиди луғавии **ашмушка//ҳашмушка** ба маънии қуттии хурди коғазии чой мебошад, ки онр дар ҳеҷ як таълифоти марбут ба масъалаҳои лаҳҷашиносии тоҷик дучор наомадем: *ду-се ашмушка чой-ам гиред; хамун йашукое, ки пештар орд мегирифтем йашукойи ашмушки чой будан*.

Лозим ба ёдоварист, ки чунин қуттиҳои чой, ки вазнашон баробар ба 50 грамм буд, то охири солҳои 70-уми садаи гузашта маъмул буданд, вале имрӯз дар муомилот дида намешаванд. Ҳамин аст, ки доираи истифодаи вожаи мазкур ҳам дар гуфтори мардуми ноҳияи Айнӣ танг гардидааст ва он асосан дар нутқи калонсолон ҳангоми аз гузашта ёд кардан ба мушоҳида мерасад.

Вожаи **ашмушка//ҳашмушка** шакли тағйирёфтаи вожаи куҳнашудаи русии **восьмушка** ва гунаи дигари он **осьмушка** ба маънии аз ҳашт як ҳиссаи ягон предмет ё воҳиди ченак мебошад.

Воруди вожагони туркӣ ва воҳидҳои алоҳидаи русӣ ба лаҳҷаҳои ноҳияро натиҷаи таъсири лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, аз ҷумла лаҳҷаҳои Самарқанду Бухоро ва навоҳии атрофи ин ду шаҳри бостонӣ ба лаҳҷаҳои ноҳия, метавон арзёбӣ кард.

Дар гузаштаи начандон дур зиндагии пурмашаққати кӯҳистон мардуми минтақаро маҷбур мекард, ки баҳри таъмини рӯзгор ба шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва навоҳии атрофи онҳо сафар намуда, муддати мадид ба мардикориву савдогарӣ машғул шаванд.

Мусофирати тӯлонии ҷавонони зиёди минтақа ба шаҳрҳои Самарқанду Бухоро барои касби илму дониш ва пайвандҳои хешутабории мардуми минтақа бо сокинони ин шаҳрҳову рафтуомади пайвастаи онҳо аз омилҳои воруди вожагони туркиву русӣ ба лаҳҷаҳои ноҳия ба шумор мераванд.

Зимнан мехоҳем таъкид намоем, ки дар минтақаи Фалғари болооби Зарафшон қариб деҳае нест, ки сокинонаш бо сокинони шаҳри Самарқанд ё маҳалҳои атрофи он алоқаи хешутаборӣ ва рафтуомади доимӣ надошта бошанд.

Донишманди эронӣ Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб дар бораи забон андешаронӣ намуда, дуруст қайд мекунад, ки “Забон зодаи зеҳни одамӣ аст ва сахту суст, пасту баланд зиндагии вай дар тараққӣ ва инҳитоти забон таъсири мусаллам дорад. Ҳамон гуна ки зиндагӣ … пайваста дар тағйиру табдил … ва суъуду нузул аст, забон низ доим дар таҳаввулу тағйир аст. Ҳар рӯз луғат ё таркиб ё истилоҳ ё зарбулмасал ҳатто қоидаи дастурии тозае падид меояд ва дар баробари он қисмате аз он чи зиндагии ҳозир ба он ниёз надорад, аз миён меравад ва дар радифи вожаҳои мурдаи забон ҷой мегирад. Таҳаввули забон ва тағйироти онро ба таҳаввули ҷомеаи соҳиби он забон метавон монанд кард» [5, 82].

Ҳамин нуктаро нисбат ба лаҳҷаҳои як забон ҳам метавон гуфт. Ба андешаи мо, дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ, раванди босуръати омезиш ва таъсири пурзӯри забони адабӣ барин омилҳо лаҳҷаҳои ҳар забони миллӣ нисбат ба шохаи адабии он бештар ба таҳаввулу тағйир дучор меоянд ва дар кори ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ ва омӯзиши маводи лаҳҷаҳо таъхир кардан ба манфиати илми забоншиносӣ нахоҳад буд.

Ҳамин тариқ, ҷамъоварӣ, тадвини фарҳанги шеваҳои ноҳияи Айнӣ ва мавриди пажуҳиши густурда қарор додани луғати шеваҳои ин минтақаи кӯҳистони кишварамон дар ҳалли бисёр масъалаҳои марбут ба забони адабии имрӯза, таърихи забон ва дар равшанӣ андохтан ба бисёр саҳифаҳои норавшани маданияти маънавии халқамон ба гунаи неку мусоидат хоҳад намуд.

## АДАБИЁТ

1. Алиакбар Д. Луғатномаи Деххудо. / Д. Алиакбар. Ҷ. 4. –Теҳрон, 1998. -1597; Ҷ.12. –Теҳрон, 1998. -1597;
2. Капранов А.В. «Лугати фурс» Асади Туси и его место в истории таджикской (фарси) лексикографии. / А.В. Капранов. –Душанбе, 1964. – 215 с.
3. Маҳмудов, М., Бердиев, Б. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро. / М. Маҳмудов, Б. Бердиев. – Душанбе: Дониш, 1989. – 280 с.
4. Маҳмудов, М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. –Душанбе, 2012. – 946 с.
5. Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб. Забону адаби форсӣ // Форсӣ ва оини нигориш (5). / М.Ҷ. Маҳҷуб. – Теҳрон, 1376. -С. 81-82.
6. Раҷабов Б. Дар суҳбати Лоиқ: Маҷмӯаи мусобиҳаҳо ва муколамаҳои Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ ба муносибати 80-умин солгарди зодрӯзаш. / Б. Раҷабов. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – 252 с.
7. Розенфельд А.З. Таджикско-русский диалектный словарь. / А.З. Розенфельд. –Л., 1982.–240 с.
8. Ҷӯраев, Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ. / Ғ.Ҷӯраев. – Душанбе: Эр-граф, 2017. 320 с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Раҳмон Эмомалӣ. –04.10.2019. http://president.tj

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТРЕБОВАНИЯ К ФОРМИРОВАНИЮ РЕЧЕВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ПРОЦЕССЕ МЕЖПРЕДМЕТНЫХ СВЯЗЕЙ

**Таирова Д. Р.**
***Технологический университет Таджикистан***

Проблема межпредметных связей интересовала педагогов ещё в далеком прошлом. Ян Амос Коменский[6] выступал за взаимосвязанное изучение грамматики и философии, философии и литературы, Джон Локк - истории и географии. В России значение межпредметных связей обосновывали В.Ф. Одоевский, К.Д.Ушинский [9] и другие педагоги. В советское время много внимания межпредметным связям уделяла Н. К. Крупская. «Комплексность комплексности рознь, - писала она в 1932 г. в «Методических заметках». Есть комплексность, которая затемняет реальные связи и опосредствования, которая связывает воедино вещи, ничего общего между собой не имеющие и есть комплексность, способствующая пониманию существующих реальных связей между различными областями явлений и тем способствующая выработке цельного материалистического мировоззрения» [9].

Участие межпредметных связей в развитии познавательных способностей, активности, умственной деятельности содержатся в трудах Ананьева Б.Г., Выготского Л.С., Рубинштейна С.Л. и др.[2, 8]. Однако не все аспекты проблемы исследованы с достаточной точностью. До сих пор нет более или менее точного общепризнанного определения межпредметных связей.

Предлагаются их различные классификационные системы. В практике школы реализуются главным образом бинарные, в редких случаях тринарные связи (между двумя или тремя предметами). Не разработаны связи межцикловые (гуманитарных и естественнонаучных предметов). Научно не обоснована практическая методика межпредметных связей. Решение этих вопросов возможно лишь на путях тесного сотрудничества учёных, занимающихся этой проблемой, с одной стороны, и учителей массовой школы – с другой.

Генетически межпредметные связи восходят к межнаучным связям, а в конечном итоге – к наиболее общей закономерности существования мира всеобщей связи явлений. В настоящее время происходят глубинные процессы взаимопроникновения и интеграции наук и вместе с тем их дифференциации. Сама дифференциация научного знания оказывается в диалектическом смысле слова формой проявления интеграции, поскольку новые направления исследований «стирают» традиционно установившиеся границы между различными науками. Возникают связующие науки – биохимия, биофизика; синтезирующие науки – кибернетика; проблемные – онкология. Все большее влияние на естественные науки оказывают науки гуманитарные. Вместе с возрастанием человеческого фактора в социально-экономической жизни возрастает роль и влияние общественных наук, прежде всего философии как наиболее общей теории развития природы, общества, мышления, затем психологии, лингвистики, эстетики, логики и т.д. На стыках естественных и общественных наук возникают новые: математическая экономика, экономическая кибернетика, техническая эстетика, прикладная лингвистика. Междисциплинарный, меж научный характер приобретает изучение биосферы [5].

### *Методологическая функция межпредметных связей*

1. Межпредметные связи, выражая диалектический метод познания, способствуют повышению теоретического и научного уровня обучения. Методологическая функция межпредметных связей в учебном познании заключена в обнаружении единства в многообразии процессов и явлений, изучаемых разными учебными предметами. Межпредметные связи выявляют общее, особенное и единичное в изучении объектов [7].

2. Межпредметные связи приносят в учебное познание методологический аппарат современной науки. Их осуществление способствует приобщению учащихся к системному методу мышления. Они расширяют область познания, выделяя связи между элементами знаний из разных учебных дисциплин в качестве объектов усвоения. Ориентация на усвоение межпредметных связей сталкивает учащихся с методологическими проблемами правомерности переноса и синтеза знаний из разных научных систем. Это усиливает воздействие дедукции и индукции, анализа и синтеза, обобщения и конкретизации при общем росте поисковых путей познания. Межпредметные связи выступают как метод деятельности учачегося, развивающий у него способность к синтезу знаний из разных предметов, в единичном видеть общее и с позиций общего оценивать особенное [5].

3. Межпредметные связи формируют научное мировоззрение учащихся, которое выступает в качестве методологического ориентира в познании и оценке явлений действительности. Учащиеся могут понять роль отдельных наук в общей системе знаний о мире лишь в процессе системного освоения основ наук. Этому способствует освоение с помощью межпредметных связей мировоззренческих идей как универсальных форм знания, в которых выражено и содержание, и способ познания мира, и отношение к нему[1].

4. Межпредметные связи обеспечивают систему в организации предметного обучения. Они выполняют свою методологическую функцию в преобразовании процесса обучения

тогда, когда идея межпредметных связей используется педагогическим коллективом как регулятивная норма практики. Межпредметные связи побуждают преподавателя к самообразованию, творчеству и взаимодействию с другими преподавателями-предметниками. Это способствует повышению педагогического мастерства и сплочению педагогического коллектива в режиме одних задач обучения.

Межпредметные связи являются одним из важнейших факторов совершенствования процесса обучения в целом, на всех его уровнях. Межпредметные связи выступают как потребность развивающего обучения современных учащихся. Методологическая функция межпредметных связей обеспечивается, когда они используются как метод системного усвоения знаний и как метод совершенствования процесса обучения в предметной системе, его организации в единое целое[3].

В традиционном делении наук на гуманитарные, естественные, технические отражены объективно-предметные отношения между ними. Такое разделение закреплено в циклах учебных предметов, которые сгруппированы по общности объектов изучения – общество, природа, труд. При этом возникает внутрицикловые и межцикловые связи, систематизирующие знания и умения учащихся общих объектов познания [4].

Особенности межпредметных связей в предметах гуманитарного цикла определяются: общими целями гуманитарного образования, которые направлены на идейно-нравственное и эстетическое воспитание учащихся; общим объектом изучения, которым является человек, его деятельность в обществе; спецификой видов знаний (научных, художественных и др.), отражённых в содержании гуманитарных предметов и видов деятельности (познавательная, речевая, художественная, изобразительная и др.), в которые включаются учащиеся при их изучении. Межпредметные связи признаны донести до сознания учащихся общность предметов гуманитарного цикла, а также показать специфику содержания и методов науки в каждом учебном предмете.

Однако нам представляется, что рассмотрение принципов обучения следует начинать с таких, которые в первую очередь определяют специфику русского языка в процессе межпредметных связей, поэтому мы начнём с изложения общеметодических принципов обучения русскому языку в условиях национальных школ. Далее мы остановимся на общедидактических принципах. И в конце, будет сделана попытка вывести частнометодические принципы – принципы формирования устноречевого взаимодействия, учащихся на уроке русского языка в процессе межпредметных связей.

К числу общеметодических принципов относятся принцип коммуникативности, принцип дифференциации и интеграции, принцип учета родного языка, а также принцип аутентичности. Рассмотрим их подробнее.

1. Принимая во внимание цели обучения русскому языку в школе в процессе межпредметных связей, ведущим методическим принципом следует назвать **принцип коммуникативности**. Коммуникативность заключается в подобии процесса обучения процессу коммуникации. Данный принцип нашёл отражение во всех современных учебниках и учебных пособиях по русскому языку он практически определяет все составляющие учебно-воспитательного процесса по русскому языку.

Если рассматривать реализацию принципа коммуникативности в интеракции, то можно сказать, что стимулом для организации взаимодействия, учащихся выступают конкретные коммуникативные задачи, которые должны быть личностно значимыми, учитывать личностные качества учащихся и т.п.

В формировании устноречевого взаимодействия принцип коммуникативности приобретает особую значимость, поскольку коммуникация, перцепция и интеракция представляют собой три взаимосвязанных аспекта общения.

2. **Принцип дифференциации и интеграции**. Установлено, что для каждого вида речевой деятельности (говорение, чтение, аудирование, письмо) характерен свой «набор» действий и даже своё лексико-грамматическое оформление. Данное утверждение позволило сформулировать методический принцип дифференцированного подхода к обучению аспектам языка и видам речевой деятельности. При этом дифференциация осуществляется как бы на разных уровнях; проводится чёткое разграничение в обучении:

- устной речи (аудирование, говорение) и письменной речи (чтение, письмо);
- внутри устной речи в обучении говорению и аудированию; внутри говорения – в обучении монологической и диалогической речи; и, наконец, в каждой из указанной выше форм – подготовленной и неподготовленной речи[8].

В то же время известно, что в последние годы одним из ведущих методических принципов является параллельное развитие всех видов речевой деятельности. Организация различных форм взаимодействия, учащихся позволяет создать хорошие возможности также и для развития всех видов речевой деятельности.

При обучении русскому языку в процессе межпредметных связей должен также осуществляться и принцип интеграции, который проявляется, прежде всего, в том, что усвоение различных аспектов языка, его фонетики, грамматики и лексики происходит не отдельно, как неких дискретных компонентов языка, а интегрировано. Использование метода проектов на уроке русского языка в процессе межпредметных связей позволяет осуществить дифференциацию обучения, а также развить все виды речевой деятельности наиболее полно.

Принципы дифференциации и интеграции являются одним из ведущих принципов личностно ориентированного обучения, направленного на развитие познавательного интереса и речемыслительной активности учащихся на уроке русского языка в процессе межпредметных связей[8].

3. В современной методике **принцип учёта родного языка** в преподавании русского языка в процессе межпредметных связей признаётся всеми, если обучение не ведётся в многоязычной аудитории. Родной язык должен учитываться при отборе содержания обучения учебного материала, его организации, а также и в самом процессе (при формировании фонетических, графических, орфографических, лексических и грамматических навыков). При обучении русского языка в процессе межпредметных связей необходимо также учитывать речевой опыт учащихся на родном языке, т.к. данный аспект имеет особое значение при формировании у учащихся навыков общения и взаимодействия на занятиях по русскому языку в процессе межпредметных связей.

Безусловно, в процессе организации речевого взаимодействия преподавателю нужно создавать условия, в которых учащиеся будут осуществлять взаимодействие преимущественно на изучаемом русском языке. Однако не исключено, что в случае возникновения трудностей в процессе обсуждения той или иной коммуникативной ситуации, учащиеся будут использовать для её решения родной язык вместо русского. В таком случае преподаватель должен использовать такой вид обобщающего задания, в котором результаты обсуждения будут представлены в форме монологической или диалогической речи на изучаемом языке. Так, например, можно использовать мозаичную головоломку, дискуссии с подведением итогов, ток-шоу и т.п.

4. В последние годы всё большую значимость в современной методике преподавания русского языка приобретает **принцип аутентичности**.

В переводе с английского «аутентичный» означает «естественный». Существуют различные подходы к описанию всех аспектов аутентичности. Аутентичность он рассматривает как свойство учебного взаимодействия; в этой связи работу над текстом он видит не как упражнение, а как аутентичную коммуникативную деятельность. Иными словами, аутентичность в методическом плане не является чем-то привнесённым извне в виде, например, текста, предназначавшегося автором для носителей языка, а не для иностранцев. Аутентичность создаётся в учебном процессе в ходе взаимодействия учащихся на занятии.

Таким образом, язык, применяемый на занятии, не противопоставляется «реальному» языку, а «учебное», совсем не обязательно означает «неаутентичное»; всё зависит от умения преподавателя организовать взаимодействие учащихся и от умения учащихся использовать учебный (и дополнительный) материал в процессе взаимодействия.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Максимова В.Н. Межпредметные связи в учебно-воспитательном процессе современной школы. -М.: Просвещение, 1986.
2. Выготский Л.С. Мышление и речь. - М.:, -1934-54с.
3. Гурьев А.И. Межпредметные связи - теория и практика //Наука и образование - Горно-Алтайск, 1998 - № 2. - 204с.
4. Дергачева Г.И. и др. Методика преподавания русского языка как иностранного на начальном этапе. - М.: Наука, 1986. - 31с.
5. Кларин М.В. Инновационные модели обучения в зарубежных педагогических поисках. - М.: Арена, 1994. - 222с.
6. Коменский Я.А. Избранные педагогические сочинения: в 2-х т. - М., 1932.
7. Макаренко А.С. Педагогические сочинения: в 8-ми т. - М., 1984.
8. Рубинштейн С.П. Основы общей психологии. Санкт-Петербург, ЗАО «Издательство «Питер», 1999.
9. Турик Л.А., Осипова Н.А. Педагогические технологии в теории и практике: учебное пособие. – Ростов н/Д: Феникс, 2009. – 281с.

## АЛОҚАМАНДИИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БО ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИН

**Шамсова Бибихосият Кудратовна**
***Донишгоҳи технологии Тоҷикистон***

Пешрафти илму техника ва технология, ҷаҳонишавии тамаддунҳо, фарҳангҳо, омезиши расму оин ва анъанаҳо, фароҳам омадани фазои ягонаи таҳсилот ва дигар омилҳо нақши омӯзиши забонҳои хориҷиро дар ҷаҳони муосир боз ҳам болотар мебарад. Ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар ҳама давлатҳои ҷаҳон аҳамияти хоса зоҳир менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар баробари дигар мамлакатҳои пешрафта муҳиммияти омӯзиши забонҳои хориҷиро аллакай солҳои 2003 дарк карда буд. Ҳамин аст, ки соли 2003 «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои солҳои 2004-2014» аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба имзо расид. Соли 2014 бошад, барномаи мазкур барои солҳои 2015-2020 тамдид гардид. Таъкидҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба устодону донишҷӯён ва аҳли зиёи мамлакат дар бораи омӯзиши беш аз ду забони хориҷӣ низ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷаҳони имрӯза моро водор месозад, ки ба ин масъала аҳамияти махсус диҳем.

Илова бар ин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Ҳукумати мамлакат кӯшиш бар он доранд, ки аз муассисаҳои томактабӣ сар карда то ба зинаҳои болои таҳсилот омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба роҳ монда шавад. Ин иқдом маҳз дар асоси «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» сурат мегирад.

Дар баробари истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ интихоб ва истифодаи роҳу усулҳои таълим низ аҳамияти калон дорад. Аз интихоби дурусти усули таълимӣ, истифодаи восита ва маводҳои таълимӣ, маҳорату малакаи касбии омӯзгор самаранокии натиҷаи таълими ӯ вобастагии калон дорад. Яке аз мушкилоти таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олии ғайризабонӣ наздик ба ихтисоси донишҷӯён таълим додани забонҳои хориҷӣ ба шумор меравад. Агар мушаххастар карда баён намоем, дар рафти таълими забонҳои хориҷӣ, дар баробари омӯзиши фонетика, грамматика, лексика ва дигар қисматҳои забон, омӯзгори касбиро мебояд ба омӯзонидани истилоҳоти касбии ихтисоси донишҷӯён аҳамияти хоса зоҳир намояд. Мутахассиси ояндаро мебояд дар доираи фаъолияти касбии худ бо забони хориҷӣ муошират карда тавонад. Солҳои охир ба роҳ мондани таълими истилоҳоти касбӣ ҳангоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ диққати муҳаққиқони соҳаро ба худ ҷалб намудааст.

Таълими забонҳои хориҷӣ дар ихтисосҳои иқтисодиёт, иқтисодиёти ҷаҳон ва амсоли инҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ талаб менамояд, ки дар баробари омӯзиши сохтори забон, ба таълими лексикаи касбии донишҷӯён, истилоҳоти соҳаи онҳо таваҷҷуҳ зоҳир кардан зарур аст. Дар сурати аз худ намудани истилоҳоти соҳавӣ, донишҷӯён метавонанд дар оянда забони хориҷиро ҳангоми фаъолияи касбӣ бе мушкилот мавриди истифода қарор диҳанд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ба ихтисосҳое, ки касби ояндаашон забоншинос, муаллими забонҳои хориҷӣ, тарҷумон нест, таълими забонҳои хориҷӣ ба таври бояду шояд таълим дода намешаванд. Аксар вақт омӯзгорон аз доираи таълими системаи забони хориҷӣ берун нарафта, масъалаи таваҷҷуҳ додан ба истилоҳоти соҳаро фаромӯш месозанд. Мушкилоти мазкур сабаби он мегарданд, ки мутахассисони оянда забони хориҷиро дар самти фаъолияти касбии худ тамоман истифода карда наметавонанд.

Барои муайян сохтаи мушкилоти ҷойдошта, ошкор сохтани вазъи кунунии таълими истилоҳот зарур донистем, ки аввалан ба омӯзиши қисмати назариявии масъала пардозем. Баъдан, тавассути гузаронидани пурсишнома миёни донишҷӯёну омӯзгорон ошкор созем, ки то кадом андоза таълими забонҳои хориҷӣ, мавқеъ доштани омӯзиши истилоҳот ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Дар доираи таълими забони хориҷӣ, бо назардошти самти касбӣ ва ихтисоси донишҷӯён, луғати ҳадди ақали истилоҳӣ барои онҳо лозим аст, ки барои кор бо матнҳои ихтисос заруранд, то бо фаҳмидан ва гирифтани иттилооти зарурӣ. Ин ҷо бояд ба чунин хусусияти истилоҳ ба мисли систематизм, ки системаи мафҳумҳои соҳаи ҳуқуқии донишро ифода мекунад, рӯ оварем. Донишҷӯён бояд зарурати таснифи мафҳумҳоро шарҳ диҳанд ва хусусиятҳои онҳоро таъкид кунанд. Ҳангоми ташаккул додани ҳадди ақали истилоҳӣ барои донишҷӯён, омӯзиши истилоҳҳо мутобиқи иртиботи онҳо ба гурӯҳи мушаххаси семантикӣ зарур аст.

**АДАБИЁТ**

1. Азимов Э. Г., Щукин А. Н., Новый словарь методических терминов и понятий (теория и практика обучения языкам). – М.: Издательство ИКАР, 2009. – 448 с.
2. Алексеева Л.М. Проблемы термина и терминообразования: учебное пособие по спецкурсу. – Пермь: Пермский университет, 1998. – 120 с.
3. Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014
4. Гринев-Гриневич С.В. Терминоведение: учебное пособие. М.: Академия, 2008. – 304 с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2, (О-Я) зери таҳрири Сайфиддин Н. (раис), Аҳмадҷон С., Саид К., Мирзо Ҳ. С., Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, 2008 – 945

## ҶАНБАҲОИ ИЛМӢ-ГУМАНИТАРӢ ВА ИҶТИМОИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шарифзода Исомиддин Умар**
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 26-уми декабри соли 2018 ироа гардид, саноатикунонии босуръати кишвар ба ҳайси ҳадафи чоруми стратегии кишвар эълон гардида, таъкид карда шуд, ки нақшаи гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ бояд таъмин карда шавад. Ҳамчунин ҷиҳати иҷрои ин ҳадаф ба тамоми ниҳодҳои зиррабт ва роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифаҳо ва дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд [5.32]. Ҳуҷҷати мазкур имкон медиҳад, ки ҷиҳати устувории мавқеи саноат дар таъмини истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистон ва ҳалли масоили муҳимтарини иҷтимоӣ, аз ҷумла афзун намудани ҷойҳои корӣ ва бамаротиб баланд бардоштани некуаҳволӣ, таъмини бехатарӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад ва дар натиҷа як ҷаҳиши бузургеро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа ба миён оварад.

Саноатикунонӣ ва ҷомеаи саноатиро метавон аз дидгоҳи илмҳои зиёде мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод ва даҳҳо асару садҳо мақола навишт. Мо дар ин навишта мехоҳем, аз диди ҷомеашиносӣ ба таври иҷмолӣ баъзе ҷиҳатҳои аҳамияти ҷомеаи саноатиро дар пешрафти ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор диҳем. Барои равшан шудани матлаб ин ҷо зарур медонем, ки худи мафҳуми ҷомеаи саноатӣ ва хусусиятҳои онро дар муқоиса бо ҷомеаи тосаноатӣ (аграрӣ) ва фаросаноатӣ (иттилоотӣ) мавриди арзёбӣ қарор диҳем ва натиҷатан аҳамияти ин навъи ҷомеаро барои кишвар муайян созем.

Мафҳуми **ҷомеаи саноатиро** аввалин маротиба донишманди фаронсавӣ Сен-Симон истифода бурдааст. Хусусияти нави он зерсохти техникиро қайд кардааст. Ҷомеаи саноатӣ - ин ҷомеаи мураккабест, ки дар асоси тарзи хоҷагидории саноатии пурҳаракати боқувват ва навсозии сохтор, тарзи танзими иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар асоси озодии фард ва манфиатҳои

ҷомеа фаъолият менамояд, фаҳмида мешавад. Барои ин гуна ҷомеаҳо тақсими меҳнатӣ инкишоф ёфта, истеҳсолоти васеи мол, автоматикунонӣ ва мошинакунонии тарзи истеҳсолот, васоити коммуникатсияи оммавии инкишофёфта, шаҳрдорӣ ва ғайра хос мебошад. Ҷомеаи саноатӣ, ба гуфтаи олимон Р.Арон, У.Ростоу солҳои 50-60 асри 20 ба марҳилаи авҷи худ рушд намудааст. Таърихан ҷомеаи саноатӣ 250-300 сол пештар ба вуҷуд омадааст [3.270].

Тибқи тадқиқоти охири ҷомеашиносӣ, ки аз ҷониби донишмандоне чун Тоффлер ва Даниел Бэл [1.956] пешниҳод шуда, шинохти ҷомеа дар асоси заминаҳои истеҳсолӣ сурат гирифта, он ба се навъи ҷомеа: ҷомеаи тосаноатӣ (аграрӣ), ҷомеаи саноатӣ ва ҷомеаи пасосаноатӣ тақсим гардидааст. Ба ақидаи Тоффлер, инсоният то имрӯз ду навъи амвоҷи тамаддуниро аз сар гузаронидааст. Тамаддуни аграрӣ ва тамаддуни саноатӣ ва алъон ба остонаи зинаи сеюм, яъне тамаддуни пасосаноатӣ қадам мегузорад. Ҳар кадоме аз ин зинаҳо ба шакли муайяни муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳамбастагии одамон алоқамандӣ доранд. Агар дар ҷомеаи аграрӣ меҳвари муносибати одамон аз ҳамбастагии онҳо ба табиат маншаъ гирад, дар ҷомеаи саноатӣ ҳамбастагии инсон ба табиати дуюм ва дар ҷомеаи пасосаноатӣ ҳамбастагии инсон ба инсон сурат мегирад. Ҳар навъи ҷомеаҳо дорои хусусияти хос мебошанд, ки аз лиҳози истеҳсолӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва сатҳи маънавиёту тафаккур аз ҳамдигар фарқ мекунанд [8.784].

Дар ***ҷомеаи аграрӣ*** асоси истеҳсолотро замин ва меҳнати дастӣ ташкил медиҳад. Истеҳсолоти ин гуна ҷомеаҳо бисёр сода ва дар зинаи пасти рушд қарор доранд ва ниёзмандии одамон ниҳоят зиёд аст. Тафаккури ғолиби ҷомеаи аграриро тафаккури динӣ ташкил медиҳад ва дар ин навъи ҷомеаҳо ниҳодҳои бартаридоштаи иҷтимоӣ масҷидҳо ва артиш ба ҳисоб меравaнд. Танзими сиёсати дохилӣ бештар тавассути масҷидҳо сурат гирифта мардумон дар фазои арзишҳои динӣ ва қавонини шаръӣ бо ҳам муносибат мекунанд. Дар ҷомеаи аграрӣ фаҳмиши дониш - дониши динӣ ба ҳисоб меравад. Ин навъи ҷомеа хурофотзадаю сертаассуб аст, навгониро кам қабул доранд ва бештар анъанагароанд. Дар чунин навъи ҷомеа гурӯҳҳои афзалиятдоштаи иҷтимоӣ ходимони дин (руҳониён), заминдорон (феодалон) ба ҳисоб меравaнд. Имрӯз ҳам дар ҷаҳон давлатҳои дар сатҳи ҷомеаи аграрӣ қарордошта мавҷуданд ва ин гурӯҳ давлатҳоро давлатҳои рӯбарушд ном мебаранд, вале, мутаассифона, аксари ин кишварҳо худро бо озуқа таъмин карда наметавонанд ва тибқи омори ҷаҳонӣ дар ин кишварҳо ҳамасола 500 млн нафар аз гуруснагӣ ранҷ мебаранд ва 1,5 млр аз дастрасӣ ба одитарин ёрии тиббӣ маҳруманд. Дар ҷомеаи аграрӣ кишоварзӣ, чорводорӣ ва саноат дар шакли истихроҷ амал мекунад. Мутаассифона, дар ин гуна ҷомеаҳо бештар ашёи хом истеҳсол мешаванд. Ҷомеаи аграрӣ ҷомеаи суннатҳост, ки он дар асоси ҳамбастагии механикӣ вуҷуд дорад. Барои афроди ин ҷомеа пойбандӣ ба одобу анъанот, мансубият ба макони хос (маҳал, деҳа, шаҳр, минтақа), доштани руҳияи дастаҷамъӣ арзиши бештар дорад. Ҳувияти ин гуна ҷомеаро ҳувияти динӣ ташкил медиҳад.

Дар ***ҷомеаи саноатӣ*** бошад, истеҳсолот дар заминаи корхонаву дастгоҳҳои бузурги механиконидашуда ба роҳ монда низоми бузурги иқтисодӣ дар онҳо амал мекунад. Дар ин ҷомеа саноат асоси истеҳсолотро ташкил намуда, барои бароварда кардани ниёзҳои инсонӣ сафарбар карда мешавад. Дар ин навъи ҷомеа ниҳоди бартаридоштаро корхонаҳои бузурги истеҳсолӣ, компанияҳои молиявӣ ва хизматрасонӣ ташкил медиҳанд. Дар ҷомеаи саноатӣ гурӯҳҳои афзалиятдори иҷтимоиро соҳибкорону банкирҳо ташкил медиҳанд. Тарзи идоракунии ҷомеаи саноатиро бештар низомҳои сиёсии республикавӣ ва парламентарӣ ташкил медиҳанд. Қонунгузорӣ ва шакли идоракунӣ бештар хусусияти дунявӣ дошта, дар заминаи зарурияти иҷтимоӣ ба миён омадааст. Дар ҷомеаи саноатӣ фаҳмиши дониш на бар

пояи маҳдуди донишҳои динӣ, балки бар пояи донишҳои илмӣ амал мекунад. Зеро яке аз роҳҳои асосии нигоҳдошти сармоя ва боло бурдани он бо роҳи татбиқи техникаву технология сурат мегирад, ки онҳо маҳсули донишҳои илмӣ ба ҳисоб меравaнд, аз тарафи дигар, худи саноат ба дараҷаи болои тафаккури инсонӣ марбут аст, ки он аз замони дарки илмии табиат ва ҳаводиси дар он ба вуқуъпайваста маншаъ гирифтааст. Қобили қайд аст, ки зуҳури аввалин унсурҳои ҷомеаи саноатӣ ба асри 16 рост меояд. Ин навъи ҷомеа имкон медиҳад, ки бештар давлатҳои миллӣ инкишоф ёбанд. Зеро саноат ва корхонаҳои бузурги саноатӣ имкон медиҳанд мардумони минтақаҳои гуногун дар як фазо ҷамъ оварда шаванд ва дар заминаи этносҳои гуногун давлатҳои миллӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамчунин барои дар саноат кору фаъолият намудан, бояд афрод бо донишҳои илмию ҳирфавӣ мусаллаҳ бошанд. Яъне ҷомеаи саноатӣ имконияти ҳамагонӣ кардани илму донишро ба миён мегузорад ва нодонию таассубро аз байн мебарад. Дар ҷомеаи саноатӣ тавсеаи навгароиҳо ва шакли ҳамбастагии миёни фарду ҷомеа ба тадриҷ маҳдуд мешавад. Ҳар қадар дараҷаи саноатишавӣ боло равад, руҳи ҷамъӣ камтар мегардад. Ҳувияти ҷомеаи саноатиро ҳувияти миллӣ ташкил медиҳад. Зеро барои афроди дар ин гуна ҷомеа фаъолияткунанда манфиатҳои муштараки иқтисодӣ, маънавӣ ва сиёсие вуҷуд доранд, ки аксаран неруи худро барои ҳифзи онҳо сафарбар менамоянд. Ҷомеаи саноатӣ яке аз марҳилаҳои рушди ҷомеаи инсонӣ ба ҳисоб рафта хусусиятҳои хоси худро дорад. Ин гуна ҷомеа аз ҷомеаи аграрӣ бо он фарқ мекунад, ки истеҳсолот дар ин навъи ҷомеа ба тарзи густурда ба роҳ монда шуда тавассути таҳаввулоти куллии воситаҳои технологӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ сурат мегирад. Дар ҷомеаҳои тосаноатӣ ва аграрӣ меҳвари муносибати одамон аз ҳамбастагии онҳо ба табиат ва дар ҷомеаи саноатӣ ҳамбастагии инсон ба табиати дуюм маншаъ мегирад. Ин чунин маънӣ дорад, ки ҷомеаи аграрӣ ниёзҳои иҷтимоиро бевосита ба тариқи муносибат кардан ба табиат ва аз он ба тарзи натуралӣ истифода намудани маводи табиӣ бароварда мекунад. Ҷомеаи саноатӣ бошад, маводи аввалияро аз табиат гирифта онро ба василаи дастгоҳҳо ва технологияе, ки инсон онро тавассути дараҷаи баланди маърифати худ офаридааст, дигаргун сохта ниёзҳои хешро қонеъ мегардонад. Ба ақидаи Бел, ҳар як ҷомеа вобаста аз дараҷаи инкишофаш ба ягон шакли иттилооту дониш такя менамояд, ки тавассути онҳо байни аъзоёни ҷомеа муоширати табодули моддию маънавӣ сурат мегирад. Масалан, дар ҷомеаи саноатӣ паҳнсозии иттилооту дониш дар шакли чопӣ вусъат пайдо кард ва ин дар навбати худ саноати чопиро тавсия дод. Дар ҷомеаҳои саноатӣ соҳаҳои хизматрасонӣ дар алоқаи зич бо соҳаҳои ғизои хӯрокворӣ, нақлиёт, молия ва ғайра вусъат дорад [1.956].

**Ҷомеаи пасосаноатӣ -** ҷомеаест, ки истеҳсолоти онро саноати дараҷаи автоматикунонидашуда, ки дар он нақши асосиро татбиқи низоми иттилоот дар истеҳсолот ба миён оварданд. Ҷомеаи пасосаноатӣ аз солҳои 50-60-уми садаи 20 оғоз гардида ба суръат дар кишварҳои ҷаҳон паҳн мешавад. Ин ҷомеа аз зуҳури аввалин насли компютерҳо ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот маншаъ гирифта, имрӯз раванди истеҳсолотро дар кишварҳои ҷаҳон ба суръат тезонидааст. Ин навъи технологияҳо имкон додаанд, то ба ҷои инсон дастгоҳҳои автоматикунонидашуда ва низомҳои иттилоотӣ, роботҳо амалҳоро анҷом диҳанд. Дар ҷомеаи фаросаноатӣ ниҳодҳои бартаридоштаро донишгоҳҳо ва марказҳои татқиқотиву таҳлилӣ ташкил медиҳанд. Гурӯҳҳои афзалиятдоштаи иҷтимоӣ бошад, олимон ва мутахассисони баландпоя ба ҳисоб меравaнд. Зеро бунёди ин ҷомеаро илм ва донишҳои баланди илмӣ, ки дар заминаи он дастовардҳои азими технологӣ ба роҳ монда шудааст, ташкил медиҳанд. Агар ба таърихи ҷомеаи пасосаноатӣ назар андозем, мебинем, ки он ба миёнаи солҳои 70-уми асри 20 рост меояд, ки он марбут ба як қатор тағйирот дар ҷомеаҳои аврупоӣ ва осиёӣ аст. Марҳилаи гузариши қатъӣ ба ин навъи ҷомеаро солҳои 90-уми асри 20 метавон арзёбӣ кард, ки дар

кишварҳое ба мисли Ҷопон ва ИМА хароҷот дар нисбати маблағгузорӣ ба тадқиқоти илмӣ ва коркарди илмӣ аз хароҷот ба воситаҳои истеҳсолӣ зиёдтар гардид. Асоси иқтисоди ҷомеаи пасосаноатиро неруи зеҳнӣ ташкил медиҳад, ки истеҳсолот дар асоси неруҳои зеҳнӣ шакл гирифта, ба дараҷаи баланди сатҳу сифат оварда мерасонад. Иқтисоди ин навъи ҷомеаро иқтисоди инноватсионӣ низ меноманд. Ҷомеаи пасосаноатӣ кори ҷисмии инсонҳоро кам карда, дар он нақши асосӣ на ба захираҳои табиӣ ва қувваҳои корӣ, балки нақши асосиро неруҳои зеҳнии инсон ташкил медиҳад. Ин боис мегардад, ки суръати таркишҳои демографӣ ва зиёдшавии аҳолӣ дар ҷомеа камтар карда шавад [1.956]

**Ҷаҳони имрӯзро бидуни рушди саноат** тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳоло вақте ба воқеият ва вазъияти кишварҳои пешрафта назар мекунем, омилҳои зиёде дар раванди пешрафти иқтисодии онҳо мавҷуданд, ки онҳоро метавон аз қабили низоми муассири давлатӣ идоракунии рушди ниҳодҳои иқтисодӣ ҳисобид, ки ба он омилҳои аз қабили технологиякунонӣ, инноватсия, сармояи зеҳнӣ ва иҷтимоӣ ҷалби сармояи хориҷӣ ва инкишоф додани инфрасохторҳои гуногун метавон ҳисобид. Вақте ба рушди кишварҳои гуногуни минтақа ва ҷаҳон назар меафканем, рушди имрӯзаи иқтисодии кишварҳо нисбат ба он фаҳмиши классикии иқтисодие, ки қаблан вуҷуд дошт, фарқ мекунад [4.7-11].

Ҳоло ҷиҳати пешрафти рушди технологии иқтисод дар байни олимони соҳа баҳсҳои мухталиф вуҷуд дорад. Саноатикунонии босуръат эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегии Ҳукумати Тоҷикистон пеш аз ҳама таҳким бахшидан ва рушд додани иқтисоди миллӣ ва сиёсати иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Агар бунёдан ба ин ҳадаф таваҷҷуҳ намоем, чунин амалкард дар тамоми кишварҳое, ки ҳоло аз назари иқтисодӣ пешрафтаанд, ҷой дорад. Қобили қайд аст, ки барномаи аввали саноатикунонӣ ва гузариш аз ҷомеаи аграрӣ ба ҷомеаи саноатӣ ҳанӯз дар даврони шӯравӣ оғоз гардида буд, вале ба сабаби ин ки силсилакорхонаҳои дар он замон сохташуда, ба занҷираи ягонаи иқтисодии шӯравӣ пайваст буданд, аз ин рӯ бо аз миён рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ ин занҷираҳои мутамарказ гусаста шуданд ва аксар аз корхонаҳои он замон фаъолияткунанда аз кор бозмонданд. Агар он замон саноатикунонӣ бештар ба технологияи марбут ба ҳамон замон сурат гирифта бошад, пас бо муддати аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ наслҳои нави технология ба миён омадаанд, ки аз назари афзоиши истеҳсолот, кам кардани истифодаи қувваи корӣ, баланд бардоштани сатҳи маҳсулнокии истеҳсолот ва дар умум паст шудани арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда оварда расонид, ки ҳоло ҳамаи кишварҳои саноатӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд аз навтарин насли технологияҳои истеҳсолӣ кор бигиранд, то ин ки нархи маҳсулотро поин бурда, дар сатҳи бозори минтақавию ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро устувор нигоҳ доранд. Бо назардошти махсусиятҳои дар боло ишорашуда метавон аз саноатикунонӣ фаҳмиши наверо ба миён овард. Масалан, аз саноатикунонии индустриализатсия аз фаҳмиши классикӣ чунин фаҳмиш ба миён омада буд, ки иваз кардани меҳнати дастӣ ба меҳнати мошинӣ ва ба роҳ мондани истеҳсолоти васеи анвои маҳсулот (ё ба тарзи дигар, раванди гузариш аз аслиҳаи оди меҳнатӣ ба истеҳсолоти мошиникунонидашуда) фаҳмида мешуд [7. 2-16].

Вобаста ба вазъи имрӯзаи саноату саноатикунонӣ дар ҷаҳон, ки он дар заминаи технологияи насли нав сурат мегирад, ин равандро ҳамчун фаросаноатикунонӣ ё саноатикунонии босуръат (дар забони илмӣ мафҳумҳои аз қабили неоиндустриализатсия ё реиндустриализатсия) истифода мешавад. Таҳти ин мафҳум раванди рушд ва модернизатсияи истеҳсолотро дар асоси платформаҳои технологӣ метавон арзёбӣ кард, ки дар он насли аз ҳама навтарини технологияҳои инноватсионӣ ва шаклҳои хоҷагидорӣ амал мекунанд. Дар ин ҳолат саноат ба ҳайси фазои дорои асоси илмӣ фаҳмида мешавад, ки дар он на танҳо ба тарзи

анъанавӣ, ки аз ҷузъҳои истихроҷу коркард, балки инчунин аз истифодаи нанотехнология, дорусозӣ, оптика, микроэлектроника, техникаи тиббӣ ва соҳоти дигари пешрафта ва то охир коркунанда иборат аст. Фаҳмиши нави саноатикунонӣ ба тарзи объективӣ инъикосгари раванди муосири иқтисодию иҷтимоии ҷомеаҳо буда, он куллан аз саноатикунонии фаҳмиши қаблӣ фарқ мекунад. Қобили зикр аст, ки ҷаҳони имрӯз пайваст ба технологияи навтарине аст, ки он аз дастовардҳои илмӣ ва ихтироот маншаъ гирифта, ҳамчун консепсияи шашуми технологӣ шинохта мешавад. Ба он дастовардҳои илмҳое аз қабили нанотехнология, муҳандисии генетикии растанию ҳайвонот, шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ, инчунин анвои алтернативии генетика, технологияи квантӣ, фотон, микромеханика ва истеҳсоли маводи дар сатҳи микротехнология амал мекунад [10. 36-40].

Кашфиёти нави илмӣ, ки дар боло ишора шуданд, онҳо метавонанд паҳлуҳои гуногуни ҳаёту зиндагии инсонро дар бар гирифта, дар маҷмуъ ба раванди сатҳу сифати зиндагии инсонӣ таъсири хешро гузоранд. Онҳо метавонанд ҷиҳати истеҳсоли лавозимоти (фановарии) ниҳоятан дақиқ ҳам дар саноат ва ҳам дар муҳимоти шаҳрвандӣ аз қабили микроэлектроника, техникаи ҳисоббарор, энергетика, тиб, экология, автомобилсозӣ, саноати кайҳонӣ ва соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири худро гузошта, мушкилоти гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарию сиёсиро ҳал намоянд.

Қобили қайд аст, ки рақобати имрӯзаи иқтисоди ҷаҳонӣ тақозо менамояд, ҳамарӯза дар равандҳои истеҳсолӣ технологияи навтари такмилёфта мавриди татбиқ қарор бигирад. Ин раванд водор месозад, ки ҳар гуна корхонаи истеҳсолӣ ҳамеша дар пайи татбиқи дастовардҳои нави илмию технологӣ дар раванди истеҳсолоти худ бошад. Зеро дер мондан ва таъхир дар татбиқи технологияҳои навини соҳавӣ метавонад корхонаи истеҳсолиро ба мушкилот дучор намуда, сабаби бозмондагии истеҳсолот ва ба рақобат тоб наовардани корхона гардида, дар натиҷа ба муфлисшавии он оварда мерасонад.

Зикр кардан ҷоиз аст, ки дар раванди саноатикунонии босуръат нақши илму маориф ва сармояи зеҳнӣ ниҳоят муҳим аст. Мусаллам аст, ки танҳо ҷомеае, ки аз назари илму технология мусаллат бошад ва аз донишҳои навин бархурдор буда, ки дар он ҳамеша марказҳои илмию кашфиётӣ ҳамеша дар пайи дастовардҳои нави илмию технологӣ ҳастанд, метавонанд дар ин рақобат пирӯз гарданд ва самтҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоии худро пешрафта намоянд. Ба ин манзур, ҳеҷ гоҳ раванди саноатикунонии босуръат бидуни алоқамандии илму истеҳсолот сурат гирифта наметавонад. Аз ин рӯ, тарбияи мутахассисон дар самтҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, татбиқи дастовардҳои охири илмӣ ниҳоят муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мегардад. Қобили қайд аст, ки дар раванди истеҳсолот ҳар қадар насли нави технологияҳо ба роҳ монда шавад, ҳамон қадар иқтисоди кишвар боло меравад.

Як нуқта қобили зикр аст, ки дар баробари татбиқи насли нави технологияҳои истеҳсолӣ бояд кӯшиш ба харҷ дод то институтҳои илмию таҳқиқотӣ дар самти ба миён овардани фанновариҳои навтар мусаллат гардонида шуда, дар ин бахш сармояи иловагӣ ҷудо карда шавад, то ин ки минбаъд кишвар на фақат воридкунандаи технология ва мутахассис аз хориҷи кишвар бошад, балки пойгоҳҳои илмии пуриқтидоре дошта бошад, то ин ки олимон марказҳои пажуҳишӣ, институтҳои илмӣ ҳамеша дар пайи кашфиёти навини илмӣ-созандагӣ ва техникаву технологияи навин қарор гирифта, кишвар ба кишвари на танҳо истеҳсолкунандаи молҳои саноатӣ, балки зина ба зина ба кишвари истеҳсолкунандаи фанновариҳои навин табдил ёбад, ки аз як тараф, ҷиҳати қонеъ гардонидани ниёзи истеҳсолии саноати дохилӣ инчунин ҷиҳати ба содирот нигаронидани фанновариҳои навин дар сатҳи бозори ҷаҳонӣ қадамҳои устувори худро гузорад. Рушди саноатикунонӣ метавонад ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ

асири хешро гузорад ва аз як тараф дар боло бурдани илму маърифат, тафаккури техникӣ таъсир гузошта, аз ҷониби дигар, ба дараҷаи некуаҳолии мардумон оварда мерасонад. Саноатикунонии босуръат имкон медиҳад, ки диди мардумон, яъне ҷаҳонбинӣ иваз гардида, тамоми равандҳои таассубу хурофотзадагӣ дар ҷомеа кам мешавад. Он ба диди нав оварда мерасонад. Вақте ба кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон назар меафканем, ба вуҷуд омадани ҷомеаи саноатӣ ва фаросаноатӣ бо омадани дастгоҳҳои нави истеҳсолӣ, техника ва технологияи нав ҷаҳонбинии мардумон аз ҷаҳонбинии боварманди динию хурофотӣ ба навъи дигари ҷаҳонбинию ҷаҳоннигарӣ аз ҷумла ҷаҳонбинии илмӣ табдил ёфт. Боварии мардум ба қудрати физояндаи илм, ки он аз дастовардҳои илмӣ, бахусус техникаву технология берун омада буд, афзуд. Яъне, як ҷомеаи аз нигоҳи илмӣ илммеҳвар ва хирадбунёд ба вуҷуд омад.

Татбиқи саноатикунонии босуръат имкон медиҳад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ рушд намоянд ва дар маҷмуъ, ҷомеа ба марҳилаи дигари рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ноил гардад. Кишвар аз як кишвари бозори истеъмолӣ ба кишвари истеҳсолкунанда ва содиротӣ табдил ёфта, соҳаҳои гуногун, бахусус соҳаи илму маориф, ба соҳаи калидии ҷомеа табдил ёфта, ширкатҳои бузурги саноатию истеҳсолӣ ҷиҳати рушди таъмини босуботи худ соҳаҳои илмро маблағгузорӣ намуда, барои минбаъд ба вуҷуд овардани фанноварихои навини истеҳсолӣ, ки боиси нигоҳ доштани рақобати солим дар бозори ҷаҳонӣ мешаванд, заминагузор шавад. Ба маънии дигар, саноатикунонии босуръат имкон медиҳад, то илму истеҳсолот дар як меҳвар ҳаракат карда, онҳо якдигарро пурра намоянд ва ҳамбастагии ҳамешагӣ байни онҳо ба вуҷуд ояд. Ҳоло метавон яке аз мушкилоти асосии ҷомеаи моро набудани ҳамгироии илм ва истеҳсолот арзёбӣ кард.

**Саноатикунонии ҷомеаи тоҷик**, ки ҳадафи чоруми стратегии ҳукумати ҷумҳурӣ қарор гирифтааст, иқдоми саривақтӣ ва созандаест, ки бо татбиқ шудан метавонад таъсири мусбати хешро ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ расонад. Чунки сохтори асосии ҷомеаи саноатиро корпоратсияҳо, фирмаҳо, иқтисодиёти дар асоси истеҳсоли оммавии мол тавассути технологияи мошинӣ суратгирифта ташкил медиҳад. Ин навъи истеҳсолот имкон медиҳад, ки садҳо ҷойҳои кории нав таъсис дода шуда, мардум бо маоши хуб фаро гирифта шаванд. Нақши муҳимро ширкатҳои саноатӣ ва молиявӣ, гурӯҳҳои иҷтимоии соҳибкорон дар ҷомеаҳои саноатӣ мебозанд, аз ин рӯ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бойи табиӣ мебошад, ин омилҳоро ба назар гирифта, минбаъд коркарди ин гуна захоир имкон медиҳад, онҳо на дар шакли ашёи хом, балки дар шакли коркардшуда ва маҳсулоти тайёр ба бозори минтақавию ҷаҳонӣ арза карда шаванд. Ин раванд имкон фароҳам месозад, ки иқтисоди миллӣ рақобатпазир гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишвари истеъмолгар ба кишвари истеҳсолотӣ табдил ёбад. Мусаллам аст, ки кишвари истеҳсолотӣ имкониятҳои зиёди рушди иқтисодиёт ва соҳоти дигари иҷтимоиро дошта, чи аз лиҳози сиёсӣ ва чи аз лиҳози иқтисодию иҷтимоӣ осебпазирӣ дар он камтар мешавад. Барои татбиқи ин андешаҳо сохторҳои марбутаро зарур аст, корро дар асоси пешрафти илмию техникӣ, руҳияи соҳибкорӣ ва рақобати озоди демократӣ ба роҳ монанд. Саноатикунонии кишвар имкон медиҳад, ҷомеаи шаҳрвандӣ тавсия ёфта демократия густариш ёбад, заъфи низом дар тазоди дохилии он кам гардад. Бо татбиқи ҳадафи саноатикунонии кишвар имкон фароҳам меояд, то сарчашмаҳои даромади миллӣ густариш пайдо намуда, ҷиҳати татбиқи иҷтимоиёти давлат заминаи устувор фарҳам оварда шавад. Таҷриба нишон додааст, ки кишварҳои саноатӣ ва пасосаноатӣ, ки дар онҳо иқтисодиёт дар зинаи баланди рушд қарор дорад, чи аз ҷиҳати нуфузи сиёсӣ, иқтисодӣ ва чи аз ҷиҳати муътадилии иҷтимоӣ, дараҷаи баланди маънавиёт пойдору устувор аст. Чунки қишри асосии ҷомеаи саноатиро синфи миёна ташкил дода ва дараҷаи зиндагии онҳо дар сатҳи баланд қарор

дошта, онҳо муътадилии иҷтимоиро нигаҳ медоранд. Чун саноат асоси илммеҳвар дорад, сатҳи дониши илмии ҷомеаро боло бурда таассубу хурофазадагиро коҳиш медиҳад. Таҷриба собит кардааст, ки сатҳи баланди ташаккули давлатҳои миллиро дараҷаи ҷомеаи саноатӣ ташкил медиҳад, зеро бо бунёд шудани корхонаҳои бузург мардумони минтақаҳои гуногун ба ин навъи корхонаҳо ҷалб мешаванд ва дараҷаи омехташавии минтақаҳоро афзуда, раванди миллатсозиро метезонанд ва пояҳои давлатро устувор мегардонанд. Яъне, саноатикунонӣ метавонад шиддати унсури манфии маҳалгароиро паст намуда, онро аз байн бибарад. Хулоса, саноатикунонии иқтисоди кишвар метавонад як ҷаҳиши бузургеро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишвар фароҳам оварда, сатҳу сифати давлатдорӣ ва дар маҷмуъ, зиндагии мардумро ба маротиб беҳбуд бахшад ва заминаи гузариш ба ҷомеа пасосаноатиро фароҳам созад.

## АДАБИЁТ


1. Белл Д. Грядущее посиндустральное общество. Опыт социалного прогназирования. Перевод с англ. /Д. Белл. - М: Academiya, 1999. - 956 с.
2. Бел Д. Иноземцев В.Л. Эпоха разобщенности: размышления о мире XXI века. - М: Центр исследования посиндустрального общества, 2007. -304 с.
3. Гулаҳмадов Ш. Абдулвоҳидов А. Файзиев Б. Сотсиология. –Душанбе, 2012. -270 с.
4. Ганчаров Г.А. Управление институциональными изменениями: сложности и их решение на пути к успеху \\ Вопросы управления. 2016.№1(19). С.7-11.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26.12.2018)
6. Саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. -32 саҳ.
7. Сухарев О.С., Стрижакова Е.Н. Новая индустриализация – путь к повышению производительности труда в промышленности \\ Национальные интересы: приоритеты и безопасность. 2014. №10 (247). С.2-16.
8. Тоффлер Э. Третья волна. Пер. с англ./ Э. Тоффлер. –М: Изд-во АСТ, 1999. - 784 с.
9. Тоффлер Э. Метаморфозы власти. Пер. с англ./ Э. Тоффлер. –М: Изд-во АСТ, 2003. - 669 с.
10. Шаповалова Е.В., Захарова О.В. Экологический потенциал шестого технологического уклада. Вестник Тюменского Государственного Университета. 2012, №7 с. 36-40.

***Ба матбаа 29.11. 2023 супорида шуд. Чопаш 27.11.2023 ба имзо расид.***
***Андозаи 62x84 1/16. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.***
***Ҳуруфи Times New Roman Tj. Адади нашр 100 нусха.***